**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 340.1 (575.3)

**ТКБ:** 67. 99 (2 Т) 3

**А** – 50

**АЛИЕВ ИСМОИЛ ИСМОНОВИЧ**

# ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ШАКЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ ОНҲО ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Азиззода У.А.**

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИЧА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.......................3
**МУҚАДДИМА**..........................................................................................4-20
**БОБИ 1. МАФҲУМ ВА ТАСНИФИ ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ**..........................................................................................21-49
1.1. Мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ.....................21-33
1.2. Таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ...........................................33-49
**БОБИ 2. ШАКЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ**..........................................................................................50-147
2.1. Мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ.........50-63
2.2. Шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ..........................................................................................63-75
2.3. Амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ..........................75-89
2.4. Амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ.......................89-102
2.5. Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ..................102-115
2.6. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ...................................................................115-133
2.7. Амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ......................133-147
**ХУЛОСА**..........................................................................................148-152
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........................................................................................153-154
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................155-176
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........................................................................................177-180

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ**– Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КИҶҶ ҶТ** – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КТ ҶТ** – Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**м.и.** – монанди инҳо

**б.** – банд

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷомеае, ки инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ босуръат идома дорад, нақши институтҳои ҳуқуқӣ рӯз то рӯз меафзоянд. Яке аз чунин институтҳои ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Аммо институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ бе функсияҳои он, татбиқу амалисозии онҳо ҳамчун институти мукаммал буда наметавонад. Лозим ба ёдоварист, ки масъалаи функсияиҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз ҷумлаи масъалаҳои зери таҳқиқи васеи илмӣ қарорнагирифта ба ҳиисоб меравад. Зеро то кунун ҷанбаҳои алоҳидаи назариявию амалии масоили мазкур ба пуррагӣ мавриди таҳқиқоти илмии комплексӣ қарор нагирифтааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳама давру замони фаъолияти инсонияту давлатдорӣ падидаи муҳими ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардид ва то инҷониб мубрамияти худро гум накардааст. Махсусан, дар ҷомеае, ки муносибатҳои иқтисодӣ босуръат мавриди тағйирёбӣ қарор мегирад, дар риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ он боиси ба вуҷуд омадани баъзе мушкилиҳо мегардад. Ҳолати мазкур бозгӯкунандаи мубрамияти институти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, аз камшумор будани таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт дарак медиҳад.

Таҳия ва қабули санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ дар кишвар, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалисозии қонунгузории ҷорӣ оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир карда мешавад. Аммо доираи масъалаҳое, ки ба мақсадҳо, принсипҳои он ва махсусан шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманданд, ба назари мо, ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Бо ин назардошт таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи функсияҳои ҷавобгари ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, метавонад дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ навгониҳои мушаххасро ба миён оварад.

Мубрамияти таҳқиқи масъалаи мазкур ҳамзамон дар он ифода меёбад, ки маҳз дар натиҷаи мавҷудият ва амалисозии функсияҳои он институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мукаммал мегардад. Заминаи асосӣ ва муҳими ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ба самаранокии татбиқи он мусоидат менамоянд инҳо приниспҳо, мақсадҳо ва функсияҳои ҷавобграии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар раванди амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳои ҷавобгарӣ низ мавриди иҷроиш қарор мегиранд, зеро байни онҳо робитаи зич ҷой дорад. Маҳз вобастагии амалисозии мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияҳои ҷавобгарӣ аҳаммияти таҳқиқоти масъалаи баррасишавандаро нишон медиҳад.

Ҳарчанд дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи маҳдуд зоҳир гардида бошад ҳам, ҳануз масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт боқӣ мондаанд. Як қатор паҳлуҳои илмӣ ва амалии марбут ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо таҳқиқоти алоҳидаи илмиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, масъалаи муқаррарнамоии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар баробари мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунанда, шаклҳои нав ва самарабахши амалисозии функсияҳо ва монанди инҳо. Бинобар ин, омӯзиши маҷмуии масъалаи баррасишаванда аз аҳаммияти калони назариявию амалӣ бархӯрдор мебошад.

Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дар сатҳи зарурӣ дар амал татбиқ намудани онҳо ба сатҳу сифати қонунҳо ва иҷроиши онҳо вобастагии зиёд дорад. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ изҳор намуданд: «Таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини волоияти қонун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Чунки пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар ба суботу оромии ҷомеа ва таъмини волоияти қонун вобастагии

бевосита дорад»[1]. Аз таваҷҷуҳи Пешвои миллат бори дигар мушоҳида кардан мумкин аст, ки масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, омӯзиш ва таҳқиқи функсияҳо ва шаклҳои амалисозии он мубрамияти онро дучанд меафзояд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ таваҷҷуҳи давлату ҳукумати кишвар ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки механизми ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлату шахсони ҳуқуқӣ мебошад, зиёд гардид. Бинобар ин, дар самти мазкур консепсия, барномаҳои давлатӣ ва қонунҳои дахлдор қабул карда шуданд. Тибқи қонунгузории миллӣ баррасӣ намудани функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он аҳаммияти бештарро касб намуда, дар натиҷа на танҳо ба мукаммалгардонии илми ватанӣ, балки қонунгузории кишвар низ таъсири мусбӣ хоҳад расонид. Ҳамин тавр, ҳамаи гуфтаҳои боло бори дигар мубрамияти масъалаи таҳқиқшавандаро ифода мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо дар ҶТ то кунун ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмии монографию диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ қисман таҳқиқ гардидаанд. Дар ин ҷо метавон таҳқиқоти А.А. Абдурашидов[2], У.А. Азиззода[3], Г.С. Азизқулова[4], Э.Б. Буризода[5], З.Х. Зокирзода[6], А.З. Куканов[7], М.А.

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз санаи 23 декабри соли 2022 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[2] Ниг.: Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.

[3] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.

[4] Ниг.: Азизкулова Г.С., Шарипов Т.Ш. Отличительное черты между правовой и моральной ответственностью / Г.С. Азизкулова, Т.Ш. Шарипов // Сб. ст. республиканской научно-практической конфренции молодых ученных и специалистов. – Душанбе: «Дониш», 1989. – С. 102-103.

[5] Ниг.: Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана (от древнейших времен до начала XX века). – Т. 1, ч. 1-2. – Душанбе: «Ирфон», 2007. – 244 с.

[6] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с.; Зокирзода З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Ашӯриён», 2021. – 40 с.; Зокирзода З.Х. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ: нашри аввал. Қисми якум. – Душанбе: «Ашӯриён», 2022. – 152 с.; Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ: нашри аввал / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: «Ашӯриён», 2022. – 256 с.

Маҳмудзода[8], Э.С. Насриддинзода[9], Р.С. Одиназода[10], С.А. Раҷабзода[11], А.И. Сафарзода[12], Ш.Т. Тағойназаров[13], А.Ғ. Холиқзода[14], С. Ҳасанов[15], Ш.Т. Шарипов[16], Р.Ш. Шарофзода[17] ва дигаронро номбар кард. Олимони номбурда дар ҳалли проблемаҳои мухталифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории соҳавии ҶТ то андозае саҳми худро гузоштанд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо ҳамчун мавзуи омӯзиши як қатор олимони хориҷӣ низ қарор гирифтааст, аз қабили С.С. Алексеев[18], А.А. Анфёров[19], Б.Т. Базилев[20], М.А. Бестугина[21], М.С. Богданова[22], П.А. Варул[23], Т.Т. Дубинин[24],

---

7 Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / А.З. Куканов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 44-48.

8 Ниг.: Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2011. – 348 с.

9 Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – 204 с.

10 Ниг.: Одинаев Р.С. Формирование и развитие института мазалим в досоветском Таджикистане (историко-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 174 с.

11 Ниг.: Раҷабзода С.А. Асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / С.А. Раҷабзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ». – Душанбе, 2022. – С. 130-135.

12 Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 53 с.

13 Ниг.: Тагайназаров Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественых прав граждан в СССР. – Душанбе: Дониш, 1990. – 216 с.

14 Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: «Маориф ва фарханг», 2005. – 488 с.

15 Ниг.: Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Илм», 2017. – 496 с.

16 Ниг.: Шарипов Т.Ш. Оиди баъзе аз масъалаҳои мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ / Правовой государства и развитие законодательства Таджикской ССР / Сб. науч. Трудов студентов и аспирантов юр. фак-та / Отв. ред.: Ойгензихт В.А., Усмонов О.У., Махмудов М.А. – Душанбе: Тадж. гос. универ-т, 1991. – С. 85-92; Шарипов Т.Ш. О некоторых проблемах уголовно-правовой ответственности / Т.Ш. Шарипов // Сб. ст. республиканской научно-практической конференции молодых ученных и специалистов. – Душанбе: «Дониш», 1989. – С. 152-154.

17 Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – 784 с.; Сативалдыев Р.Ш. Актуализация проблемы функций государства на современном этапе / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/7 (213). – С. 213-223.

18 Ниг.: Алексеев С.С. Общая теория права. Т. 1. – М.: Юрид. лит., 1981. – 359 с.

19 Ниг.: Анфёров А.А. Право личности и юридическая ответственность: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2000. – 169 с.

20 Ниг.: Базылев Б.Т. Цели и функции юридической ответственности: вопросы теории и права и государственного строительства. – Томск: Изд-во Томского ун-та, 1978. – 60 с.

21 Ниг.: Бестугина М.А. Социальная ответственность и назначение гражданско-правовой ответственности в современных условиях (теоретический аспект): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1986. – 209 с.

22 Ниг.: Богданова М.С. Юридическая ответственность: основания, виды, субъекты: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – 187 с.

23 Ниг.: Варул П.А. Методологические проблемы исследования гражданско-правовой ответственности. – Таллин, 1986. – 152 с.

24 Ниг.: Дубинин Т.Т. Ответственность и освобождение от нее по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1984. – 297 с.

И.Э. Звечаровский[25], А.А. Иванов[26], Д.Н. Кархалев[27], Д.А. Липинский[28], И.А. Лумпова[29], М.Г. Мелкумян[30], А.С. Мордоветс[31], А.И. Петелин[32], Т.Н. Радко[33], Л.Б. Смирнов[34], И.Н Тихоненко[35], М.П. Трофимова[36], А.А. Хаджиев[37], Р.Л. Хачатуров[38], А.П. Чирков[39] ва дигарон. Воқеан саҳми олимони номбурда дар таҳқиқи масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо ниҳоят бузург мебошад. Олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҳарчанд мавзуи мазкурро дақиқан дар шакли монографӣ таҳқиқ накарда бошанд ҳам, вале баъзе аз паҳлуҳои онро баррасӣ карда, барои таҳқиқи маҷмуӣ ва минбаъдаи он замина фароҳам овардаанд. Бо вуҷуди ин, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ҳамчун мавзуи мубрами диссертатсионӣ таҳқиқ нагардида, омӯзиши бунёдиро талаб менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ

[25] Ниг.: Звечаровский И.Э. Уголовная ответственность: понятие, виды, формы реализации. – Иркутск: Изд-во Иркутск. ун-та, 1992. – 250 с.
[26] Ниг.: Иванов А.А. О воспитательной функции юридической ответственности в современном российском обществе / А.А. Иванов // Вектор науки ТГУ. – 2012. – №3 (21). – С. 138-140.
[27] Ниг.: Кархалев Д.Н. Ответственность по гражданскому праву. – Уфа, 2001. – 63 с.
[28] Ниг.: Липинский Д.А., Хачатуров Р.Л. Общая теория юридической ответственности. – СПб.: Пресс, 2007. – 270 с.
[29] Ниг.: Лумпова И.А. Виды ответственности в уголовном законодательстве: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 1991. – 17 с.
[30] Ниг.: Мелкумян М.Г. К вопросу о структуре воспитательной функции юридической ответственности / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – №1 (16). – С. 126-128; Мелкумян М.Г. Взаимодействие воспитательной функции юридической ответственности с регулятивной, превентивной и карательной функцией / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – №1 (16). – С. 54-57.
[31] Ниг.: Мордовец А.С. Гуманизм как принцип юридической ответственности в советском праве: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1983. – 190 с.
[32] Ниг.: Петелин А.И. Некоторые методологические проблемы исследования юридической ответственности / А.И. Петелин // Проблемы юридической ответственности по социалистическому праву: межвуз. сб. науч. ст. – Томск: Изд-во Томск. ун-та, 1977. – С. 3-23.
[33] Ниг.: Радько Т.Н. Теория государства и права: учебное пособие. – М.: Российская академия адвокатуры, 2001. – 412 с.
[34] Ниг.: Смирнов Л.Б. Юридическая ответственность осужденных в пенитенциарных учреждениях (теоретико-правовой аспект): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1995. – 18 с.
[35] Ниг.: Тихоненко И.Н. Основания освобождения от юридической ответственности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1995. – 21 с.
[36] Ниг.: Трофимова М.П. Функции юридической ответственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – 209 с.
[37] Ниг.: Хаджиев А.А. Юридическая ответственность как средство охраны окружающей среды: дис. ... канд. юрид. наук. – Алма-Ата, 1988. – 210 с.
[38] Ниг.: Хачатуров Р.Л. Антология юридической ответственности. – Самара: «Ас Гард», 2012. – 449 с.
[39] Ниг.: Чирков А.П. Ответственность в системе законодательства: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1989. – 208 с.

(Проблемаҳои такмилии қонунгузори ҶТ барои солҳои 2021-2025) иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ дар омӯзишу таҳқиқи масъалаҳо вобаста ба мафҳум ва моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, баррасии таснифоти намудҳои алоҳидаи он, таҳлили шаклҳои амалисозии функсияҳо, омӯзиши меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи мазкур ва омӯзишу таҳқиқ намудани шаклҳои амалисозии функсияҳо ифода меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати амалӣ намудани мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзишу таҳқиқи илмии **вазифаҳои** мазкурро зарур мешуморем:

– омӯзиши мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва махусусиятҳои он;

– муайянсозии таснифи намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи мафҳум ва моҳияти шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– таҳлили шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– баррасии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он;

– омӯзиши функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он;

– таҳлили функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он;

– таҳқиқи функсияи пешгирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он;

– баррасии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба омӯзиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи (предмети) таҳқиқоти диссертатсиониро ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба мавзуи таҳқиқот асосҳои таснифбандӣ, методологӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ дохил мешаванд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаи рушди қонунгузории ҶТ-ро оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо дар давраи шуравӣ ва пасошуравиро фаро мегирад.

Диссертатсияи мазкур дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ омода гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2021-2024 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро ғояҳо ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори илмии А.А. Абдурашидов, У.А. Азиззода, Г.С. Азизқулова, С.С. Алексеев, З. Ализода, А.А. Анфёров, Б.Т. Базилев, М.А. Бестугина, М.С. Богданова, П.А. Варул, Т.Т. Дубинин, И.Э. Звечаровский, З.Х. Зокирзода, А.А. Иванов, Ш.М. Исмоилов, Д.Н. Кархалев, А.З. Куканов, Д.А. Липинский, И.А. Лумпова, М.А. Маҳмудзода, М.Г. Мелкумян, А.С. Мордоветс, Э.С. Насриддинзода, А.И. Петелин, Т.Н. Радко, М.З. Раҳимзода, О.Э. Раҳмон, Л.Б. Смирнов, И.Н Тихоненко, М.П. Трофимова, А.А. Хаджиев, Р.Л. Хачатуров, С. Ҳасанов, А.П. Чирков, Р.Ш. Шарофзода, Ш.Т. Шарипов ва дигарон такя кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Аз ҷумла, усулҳои диалектика, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, давлатӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия васеъ истифода гардидааст.

Ба воситаи усули диалектика функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Тавассути усули мазкур воқеияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: маданӣ, ҷиноятӣ, конститутсионӣ, маъмурӣ, интизомӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ омӯхта шуд. Категорияҳои диалектикии сабаб ва натиҷа ҳангоми таҳлили функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шуд.

Усули мантиқӣ-забонӣ дар таҳлил ва пешниҳоди дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодагардида мусоидат менамояд. Дар заминаи усули мазкур истифодаи якхела ва дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ аз назари мантиқӣ ва забонӣ пешниҳод гардидаанд. Дар заминаи усули шаклӣ-мантиқӣ функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо ба қоидаҳо ва қонунҳои мантиқи шаклӣ асос ёфтааст.

Тавассути усули муқоисаи давлативу ҳуқуқӣ низоми қонунгузорӣ ва амалияи давлатҳои хориҷӣ дар робита ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ мавриди омӯзиш қарор гирифта, шабоҳат ва тафовути онҳо муайян карда шуд. Усулҳои мазкур дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, то таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаҷониба, пурра ва объективона гузаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Диссертатсия ба Конститутсияи ҶТ, қонунгузории ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Ҳамзамон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба ҳайси заминаи эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ хизмат кардаанд. Илова бар ин, гузоришҳои ниҳодҳои давлатӣ, нашрияҳои хусусияти оморӣ ва сотсиологӣ ҳамчун заминаи эмпирикии рисола хизмат намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои таҳқиқоти илмии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо мувофиқи қонунгузории ҶТ маҳсуб меёбад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ андешаҳои илман асоснокро оид ба мафҳум, намудҳо, махсусиятҳо ва шаклҳои муҳими амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии таҳқиқот, ки ба ҳимоя манзур мегарданд, навгонии таҳқиқоти мазкур ва иҷро намудани вазифаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

– аз ҷиҳати назариявӣ-ҳуқуқӣ мафҳум ва махусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, мафҳум ва хусусиятҳои илман асоснокгардидаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ манзур гардидааст;

– зимни таҳқиқот асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд;

– мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ омӯхта шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд;

– шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, махсусиятҳои онҳо вобаста ба намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ асоснок шудаанд;

– функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, махсусиятҳои он ҳамчун функсияи таъсирбахш муайян карда шудааст;

– шакли амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқ гардида, махсусусиятҳои он дар ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ, тибқи қонунгузории кишвар муайян гардидааст;

– амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, тарзҳои ҳифзи он тавассути намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, тибқи қонунгузории миллӣ муайян гардидааст;

– пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, асосҳои ҳуқуқӣ, субъектон ва чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ муайян карда шудааст;

– амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, махсусиятҳои он дар робита бо дигар намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои илмии назариявии зерин ифода меёбад, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

1. Мафҳум ва моҳияти функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёт ба таври мухталиф дода шудааст. Аммо, ҷавҳари умумии онҳо ин таъсиррасонӣ ба субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Тавассути функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Моҳияти мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифодакунандаи раванди таъсиррасонӣ мебошад, ки аз самтҳои алоҳида иборат буда, ба рафтору фаъолият ва муносибатҳои субъекти ҳуқуқ нигаронида шудааст. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои чунин махсусиятҳо мебошанд: маҷмуи самтҳои муҳими таъсиррасониро таркиб медиҳанд; таъсиррасонанда ба рафтору шуур, фаъолият ва муносибатҳои барандагони ҳуқуқ мебошанд; барои тамоми намудҳои ҷавобгарӣ хос мебошанд; мақсаду моҳияти иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқиро ошкор мекунанд; тавассути функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

2. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳанд, ки асосҳои таснифбандии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мухталиф буда, дар ин хусус андешаҳои гуногун ҷой доранд, аммо нуқтаи умумии онҳо ба мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора менамоянд. Агар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро бо мақсадҳои он муқоиса намоем, маълум мешавад, ки байни онҳо таносуби муайян вуҷуд дорад. Дар умум, чунин намудҳои функсияҳои ҷавобгариро зикр кардан мумкин аст: сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, пешгирӣ, ҷубронсозӣ, тарбиявӣ. Функсияҳои мазкур дар робита ба намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии

ҳуқуқӣ ба таври мухталиф амалӣ гардида, шаклҳои амалисозии онҳоро, чи дар шакли ихтиёрӣ ва чи дар шакли маҷбурӣ, қонунгузории кишвар муқаррар кардааст.

3. Моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он ифода мегардад, ки тибқи имконияти фароҳамовардаи қонунгузорӣ шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ субъективӣ интихоб карда шаванд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор риоя, истифода, иҷро ва татбиқи ҷавобгарии шахсро дар бар мегиранд. Иҷрои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбуриро пайдо мекунад. Истифода, риоя, иҷро ва татбиқ чор шакли баробар ва муҳими амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳар яке аз онҳо ҳатман дар баробари дигар мавҷуд мебошанд. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз намуди ҷавобгарӣ низ вобастагӣ дорад. Дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар хусусияти маҷбурӣ мегирад. Аммо, ба намуди ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ ва интизомӣ, ҳам шакли ихтиёрӣ ва ҳам шакли маҷбурӣ хос мебошанд.

4. Дар натиҷаи таҳқиқи масъала муайян гардид, ки амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои шаклҳои худ мебошад. Аслан, аз ҳама шаклҳои маъмули амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин шакли ихтиёрӣ ва шакли маҷбурӣ ба ҳисоб меравад. Аксари муҳаққиқон низ чунин мешуморанд, ки шакли бартаридошта ва ҳатто ягона шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ шакли маҷбурии он мебошад. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба намуди ҷавобгарӣ низ вобастагӣ дорад. Зеро ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои намудҳои мухталиф мебошад. Бояд гуфт, ки татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи ҷавобгарӣ шакли муайяни амалисозиро касб менамояд. Масалан, дар намуди ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ ва интизомӣ шакли ихтиёрӣ ва ҳам шакли маҷбурӣ хос мебошанд.

5. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба субъектони ҳуқуқвайронкунӣ мебошад, ки дар маҳрум сохтан ва маҳдуд кардани шахс асос меёбад. Дар натиҷаи таҳлилҳо муайян

карда шуд, ки функсияи сазодиҳӣ яке аз функсияҳои муҳими ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, дар татбиқи мақсадҳои он нақши ҳалкунанда дорад. Мафҳуми сазо ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври мухталиф пешниҳод гардида бошад ҳам, истифодаи мафҳуми сазодиҳӣ қобили қабул мебошад. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хоси ҳамаи шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, вале таъсири он бештар дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ равшантар ифода меёбад. Ҳар як ҷазо ва ё чораи ҳуқуқии татбиқшаванда бояд дорои сазои муайян бошад, вагарна мақсадҳои ҷазо амалӣ карда намешаванд. Сазо қисми асосӣ ва таркиботи муҳими ҳар як ҷазоро ташкил дода, маҳз вобаста ба он низоми ҷазоҳо бояд ташкил карда шаванд.

6. Функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, дар навбати худ, дар амалисозии дигар функсияҳо, аз ҷумла, тарбиявӣ, пешгирӣ ва сазодиҳӣ ёрӣ мерасонад. Зеро татбиқи ҷарима ба ҳуқуқвайронкунанда метавонад ба шуури шахс таъсир расонида, шахс онро ҳамчун сазои амали зиддиҳуқуқии худ ҳисобад ва минбаъд ислоҳ шуда, аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ даст кашад. Ҷарима ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи талаботи пешбининамудаи қонунгузорӣ таъин карда мешавад. Бо ин назардошт, яке аз воситаҳои амалисозии шакли маҷбурии функсияи ҷаримавӣ сазо ба ҳисоб меравад. Ин сазоест, ки ҳудуди онро қонунгузорӣ муқаррар кардааст ва бо дараҷаи вазнинии кирдори содиршуда муайян карда мешавад. Чораи мазкури ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои хусусияти молумулкӣ буда, бо тартиби хос муқаррар ва иҷро карда мешавад.

7. Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал талофӣ намудани ҷуброни зарар аз кирдори мушаххаси зиддиҳуқуқӣ шахс, ҷамъият ва давлат расидаро дар назар дорад, ки дар ду шакл: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба роҳ монда мешавад. Қонунгузорӣ шаклҳо, тартиб ва тарзҳои ҷубронсозиро муқаррар кардааст. Ҷубронсозӣ мафҳуми умумӣ буда, вобаста ба навъҳои зарар тағйир намеёбад. Яъне, тибқи қонунгузорӣ барои зарари маънавӣ ҷуброни зарари маънавӣ ва барои

зарари моддӣ ҷуброни зарари моддӣ муқаррар шудааст, вале дар ҳар ду ҳолат ҷубронсозӣ дар шакли моддӣ (пулӣ) сурат мегирад.

8. Функсияи пешгирии ҷавобгарӣ аз ҷумлаи функсияҳои муҳим ба ҳисоб рафта, самти таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба рафтори субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои пешгирӣ ва маҳдуд намудани имкониятҳои воқеии содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ равона гардидааст. Функсияи пешгирӣ ҳамчун яке аз шаклҳои амалисозии функсияи ҷавобгарӣ дорои сохтори мураккаб буда, он аз объекти таъсиррасонӣ, субъекти таъсиррасонӣ, тарзҳои таъсиррасонӣ ва асосҳои таъсиррасонӣ иборат мебошад. Амалӣ намудани функсияи мазкур дар алоҳидагӣ самаранок намебошад, балки дар якҷоягӣ бо дигар функсияҳо амалӣ мегардад. Албатта, тамоми функсияҳои дигар хусусияти пешгирӣ доранд, вале функсияи мазкур маҳз баҳри таъсир расонидан ба субъектон қабл аз ҳуқуқвайронкунӣ ва пас аз он муайян гардида, дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст.

9. Яке аз функсияҳои муҳими ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар ҳама намудҳои ҷавобгарӣ ба мушоҳида мерасад функсияи тарбиявӣ маҳсуб ёфта, дорои шаклҳои муайяни амалисозӣ мебошад. Дар ҷараёни татбиқи ҷавобгарии маданӣ он дар иҷрои уҳдадориҳои тарафайн аксаран дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маъмурӣ дар татбиқи ҷазои маъмурӣ ва таъсиррасонии идоракунию ҳокимиятӣ ифода меёбад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, шакли ихтиёрӣ дошта, дар ҳолатҳои вайрон кардани муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ низ унсурҳои маҷбуриро пайдо мекунад.

**Тавсияҳои амалии зеринро, ки дар натиҷаи анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шудаанд, пешниҳод менамоем:**

1. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани адолати судӣ, осон кардани кори субъектони мурофиаи судӣ, татбиқи амиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории кишвар беҳтар мешуд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар

баробари мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳамзамон, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ муқаррар карда мешуданд.

2. Дар қонунгузории маъмурӣ дар қатори принсипҳо ва асоси ҷавобгарии маъмурӣ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда нашудааст. Хубтар мешавад, ки дар м. 22[1] КҲМ ҶТ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ нишон дода шавад.

3. Бо мақсади ҷалби тамоми субъектон дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, ки «Стратегия пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон» қабул карда шавад.

4. Бо далели он ки ҷазо хусусияти сазодиҳӣ дошта, ба шуур ва рафтори инсон таъсир мерасонад, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ сазодиҳӣ ҳамчун унсури мақсади ҷазо илова карда шавад.

5. Истифодаи ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ қобили қабул мебошад. Аммо, дар ҳуқуқи меҳнатӣ истифодаи мафҳуми «ҷазо» дуруст ба назар намерасад. Зеро ҷазо хоси муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ буда, дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бештар огоҳию уҳдадориҳо ва иҷрои вазифаҳо меистанд. Дар моддаи 62 Кодекси меҳнати ҶТ истилоҳи «ҷазои интизомӣ» истифода шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 62 Кодекси меҳнати ҶТ истилоҳи «ҷазои интизомӣ» ба «муҷозоти интизомӣ» иваз карда шавад.

6. Бо асос гирифтани он ки мафҳуми ҷуброн, товон, талофӣ, зарар, зиён, хисорот дар қонунгузорӣ ба таври омехта муқаррар шудааст, беҳтар мешуморем, ки дар қонунгузории соҳавӣ ягонакунии мафҳумҳои ҳуқуқии мазкур ба роҳ монда шавад.

7. Дар моддаҳои 14, 15 КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зиён» истифода шудааст. Дар моддаҳои 1117, 1195, 1197, 1208, 1210-1223 КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зарар» истифода шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зиён» ба «ҷуброни зарар» иваз карда шавад.

8. Бо далели он ки дилхоҳ ҷиноят ба ҷабрдида зарар мерасонад, беҳтар мешуд, ки ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ на танҳо ба манфиати давлат, балки ба манфиати ҷабрдида низ равона карда мешуд. Дар ин асос, пешниҳод мегардад,

ки дар санксияҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар шакли 70/30 (яъне, 70%-и ҷарима ба манфиати давлат ва 30%-и он ба манфиати ҷабрдида ситонида шавад) муқаррар мегардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, криминология ва ғ. истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории соҳавии кишвар, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ ва ғ., метавон хулосаву пешниҳодоти таҳқиқотро вобаста ба масъалаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия,

нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои шуъбаҳои он муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявии зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– конференсияи байналмилалии илмию амалии «Иқтисод ва ҳуқуқ дар Россия ва ҷаҳон», – маъруза дар мавзуи «Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва таносуби он бо ҷуброни зарари маънавӣ» (Петрозаводск, ФР, 2022);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯзи он», – маъруза дар мавзуи «Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Душанбе, 2022);

– конференсияи байналмилалии илмию амалии «Равишҳои асосӣ дар идоракунии дониш дар соҳаи илм ва маориф», – маъруза дар мавзуи «Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Қазон, ФР, 2023);

– конференсияи байналмилалии илмию амалии «Тоҷикон дар оинаи таърих бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», – маъруза дар мавзуи «Ҷуброн намудани зарар ҳамчун функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Душанбе, 2023).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Асосҳои таҳкими истиқлоли давлатии ҶТ дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои

иттилоотӣ», – маърӯза дар мавзуи «Мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Душанбе, 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ, 3 воситаи таълимӣ, 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ ВА ТАСНИФИ ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

## 1.1. Мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Атрофи мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёти илмӣ гуногунандешӣ ҷой дошта, чунин ҳолат боиси баҳсҳои илмӣ байни олимон гардидааст. Мутаассифона, бо ин далел, проблемаҳои мубрами функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳалли худро пурра наёфтааст. Проблемаҳои мубрами функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, олимони тоҷик мафҳумҳои гуногуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд. Мавриди тазаккур аст, ки функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияҳои ҳуқуқ ва давлат робитаи зич дошта, дар умум баҳри татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат нигаронида мешаванд.

Дар сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ атрофи мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳои мухталиф ҷой дошта, новобаста аз ин андешаҳои манзурнамудаи олимон моҳияти умумиро ифода мекунанд. Бояд гуфт, ки институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз институтҳои маъмули ҳуқуқӣ буда, дар ин хусус таҳқиқотҳои илмии зиёд мушоҳида мешаванд ва ҳамзамон паҳлуҳои мухталифи он аз нигоҳи илмию қонунгузорӣ ҳалли худро ёфтаанд. Аз ҷумла, паҳлуҳои ҷудогонаи институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таҳқиқотҳои муҳаққиқон У.А. Азиззода, Г.С. Азизқулова, З. Ализода, Б.Т. Базилев, М.С. Богданова, З.Х. Зокирзода, Ш.М. Исмоилов, М.А. Маҳмудзода, А.С. Мордоветс, А.И. Петелин, И.Н. Радко, М.З. Раҳимзода, И.Н. Тихоненко, Х. Ҳамидов, С. Ҳасанов, Р.Ш., Шарофзода, Ш.Т. Шарипов ба назар мерасанд. Аммо масъалаи функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи ватанӣ то кунун ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ монда, ҷанбаҳои гуногуни он таҳқиқоти илмиро тақозо менамоянд. Алалхусус масъалаи мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва махсусиятҳои он таҳқиқоти алоҳидаи илмиро тақозо менамояд.

Барои муайян кардани мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ лозим мешуморем, ки ба мафҳумҳои функсия ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ равшании мушаххасе андохта шавад. Зеро дар сарчашмаҳо мафҳуми функсия ба таври гуногун шарҳ дода мешавад ва чунин ҳолат метавонад ба гуногунфаҳмӣ ва баҳсу мунозираҳо оид ба фаҳмиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гардад. Ҳамзамон, дар илми ҳуқуқшиносӣ ба ҷуз аз функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои ҳуқуқ ва давлат мавҷуд аст, ки нофаҳмиҳо дар ин самт метавонанд ба омехатасозии мазмуну моҳияти функсияҳои зикршуда бурда расонад.

Самаранокии татбиқ ва нақши фаъоли ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар функсияҳои он зоҳир мегардад. Аммо, бояд дар хотир дошт, ки истилоҳи «функсия» танҳо мафҳуми ҳуқуқӣ нест. Дар илм мафҳуми «функсия» ба маъноҳои гуногун истифода мешавад, ки ҳар як илм ин категорияро барои инъикос ва тавсифи амали падидаҳои омӯхташаванда истифода мебарад. Дар илми ҳуқуқ истилоҳи «функсия» дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX фаъолона барои нақши иҷтимоии давлат ва ҳуқуқ истифода мешуд. Умуман, мафҳуми «функсия» хеле норавшан аст. Он ба ҳама сохторҳои динамикӣ бидуни истисно дахл дорад. Ин ба гуногунрангии муносибатҳои ифодакунандаи он, инчунин, хусусияти функсияҳои маърифатии илмҳое, ки дар онҳо ин истилоҳ (математика, биология, ҷомеашиносӣ) истифода шудааст, вобаста аст. Аммо, ин ё он тарз, дар аксари мавридҳо, функсия бо таъсири равонашуда, интихобии система (сохтор, тамоми) ба ҷанбаҳои муайяни муҳити беруна алоқаманд аст.

Функсия дар назарияи давлат ва ҳуқуқ маънои самт, предмет ва мазмуни фаъолияти институти ҳуқуқии давлатиро ифода мекунад[40]. Функсия маънои амалӣ кардан ва иҷро намудани амали муайянеро ифода мекунад. Худи калимаи «функсия» аз вожаи лотинии «functio» – амалисозӣ[41] ибтидо мегирад. Дар фаҳмиши умумӣ «функсия» ифодакунандаи амал, вазифа ва

[40] Ниг.: Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности: дис. … д-ра юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 192.
[41] Ниг.: Советский энциклопедический словарь. – М.: Сов. энцикл., 1980. – С. 1449.

нақш аз робитаҳои дохиливу берунии низоми мазкур мебошад. Дар аксари мавридҳо функсия ҳамчун самт, мавзуъ ва муҳтавои фаъолияти давлатӣ-ҳуқуқӣ маънидод мешавад, ки он нақши иҷтимоии давлат ва ҳуқуқро ифода менамояд. Дар Фарҳанги тафсири истиллоҳоти забони тоҷикӣ[42] функсия ба ду фаҳмиш маънидод гардидааст: 1) ҳамчун кори узви бадан; 2) ҳамчун маҷмуи кор, вазифа, ва уҳдадорӣ. Аз андешҳои мазкур бармеояд, ки воқеан дар адабиёт истилоҳи функсия фаҳмишҳои мухталифро касб кардааст. Бояд гуфт, ки функсия вобаста ба ҷавобгарӣ тобиши каме дигарро ба худ касб намудааст. Яъне, маҷмуи самтҳои таъсиррасонӣ мебошад. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад ба сифати санксияи ҷаримавие баромад намояд, ки дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии танзимшавандаи ба огоҳсозӣ ва рафтори субъект бо мақсади тобеъсозии он бо муқарраroти меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир мегузорад.

Бояд тазаккур дод, ки анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар бораи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва муайян намудани мафҳуму махсусиятҳои он муҳим аст, зеро функсияҳо моҳият ва мақсадҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода мекунанд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз рӯйи мақсадҳои он муайян ва равона карда мешаванд. Агар мақсад ҳамчун оянда ва ҳозира, пешгӯии натиҷаи мувофиқ фаҳмида шавад, пас функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ҳамчун самтҳои асосие фаҳмида шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарӣ ба даст оварда мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ[43] масъалаи баррасишаванда аз ҷониби олимони назариячӣ бо тарзҳои гуногун ҳал карда мешавад, ки ин бештар ба дарки гуногуни худи падидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Ба андешаи М.П. Трофимова функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсири меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, тавассути онҳо мақсадҳои он амалӣ гардида, моҳияти он муайян карда

[42] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. (О-Я) / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – С. 410.
[43] Ниг.: Кожевников В.В. Функции юридической ответственности: общетеоретический и отраслевые аспекты / В.В. Кожевников // Современное право. – 2015. – №4. – С. 5-14.

мешавад[44]. Д.А. Липинский таърифи пешниҳоднамудаи М.П. Трофимоваро инкор намуда, эрод гирифтааст, ки он фарогирандаи танҳо таъсири танзимкунанда ва оморӣ буда, тамоми таъсири воқеии ҷавобгарии ҳуқуқиро дар бар намегирад[45]. Д.А. Липинский функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун самтҳои асосии таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мефаҳмад, ки он ифодакунандаи моҳияту мақсади иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, ҳамчун воситаи амаликунандаи мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баромад менамояд[46]. Ж.Ю. Юзефович бошад, баръакс, таърифи пешниҳоднамудаи М.П. Трофимоваро ҷонибдорӣ намуда, изҳор медорад, ки он моҳият ва мақсади функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро равшантар инъикос менамояд[47]. Аз мазмуни андешаҳои мазкур бармеояд, ки новобаста аз бархӯрди андешаҳо моҳияти умумии онҳо дар ибораи «воситаи таъсиррасонанда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амалисозандаи мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ифода мегардад.

Андешаҳои монанд ва каме фарқкунанда дар таҳқиқотҳои дигар муҳаққиқон низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, М.А. Бестугина функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун соҳаҳои мушаххаси таъсири ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ маънидод менамояд, ки ноил шудан ба мақсадҳои танзими ҳуқуқиро таъмин менамоянд[48]. Ба андешаи А.А. Мусаткин, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтори одамон, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанг мебошанд, ки моҳият, мақсади иҷтимоии онро ошкор мекунанд ва ба воситаи онҳо мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд[49]. Оид ба ин масъала И.А. Кузмин қайд менамояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ

---

[44] Ниг.: Трофимова М.П. Функции юридической ответственности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000.– С. 6.
[45] Ниг.: Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности: дис. … д-ра юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 196.
[46] Ниг.: Липинский Д.А. Асари зикршуда. – С. 197.
[47] Ниг.: Юзефович Ж.Ю. Функции юридической ответственности и формы их реализации по Российскому законодательству: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004.– С. 45.
[48] Ниг.: Бестугина М.А. О функциях юридической ответственности / М.А. Бестугина // 4-е философские чтения молодых ученых: (тезисы докладов). – М., 1986. – С. 147.
[49] Ниг.: Мусаткин А.А. Юридическая ответственность / Теория государства и права: учеб. / Отв. ред. А.В. Малько. – М., 2008. – С. 284.

ҳамчун «самтҳои муайяни таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ (ҳамчун институти ҳуқуқ ва чораи муҳофизатӣ) ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки тавассути онҳо ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд, моҳият ва мақсади иҷтимоии он ошкор карда мешаванд» фаҳмида мешавад[50]. Тавре аз мафҳумҳои додашуда бармеояд, онҳо қариб, ки моҳияти умумиро ифода мекунанд. Яъне дар онҳо фарқият кам ба назар мерасад. Тавре А.Л. Бредихин[51] қайд мекунад аксар вақт таърифҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳамдигар хеле монанданд, аз ин рӯ, зикри шумораи зиёди онҳо аҳаммияти амалӣ надорад.

Аз таҳлили андешаҳои баррасигардида чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тарзу воситаҳои таъсиррасонанда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф гардида, зимни чунин таъсиррасонӣ мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Яъне, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мақсадҳои ҷавобгарӣ вобастагии зич дошта, якдигарро пурра менамоянд. Дар хусуси чунин вобастагӣ Р.Ш. Шарофзода[52] равшанӣ андохтааст. Умуман, таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқии ватанию мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногун баён гардидааст.

Атрофи мафҳум ва фаҳмиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дигар андешаҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, А.И. Петелин қайд мекунад, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз мақсаду таъиноти махсуси он дар низоми пешгирӣ ва мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ бармеоянд[53]. Аз нигоҳи И.А. Галаган, зери мафҳуми «функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд нишонаҳои аслии таъиноти он»[54] дар назар гирифта шавад. Вале нуқсони таърифи мазкур ба андешаи мо дар он аст, ки муаллиф ба самти

---

[50] Ниг.: Кузьмин И.А. Юридическая ответственность и ее реализация: учеб. пособие / И.А. Кузьмин. – Иркутск: Изд-во ИГУ, 2013. – С. 88.

[51] Ниг.: Бредихин А.Л., Удальцов А.А. Функции юридической ответственности: дискуссионные вопросы / А.Л. Бредихин, А.А. Удальцов // Аграрное и земельное право. – 2024. – №2 (230). – С. 20.

[52] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, 2018. – 784 с.

[53] Ниг.: Петелин А.И. Проблемы правовой ответственности в социалистическом обществе. – Омск: ОВШ МВД, 1976. – С. 55.

[54] Галаган И.А. Административная ответственность в СССР (Государственное и материальное исследование). – Воронеж: Изд-во Воронежского ун-та, 1970. – С. 133.

таъсири ҳуқуқӣ ишора намекунад.

А.А. Анферов[55] мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро бо назардошти воситаҳои таъсиррасонии он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қайд намуда, дар низоми кафолатҳои ҳуқуқи инсон ба функсияҳои зерин ишорат мекунад: функсияи ҷаримавӣ; функсияи ҳуқуқбарқароркунӣ ва функсияи тарбиявӣ. Аз ҷониби муҳаққиқон оид ба ҷавобгарии мусбӣ, ки дорои функсияи ҳавасмандгардонӣ ва танзимӣ мебошад, гипотеза пешниҳод гардидааст. А.С. Мордоветс[56] қайд менамояд, ки ташвиқу ҳавасмандгардонии рафтори субъект як навъи ба танзим даровардан мебошад. Агар ба танзим даровардан ҳам дар сатҳи объекти умумӣ ва ҳам дар сатҳи объекти мустақим имконпазир бошад, дар ин сурат водор намудан фақат дар сатҳи таъсир расонидан бар рафтори субъекти ҳуқуқи мушаххас метавонад амалӣ гардад.

Д.А. Липинский мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро бо фарогирии чунин категорияҳои ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст[57]: дорои самтҳои асосии таъсиррасонӣ будани ҷавобгарии ҳуқуқӣ; нигаронидани чунин таъсирот ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтори субъект ва фарҳанги ҳуқуқии шахс; зимни таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ моҳият ва мақсади иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ошкор карда мешаванд; мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди татбиқ қарор дода мешаванд. Мафҳуми пешниҳоднамудаи муаллиф нисбат ба дигар мафҳумҳои баррасигардида васеъ буда, бисёре аз паҳлуҳои он равшану дақиқ муайян карда шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо функсияҳои ҳуқуқ алоқамандии зич дошта, баъзан якдигаро пурра мекунанд. Бинобар ин, лозим меояд, ки функсияҳои ҳуқуқ низ аз нигоҳи мафҳуму моҳият равшан карда шавад. Д.А. Липинский чунин андеша дорад, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар татбиқи тамоми функсияҳои ҳуқуқ

[55] Ниг.: Анфёров А.А. Право личности и юридическая ответственность: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2000. – С. 131.
[56] Ниг.: Мордовец А.С. О функциях юридической ответственности / А.С. Мордовец // 4-е Московские философские чтения молодых учёных: (тезисы докладов). – М., 1986. – С. 147-148.
[57] Ниг.: Липинский Д.А. К вопросу о содержании функций юридической ответственности / Д.А. Липинский // Новая правовая мысль. – 2003. – №1. – С. 19.

иштирок намуда, ба мазмун ва татбиқи мушаххаси онҳо таъсир мерасонанд. Дар навбати худ, функсияҳои ҳуқуқ ба мазмун ва хусусиятҳои амали ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд[58]. Аксарияти олимон функсияҳои ҳуқуқро ҳамчун самтҳои таъсири ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мақсади иҷтимоии ҳуқуқ мефаҳманд. Дар навбати худ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун зуҳуроти мушаххаси функсияҳои ҳуқуқ ва мушаххасгардонии онҳо фаҳмида мешаванд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар функсияҳои ҳуқуқро муайян мекунанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ як қатор таърифҳои мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасанд.

Функсияҳои ҳуқуқ дар татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз заминаҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб рафта, моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ошкор месозанд. Баъзе аз функсияҳои ҳуқуқ бо функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври ошкоро ва мазмунан шабеҳ буда, ҳар ду баҳри амалӣ гардонидани мақсаду вазифаҳои муайян нигаронида шудаанд. Агар функсияҳои ҳуқуқ самтҳои асосии таъсиррасонии ҳуқуқӣ фаҳмида шавад, пас ин ифодакунандаи он аст, ки функсияи ҳуқуқ дар муқоиса ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ васеъ мебошад. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ як самти муайяни амалигардонии функсияҳои ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми функсияи ҳуқуқ бояд дар як вақт ҳам мақсади ҳуқуқ ва ҳам самтҳои таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятиро фаро гирад. Бинобар ин, ҳангоми ошкор намудани мазмуни ин ё он функсияи ҳуқуқ пайвастани мақсади ҳуқуқ бо самтҳои асосии таъсири он ва баръакс вобастагии охиринро ба мақсади ҳуқуқ пайваста дар назар доштан лозим аст. Функсияҳои воқеии ҳуқуқ амалӣ намудани ҳадафи иҷтимоии он мебошад[59]. Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло асос мебахшанд, ки мафҳуми «функсияи ҳуқуқ» коллективӣ аст. Онро на танҳо ба ҳадаф ва на танҳо ба самтҳои таъсир кам

[58] Ниг.: Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности: дис. … д-ра юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 193.
[59] Ниг.: Радько Т.Н. Понятие и признаки функций права / Т.Н. Радько // Вестник Академии права и управления. – 2016. – №3 (44). – С. 24.

кардан мумкин нест. Функсияҳои ҳуқуқ ягонагии ду нукта мебошад: мақсади иҷтимоии он; самтҳои асосии таъсири он ба муносибатҳои иҷтимоӣ.

Бояд гуфт, ки ошкор намудани мазмуну моҳияти функсияҳои ҳуқуқ, пеш аз ҳама, таҳқиқоти ҷудогонаро талаб намуда, вале аз хусусиятҳои низоми ҳуқуқӣ вобастагии калон дорад. Функсияҳои ҳуқуқ мусоидат менамояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хубтару самаранок дарк карда шаванд. Агар ҷавобгарии ҳуқуқӣ худ як институти ҳуқуқ бошад, пас табиист, ки функсияҳои он аз функсияҳои ҳуқуқ маншаъ мегирад. Ҳатто, баъзе аз функсияҳои онҳо ба ҳамдигар наздикӣ дошта, онҳо дар якҷоягӣ муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ ва рафтори иштирокчиёни ин муносибатҳо таъсири назаррас мерасонанд.

Дар низомҳои ҳуқуқи таърихӣ низ ба масъалаи самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ, махсусан ба масъалаи татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ диққати хосса дода мешуд. Чунончӣ, И.Б. Буризода[60] қайд менамояд, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, аввалан бо мақсади пешгирии хусусӣ ва оммавии ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ мегардид. Далели ин гуфтаҳо хусусияти оммавӣ доштани татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ё ҷазоҳо буданд, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ мустаҳкам гардидаанд. Мавриди зикр аст, ки омӯзиши мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки на танҳо аз нигоҳи назариявӣ мафҳуми умумиэътирофшуда ва хусусиятҳои мувофиқи он муайян карда шавад, балки дар такмили қонунгузории амалкунанда низ бобати амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши сазовор мегузорад.

Мавриди тазаккур аст, ки байни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таносуби муайян ҷой дошта, робитаи мустақим доштани онҳо ва ҳамзамон тафовути ошкорои онҳо дар сарчашмаҳо мушоҳида мегардад. Гоҳе дар адабиёти ҳуқуқӣ андешае ба назар мерасад, ки мутобиқи он барои ин ё он соҳаи ҳуқуқ ин ё он функсия асосӣ ва дигар функсия дуюмдараҷа дониста мешавад, ки ин чандон саҳеҳ ва дуруст намебошад. Ин ба ягонагии

---

[60] Ниг.: Буриев И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII-начало XX вв.). – Душанбе, 1999. – С. 155.

функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мухолифат менамояд. Ҳар як функсия, дар маҷмуъ ҷавобгарии ҳуқуқиро баён сохта, дар амалисозии мақсадҳои он мусоидат менамояд ва дар миёни онҳо алоқаи зич мавҷуд аст.

Ҳамин тавр, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин таъсиргузории мустақим ва ғайримустақими ҳуқуқӣ ба шахсест, ки дорои ҷавобгарӣ мебошад. Худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар натиҷаи зарурати таъсиргузорӣ ба миён меояд ва он методҳои татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқиро дар чунн шакл пешниҳод намудан мумкин аст: Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин маҷмуи самтҳои таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки ба рафтори субъектони ҳуқуқ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дар амалигардонии намудҳои ҷудогонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд.

Аз мафҳумҳои баррасигардидаи функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ як қатор махсусиятҳои онро мушоҳида намудан мумкин аст. Маҳз тавассути махсусиятҳои хоси худ функсияҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияҳои давлат ва ҳуқуқ фарқ менамоянд. Махсусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар умум моҳияти онро ифода менамоянд. А.З. Куканов чунин хусусиятҳоро ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос меҳисобад[61]:

1) баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд;

2) дар робита бо мақсадҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли самтҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд;

3) вобаста ба чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тамоили маҷбурсозӣ, тарбиявӣ, барқароркунӣ, муҳофизавӣ касб мекунанд;

4) тарзҳои махсуси амалишавӣ доранд.

Яке аз махсусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар робитаи байниҳамдигарии онҳо бо мақсадҳои ҷавобгарӣ ифода меёбад. Махсусияти мазкур бевосита аз мазмуни таърифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бармеояд. Тавре А.В. Белова қайд мекунад, мақсад ва функсияҳо он

[61] Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / А.З. Куканов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 47.

категорияҳое мебошанд, ки дар онҳо моҳият, мақсади иҷтимоӣ ва нақши танзимкунанда, пешгирикунанда, барқароркунанда, сазодиҳанда ва тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷомеа ошкор карда мешаванд[62]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ аксар вақт мақсадҳо ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Ин аз он иборат аст, ки ҳадафҳо метавонанд ҳамчун меъёри таснифкунандаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баромад кунанд ва функсияҳои он ҳамчун роҳи расидан ба ҳадафи муайян хизмат мекунанд. Аммо аз ҷиҳати мазмун ин падидаҳои ҳуқуқӣ якхела нестанд, гарчанде номашон агар монанд бошад ҳам.

Бояд гуфт, ки татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ расидан ба мақсадҳои ҷавобгариро таъмин менамояд. Аммо ба таври хаттӣ баррасӣ кардани ин муносибат нодуруст аст. Иҷрои функсияи муайяни ҷавобгарии ҳуқуқӣ на ҳама вақт барои расидан ба ҳадафи мувофиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ кифоя мебошад. Аввалан, ин пеш аз ҳама, бо ноил шудан ба мақсади ҷаҳонишавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ – мустаҳкам намудани тартиботи қонунӣ алоқаманд аст. Ягон функсияи мавҷуд нест, ки ба ноил шудан ба ин максад мусоидат кунад. Ин вазъият бо он маънидод карда мешавад, ки тамоми функсияҳои дигар барои расидан ба ин мақсад иштирок доранд. Агар, масалан, функсияҳои танзимкунанда, пешгирӣ, сазодиҳанда ва тарбиявӣ амалӣ карда шаванд, аммо функсияи барқарорсозӣ амалӣ нагардад, он гоҳ дар бораи ягон тартиботи ҳуқуқӣ сухан рондан мумкин нест, зеро ин бе барқарорсозии адолати иҷтимоӣ ва қонун ғайриимкон аст.

Сониян, ин ба мақсадҳои муайянкунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ дахл дорад, ки ноил шудан ба онҳо танҳо ба татбиқи пайгиронаи ҳамаи мақсадҳои мобайнӣ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, ба мақсадҳои муайянкунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, чунон ки профессорҳо Р.Л. Хачатуров ва Д.А. Липинский[63] қайд менамоянд, ки аз инҳо иборатанд: ташаккули маданияти

[62] Ниг.: Белова А.В. Соотношение целей и функций юридической ответственности / А.В. Белова // Юридический вестник Самарского университета. – 2016. Т. 2. – № 2. – С. 130.
[63] Ниг.: Хачатуров Р.Л., Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности. – СПб., 2007. – С. 397.

баланди ҳуқуқӣ, шуури баланди ҳуқуқӣ, паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ, такмили муносибатҳои ҷамъиятӣ. Дар ин хусус А.В. Белова қайд менамояд, ки ба ин мақсадҳо танҳо тавассути татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқие, ки ба ноил шудан ба мақсадҳои мобайнӣ мусоидат мекунанд, ба даст овардан мумкин аст[64]. Дар роҳ ба сӯи мақсади муайянкунанда ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои зиёдеро иҷро мекунад, ки бо мақсад мувофиқат мекунанд ё ба он оварда мерасонанд. Ба ибораи дигар, функсия ҳолатест, ки бояд анҷом дода шавад, ба ҳаёт оварда шавад, бартараф карда шавад, то натиҷаи воқеӣ ба даст ояд. Илова бар ин, функсия на танҳо натиҷаи ниҳоӣ, балки метавонад як марҳилаи алоҳидаи татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад, ки ба ноил шудан ба мақсадҳо мусоидат мекунад.

Дар доираи масъалаи баррасишаванда, инчунин бояд гуфт, ки сарфи назар аз иҷрои тамоми маҷмуи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳангоми ноил шудан ба мақсад муайян, ҳолатҳое низ мавҷуданд, ки мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути иҷрои на ҳама функсияҳо, балки танҳо баъзе аз функсияҳо татбиқ мегардад[65]. Масалан, мақсади ташаккули рафтори қонунии субъектҳои ҷавобгарӣ, ки ҳанӯз ҳуқуқвайронкуниро содир накардаанд, тавассути иҷрои функсияҳои танзимкунанда, пешгирӣ ва тарбиявӣ ба даст овардан мумкин аст. Дар ин ҳолат, функсияҳои сазодиҳӣ ва барқароркунӣ татбиқ карда намешаванд.

Ҳамин тавр, ҳақиқатан мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бевосита мебошад, яъне мавҷудияти функсияҳои сазодиҳӣ, танзимкунанда, барқароркунанда, пешгирӣ ва тарбиявиро муайян мекунанд. Дар навбати худ, иҷрои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ расидан ба мақсадҳои онро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ пайванди пайвасткунандае мебошад, ки тавассути он мақсад ба натиҷаи мушаххаси таъсири ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ табдил меёбад.

Моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз унсурҳои зерин иборат

---

[64] Ниг.: Белова А.В. Соотношение целей и функций юридической ответственности / А.В. Белова // Юридический вестник Самарского университета. – 2016. – Т. 2. – №2. – С. 131.
[65] Ниг.: Белова А.В. Асари зикршуда. – С. 131.

мебошад, ки ҳамзамон ифодакунандаи махсусиятҳои он мебошанд.

1. Объектҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ. Унсури мазкур аз ҷиҳати мазмуни худ якхела нест ва шуури ҳуқуқвайронкунанда, рафтор ва муносибатҳои ҷамъиятии вайроншавандаро дар бар мегирад. Гузашта аз ин, роҳҳои зерини таъсиррасонӣ ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятиро муайян кардан мумкин аст: танзим, қатъ кардан (масалан, ҳангоми мусодираи молу мулк бо қарори суд, муносибатҳои молумулкӣ аз предмети ҳуқуқвайронкунӣ қатъ карда мешаванд), тағйир додани доираи ҳуқуқвайронкунӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси ҷавобгар, ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави ҳуқуқӣ вобаста ба татбиқи чораҳои ҳуқуқии ҷавобгарӣ.

2. Асосҳои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ. Одатан, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ду гурӯҳи асосҳо ҷудо карда мешаванд: расмӣ, яъне мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқие, ки таркиби ҳуқуқвайронкуниро муайян мекунанд ва ҷавобгарии ҳуқуқиро муқаррар мекунанд ва фактҳои воқеӣ, яъне фактҳои ҳуқуқие, ки боиси ба амал омадани ҳуқуқвайронкунӣ гардидаанд.

3. Роҳҳои амалӣ гардонидани функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ:

– дар меъёрҳои ҳуқуқ муқаррар намудани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, ҳавасмандгардонии рафтори қонунӣ, инчунин, уҳдадории баргардонидани зарари расонидашуда;

– маҳкум кардан ва танқиди ҷамъиятии рафтори ҳуқуқвайронкунанда;

– маҳдуд кардани вазъи ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунанда, маҳрум намудани ӯ аз имтиёзҳо ва ҳуқуқҳои субъективии муайян;

– ногузирии ҷазои гунаҳгор барои содир намудани кирдори ғайриқонунии гунаҳгор[66].

4. Натиҷаҳои таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ:

– ҷазо додани ҳуқуқвайронкунанда (функсияи сазои ҷавобгарии ҳуқуқӣ);

---

[66] Ниг.: Липинский Д.А., Мусаткина А.А. Функционирование системы юридической ответственности: монография. – М.: Директ-Медиа, 2013. – С. 174-175.

– ислоҳи ҷинояткор, ташаккули рафтори қонунӣ дар ӯ (функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ);

– барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, адолати иҷтимоӣ (функсияи барқароркунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ);

– пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунии нав (функсияи пешгирикунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ).

Хусусиятҳои хоси ҳамаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инҳоянд: шароити иҷтимоӣ, мақсад, алоқаи функсияҳои алоҳида бо ҳамдигар, мустақилияти онҳо.

Бояд қайд кард, ки баъзе хусусиятҳое, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун самти асосии таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунанд, инҳоянд:

1) функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз моҳияти он бармеоянд ва бо мақсади он дар ҷамъият дар марҳилаи муайяни инкишофи худ муайян карда мешаванд;

2) функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самти таъсири фаъолонаи онро ба як намуди муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мекунанд;

3) функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самти таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати татбиқи он мебошад, ки аз зарурати мавҷудият ва татбиқи мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд;

4) функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусиятҳои муҳимтарин ва асосии ҷавобгариро ифода намуда, аз табиати он бармеоянд ва ба татбиқи мақсадҳои асосии он нигаронида шудаанд.

## 1.2. Таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ қарор гирифта, атрофи таснифоти функсияҳо як қатор баҳсу мунозираҳои ҳуқуқӣ ҷой дорад. Вале, пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки доираи фикру мулоҳизаҳо дар бораи намудҳои функсияҳои ҷавобгарии

ҳуқуқӣ дар миёни олимони шуравӣ хеле зиёд аст. Дар илми ҳуқуқшиносии муосири ватанӣ масъалаи таснифоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар сатҳи лозима мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин ҷост, ки то кунун намудҳои дақиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда нашудааст. Бинобар ин, омӯзиши андешаҳои олимон дар ин хусус ва муайян кардани таснифоти дурусти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамояд.

Барои ташаккули институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории кишвар муайян намудани асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бисёр муҳим мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ намудҳои алоҳидаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Аммо, доир ба меъёрҳои таснифи онҳо нуқтаи назари умумӣ ҷой надорад. Ба андешаи А.З. Куканов функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонанд асосҳои мухталифи таснифоти худро дошта бошанд. Аз ҷумла, вобаста ба хислати таъсиррасонӣ ва тарзи иҷрошавӣ чунин функсияҳоро ҷудо кардан мумкин аст: сазодиҳанда, барқароркунанда, танзимӣ, ҳифзкунанда ва тарбиявӣ[67]. Мо ба он андеша мебошем, ки таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз моҳият ва махсусиятҳои институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ бармеояд. Бо ин назардошт, дар таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ омилҳои зиёд, аз қабили мақсад, намудҳо ва принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Меъёрҳои таснифоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро Д.А. Липинский бисёр хуб матраҳ намудааст[68]. Ӯ чаҳор меъёри таснифотро ҷудо карда, вобаста ба онҳо таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро нишон додааст. Меъёри аввал хусусияти таъсир ва усулҳои иҷрои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Мутобиқи ин меъёр, ӯ фарқ мекунад: функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирикунанда, барқарорсозӣ, танзимкунанда, тарбиявӣ.

[67] Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 3 (27). – С. 46.
[68] Ниг.: Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности: дис. … д-ра юрид. наук. – Самара. – 2004. – С. 201-205.

Меъёри дуюмро мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳисобида, Д.А. Липинский ба он сазо барои ҷинояткор, барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба вуҷуд овардани вазъияти тартибот, динамизм, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ислоҳ ва тарбия, пешгирии ҳуқуқвайронкуниро дохил кардааст. Вобаста ба ин мақсадҳо ӯ чунн функсияҳоро ҷудо мекунад: сазодиҳӣ, барқароркунӣ, танзимӣ, тарбиявӣ ва пешгирӣ. Ҳамин тариқ, таснифоти вобаста ба мақсадҳо бо таснифоти вобаста ба хусусияти таъсир мувофиқат мекунад.

Меъёри сеюм мансубияти соҳа мебошад, ки мувофиқи он Д.А. Липинский функсияҳои ҷавобгарии конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва молиявиро ҷудо мекунад. Меъёри чорум «иштирок» дар амалӣ гардонидани тамоми функсияҳои ҳуқуқ мебошад. Аз ин рӯ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро вобаста ба доираи кадом функсияи ҳуқуқ иҷро карданашон ба гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст. Функсияҳои сазодиҳӣ, барқарорсозӣ, пешгирикунанда дар доираи функсияи ҳифзи ҳуқуқ ва функсияҳои танзимкунанда ва тарбиявӣ дар доираи таъсири танзимкунандаи ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд.

Дар сарчашмаҳо намудҳои алоҳидаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Аммо, номгӯи ягона ва дақиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад. А.З. Куканов мавҷуд набудани номгӯйӣ ягона ва дақиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таъкид кардааст[69]. Новобаста аз ин, дар адабиёт таснифоти мухталифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла, ба андешаи Р.Ш. Шарофзода функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияи ҷазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ, огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизавӣ ва танзимӣ ҷудо мешавад[70]. С.С. Алексеев функсияи сазодиҳию ҷаримавиро аз ҷумлаи функсияҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста, ҳамзамон ишора кардааст,

[69] Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 3 (27). – С. 46.

[70] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 689-690.

ки дар баробари функсияҳои ҷаримавӣ ва сазодиҳӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ иҷрокунандаи вазифаҳои ҳуқуқбарқароркунӣ, пешгирӣ ва тарбиявӣ мебошад[71]. Ҳамзамон, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ташкилӣ ва махсус ҷудо карда мешавад. Ба функсияҳои ташкилӣ ҳифзи ҷамъият, давлат ва шахс аз ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳифзи ҳуқуқ, функсияи идеологӣ, тарбиявӣ-педагогӣ ва функсияи психологиро дохил менамоянд. Функсияҳои махсуси ҷавобгарӣ бошад, фарогири функсияи ҷаримавӣ, сазодиҳӣ, функсияи ислоҳ ва азнавтарбиянамоӣ мебошанд.

Э.Л. Потселуев[72] чунин функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз қабили сазодиҳӣ, ҷубронкунанда (барқароркунанда), пешгирӣ (профилактикӣ), тарбиявӣ ва танзимкунандаро ҷудо мекунад. Чунин таснифотро муаллиф вобаста ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ кардааст. М.П. Трофимова[73] ҳамаи функсияҳоро ба ду гурӯҳ тақсим карда, ба гурӯҳи якум сазодиҳӣ, танзимкунанда, пешгирию барқароркунанда ва ба гурӯҳи дуюм функсияи тарбиявиро дохил кардааст. Ба сифати меъёри таснифи гурӯҳи дуюм функсияҳо вазифаҳоеро, ки дар назди ҷавобгарии ҳуқуқӣ қарор доранд, муайян менамояд, яъне, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят ва барқарор намудани муносибатҳои вайроншудаи иҷтимоӣ.

Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки оид ба проблемаи тасниф ва намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру мулоҳизаҳои ягона мавҷуд нест. Ин дар ҳолест, ки муайян ва дақиқ будани намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои амалияи татбиқи ҳуқуқ бисёр муҳим мебошад. Новобаста аз ин, аз мазмуни андешаҳои муаллифон хулосабарорӣ намуда, якчанд функсияҳои умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқиро ҷудо кардан мумкин аст. Бояд ёдовар шуд, ки асоси чунин таснифот хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад (ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, интизомӣ).

[71] Ниг.: Алексеев С.С. Проблемы теории права: Курс лекций. В 2 т. Т 1. – Свердловск, 1972. – С. 374; Проблемы теории государства и права / Под. ред. С.С. Алексеева. – М.: Юрид. лит., 1987. – С. 313.
[72] Ниг.: Поцелуев Е.Л. Ретроспективная юридическая ответственность: Понятие, признаки, основания, принципы, цели, функции, виды и стадии: Текст лекций. – Иваново: Иван. гос. ун-т. – 2004. – С. 12.
[73] Ниг.: Трофимова М.П. Функции юридической ответственности: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов. – 2000. – С. 45.

Таҳқиқу таҳлили сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳад, ки чунин намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳод гардидааст: таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҷаримавӣ ва сазодиҳанда, ислоҳӣ ва тарбияи шахс, ҳуқуқбарқарорсозӣ ва огоҳсозӣ[74]; ҷаримавӣ-сазодиҳанда, ҳуқуқбарқарорсозӣ; огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизатӣ ва танзимӣ[75]; сазодиҳӣ ва ҳуқуқбарқарорсозӣ[76]. Ғайр аз ин, баъзе аз муҳаққиқон дар тасниф намудани функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баъзе аз намудҳои навро илова ё баъзе аз функсияҳоро ихтисор намудаанд. Аз ҷумла, А.А. Собчак[77] танҳо функсияҳои сазодиҳӣ, барқароркунӣ (ҷубронӣ)-и ҷавобгарии ҳуқуқиро ҷудо намуда, функсияи ислоҳнамоии шахси гунаҳгорро қайд накардааст. Аз таҳлили андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ[78] бармеояд, ки моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дар амалисозии ду маҳаки асосӣ – муҳофизатӣ ва тарбиявӣ маънидод менамоянд, ки ифодакунандаи функсияҳои муҳофизатӣ ва тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд.

А.А. Анферов[79] дар баробари функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои иттилоотӣ (пешгӯйӣ), профилактикӣ-тарбиявӣ ва ҷубронсозиро ёдовар шудааст. Ба андешаи Н. Малейна, ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои пешгирӣ (пешгирӣ-тарбиявӣ), репрессивӣ (сазодиҳӣ), ҷубронсозӣ (барқароркунӣ ва огоҳонӣ) дорад. Дар ин қатор функсияҳо танҳо огоҳонӣ илова гардидааст. Ба мавқеи мазкур А.Н. Белякова мухолиф буда, онро беасос ва такрори функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки хусусияти огоҳнамоӣ низ дорад, мешуморад[80]. А.А. Иванов функсияи «муҳофизати

---

[74] Ниг.: Иванов А.А. Цели юридической ответственности, ее функции и принципы // Государство и право. – 2008. – №6. – С.67.
[75] Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов // Отв. ред. В.Д. Перевалов. – М., 2004. – С. 269.
[76] Ниг.: Алексеев С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве. – М., 1966. – С. 151; Алексеев С.С. Государство и право: начальный курс. – М., 1993. – С. 147; Проблемы общей теории права и государства // Под общ. ред. В. С. Нерсесяна. – М., 2005. – С. 497.
[77] Ниг.: Собчак А.А. О некоторых спорных вопросах общей теории правовой ответственности // Известия вузов. Правоведение. – 1968. – №1. – С.50.
[78] Ниг.: Раҷабзода С.А. Асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ». – Душанбе, 2022. – С. 130-135.
[79] Ниг.: Анфёров А.А. Право личности и юридическая ответственность: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2000. – С. 131.
[80] Ниг.: Белякова А.М. Гражданско-правовая ответственность за причинение вреда: теория и практика. – М., 1986. – С. 15.

қонуният»-ро илова кардааст[81]. Андешаҳои зикргардида танҳо дар он сурат қобили қабул буда метавонанд, ки агар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба унсурҳои муайян тасниф карда шаванд.

Баъзе муҳаққиқон мақсади ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ медонанд, ки он бояд тавассути функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (сазодиҳӣ, тарбиявӣ, ҷубронсозӣ) ба даст оварда шавад. Ҳамин тавр, мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар функсияҳои он мушаххас дарҷ шудаанд, ки ба андешаи ӯ миёни мафҳумҳои «мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ва «функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» фарқ гузошта намешавад. Вале ин андешаро В.В. Лазарев, А.В. Малко ва В.С. Нерсесянс ҷонибдорӣ накарда, мақсад ё мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро аз ҳам ҷудо менамоянд[82]. Ғайр аз ин, баъзе муаллифон ба мавҷудияти зерфунксияҳо дар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора мекунанд[83]. Дар баробари ин, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро вобаста ба принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тасниф менамоянд. Бо ин назардошт, мо чунин функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро қобили қабул меҳисобем: сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, пешгирӣ, ҷубронсозӣ ва тарбиявӣ. Функсияҳои мазкур ба мақсаду принсипҳои намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқ буда, дар амалисозии он нақши калон мегузоранд.

Яке аз меъёрҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Амалисозии ҳар як функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ фарқ менамоянд. Бинобар ин, омӯзиши функсияҳои соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ зарур мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки ҳама намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои якхела доранд. Ин аз он сабаб аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусияти системавӣ дорад. Тавре М.Г. Мелкумян қайд мекунад функсияҳое, ки дар падидаи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ қайд мегарданд, бешубҳа дар намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ зуҳури худро

[81] Ниг.: Иванов А.А. Цели юридической ответственности, её функции и принципы / А.А. Иванов // Государство и право. – М., 2003. – С. 67.
[82] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 639.
[83] Ниг.: Мордовец А.С. Гуманизм как принцип юридической ответственности граждан в советском праве: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1983. – С. 120.

пайдо хоҳанд кард[84]. Андешаи мазкур гувоҳи он аст, ки новобаста аз мавҷудияти баъзе тафовутҳо, функсияҳои соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияҳои умумии ҷавобгарӣ маншаъ мегиранд.

Ҷавобгарии маданӣ як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои доро хусусияти молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ татбиқ карда мешавад. Ҷавобгарии маданӣ дорои функсияҳои худ мебошанд, ки дар адабиёт атрофи он андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Аз ҷумла, Е.В. Карманова қайд менамояд, ки функсияҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун самтҳои асосии таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ гуногун мебошанд. Агар дар бораи номгӯйӣ функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар бораи шумора ва номи онҳо баҳсҳо ҷой дошта бошанд, он гоҳ қариб ҳамаи муаллифон функсияҳои сазодиҳиро (репрессивӣ, ҷаримавӣ) таъкид мекунанд[85]. Мавриди зикр аст, ки ҳуқуқи маданӣ моликият ва баъзе муносибатҳои шахсии ғайримолумулкиро, ки чун қоида, бо хоҳиши тарафҳо ба вуҷуд меоянд, танзим мекунад, аз ин сабаб барои ҷавобгарии маданӣ функсияҳои мушаххаси танзимкунанда, ҷубронсозӣ ва барқарорсозӣ хос буда, функсияи ҷаримавӣ ҳамчун функсияи асосӣ ё бартаридошта маҳсуб намеёбад ва он танҳо дар ҳолатҳои махсус амалӣ карда мешавад.

Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дорои функсияҳои зерин мебошад: ҷубронкунанда, барқароркунандар, ҳавасмандгардонӣ (ташкилӣ), ки он иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданиро ба рафтори мувофиқ ҳавасманд мекунад; сигнализатсия, ки камбудиҳои рафтори қарздорро нишон медиҳад, ки боиси рух додани ҳуқуқвайронкуниҳо мегардад; огоҳкунанда ва тарбиявӣ (пешгирикунанда), ки пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои эҳтимолииояндаро муайян мекунад. Инчунин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба

[84] Ниг.: Мелкумян М.Г. К вопросу о классификации функций юридической ответственности / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. – 2011. – №3 (6). – С. 66.

[85] Ниг.: Карманова Е.В. Штрафная функция гражданско-правовой ответственности: общая характеристика / Е.В. Карманова // Актуальные теоретические и практические вопросы развития юридической науки: общегосударственный и региональный аспекты. – 2015. – №1. – С. 238.

ҳуқуқвайронкунандагон функсияи ҷаримавиро (сазо) иҷро мекунад[86]. Ҳамин тавр, ҷавобгарии маданӣ дорои функсияҳои гуногун буда, онҳо аз функсияҳои умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ сарчашма гирифта, баҳри татбиқи мақсадҳои ҷавобгарии маданӣ нигаронида шудаанд.

Мусаллам аст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарии маданӣ бартарии бечунучаро дар амалишавии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, махсусан дар функсияи ҷубронсозӣ доранд. Аммо, дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, баръакс, функсияҳои ҷаримавию сазодиҳӣ бартарӣ дорад. Ба андешаи Н.М. Шодизода, дар тафовут аз ҷавобгарии интизомӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи маданӣ, он танҳо барои содир кардани ҷиноят татбиқ карда мешавад[87]. Ҷавобгарии ҷиноятӣ функсияҳои танзимкунанда, сазодиҳанда, тарбиявӣ, муҳофизатӣ ва ғайраро иҷро мекунад. Бояд гуфт, ки функсияи танзимкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавзуи баҳс мебошад. Аксари олимон бар ин назаранд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ функсияи танзимкунанда надорад[88]. Мо ба он андешаем, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ вазифаи танзимкунандаро иҷро мекунад, зеро он меъёрҳои муайяни рафтори ҷомеаро ташаккул дода, аломатҳои рафтори ҷиноятиро муайян мекунад.

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҷиноятӣ таъин кардани ҷазо ба шахсе мебошад, ки қонуни ҷиноятиро вайрон кардааст, яъне муносибати ҷамъият ва давлатро ба содир кардани ҷиноят ифода мекунад. Дар ин хусус муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, ки ҷазои ҷиноятӣ яке аз роҳҳои асосии таъсири сазои ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Дар навбати худ, функсияи сазодиҳӣ яке аз самтҳои таъсири ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Ин функсия хусусияти махсуси объекти таъсиррасонӣ, усулҳои амалӣ, асоси расмӣ ва фактӣ, инчунин, натиҷаи махсуси ҳуқуқӣ ва умумии иҷтимоии

---

[86] Ниг.: Максим Н.М. К вопросу о функциях гражданско-правовой ответственности / Н.М. Максим // Закон и право. – 2019. – № 5. – С. 74.
[87] Ниг.: Шодизода Н.М. Мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ / Н.М. Шодизода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4 (44). – С. 137.
[88] Ниг.: Смирнов А.М. Признаки и функции уголовной ответственности / А.М. Смирнов // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2019. – №8. – С. 157-159.

таъсирро доро мебошад[89]. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки бо нишон додани намунаи мубориза муассир бо ҷинояткорӣ ва ногузирии ҷазо барои вайрон кардани қонун, ҷавобгарии ҷиноятӣ интизом ва умуман масъулияти аъзоёни ҷомеаро дар риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ баланд мебардорад. Функсияи муҳофизатии ҷавобгарии ҷиноятӣ аксаран бо ҷавобгарии танзимкунанда алоқаманд аст, зеро бисёриҳо бовар доранд, ки онҳо аз рӯи доираи таъсир ба ҳамдигар алоқамананд[90]. Ин функсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ асос ва тартиби татбиқи ҷазо нисбати ҷинояткор ва тартиби аз ҷазо озод карданро дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун муқаррар менамояд. Дар хусуси функсияи пешгирисозӣ як гурӯҳи муҳаққиқон қайд мекунанд, ки худи механизми ҷавобгарии ҷиноятиро ба назар гирифта, мо метавонем чунин функсияҳои ҷавобгарии ҷиноятиро ба мисли пешгирии умумӣ ва пешгирии хусусӣ ҷудо кунем[91]. Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҷиноятӣ муҳимтарин функсияҳои ҳуқуқиро барои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, ҷамъият ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар иҷро мекунад. Вай на танҳо барои содир кардани ҷиноятҳои мушаххас ҷазо медиҳад, балки ба он мусоидат мекунад, ки бо кафолати ногузирии ҷазо барои вайрон кардани қонуни ҷиноятӣ, содир намудани ҷиноятҳои навро пешгирӣ мекунад. Мавриди зикр аст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳангоми татбиқи ҷазоҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, истифодаи ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ қобили қабул мебошад. Аммо, дар ҳуқуқи меҳнатӣ истифодаи мафҳуми «ҷазо» дуруст ба назар намерасад. Зеро ҷазо хоси муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ буда, дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бештар огоҳию уҳдадориҳо ва иҷрои вазифаҳо меистанд. Бо ин назардошт, пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 62

---

[89] Ниг.: Азиззода У.А., Фарходзода В. Воспитательная функция уголовно-правовой ответственности / У.А. Азиззода, В. Фарходзода // Государствоведение и права человека. – 2023. – №2 (30). – С. 32.

[90] Ниг.: Гутаев А.М., Шогенов З.А., Каширгов А.Х., Кодзокова Л.А. Функции и задачи уголовной ответственности / А.М. Гутаев, З.А. Шогенов, А.Х. Каширгов, Л.А. Кодзокова // Лучшая научная статья 2021: сборник статей XLVI Международного научно-исследовательского конкурса, Пенза, 25 декабря 2021 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2021. – С. 84.

[91] Ниг.: Благов Е.В. Об основании уголовной ответственности / Е.В. Благов // Lex Russica. – 2009. – №1 (146). – С. 97-107.

Кодекси меҳнати ҶТ истилоҳи «ҷазои интизомӣ» ба «муҷозоти интизомӣ» иваз карда шавад.

Мо чунин мешуморем, ки дар марҳалаи ҳозираи инкишофи муносибатҳои меҳнатӣ муносибати васеътари муайян кардани функсияҳои ҷавобгарии интизомии меҳнаткашонро истифода бурдан мумкин аст, ки ба мо имкон медиҳад изҳор намоем, ки чунин ҷавобгарӣ на танҳо функсияҳои тарбиявию пешгирӣ, балки бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, функсияҳои дигарро муайян ва асоснок кардан мумкин аст. Ба андешаи О.Н. Людвикевич, системаи функсияҳои ҷавобгарии интизомӣ, метавонад дар шакли се гурӯҳ – функсияҳои ҳуқуқӣ, функсияҳои ҳуқуқи меҳнат, функсияҳои ҷавобгарии интизомии кормандон пешниҳод карда шаванд[92]. Ба таснифоти мазкур мувофиқ будан мумкин аст. Зеро муаллиф вобаста ба робитаи байниҳамдигарии функсияҳои ҳуқуқ, функсияҳои ҳуқуқи меҳнатӣ ва функсияҳои ҷавобгарии интизомӣ ин таснифоти функсияҳоро анҷом додааст.

Функсияҳои ҳуқуқи меҳнатӣ, ки бевосита ба ҷавобгарии интизомии кормандон алоқамананд, метавонанд функсияҳои муҳофизатӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявиро дар бар гиранд. Функсияи муҳофизатӣ «асосан бо роҳи таъмини ҳуқуқҳои асосии меҳнатӣ ва кафолатҳои ин ҳуқуқҳо бо мақсади ҳифзи кормандон аз суиистифодаи корфармоён амалӣ мегардад»[93]. Функсияи муҳофизатӣ ҳангоми шикоят аз ҷазои интизомӣ, баррасии баҳсҳои меҳнатии категорияи дахлдор, гузаронидани фаъолияти назоратии мақомоти салоҳиятдор ва иттифоқҳои касаба дар соҳаи риояи қонунгузории аз ҷониби корфармоён, ки ҷавобгарии интизомии кормандонро танзим мекунад, аҳаммияти махсус дорад.

---

[92] Ниг.: Людвикевич О.Н. Функции дисциплинарной ответственности работников в контексте приоритетных задач Белорусского государства / О.Н. Людвикевич // Право. – 2019. – №2 (58). – С. 30.

[93] Ниг.: Петоченко Т.М. Реализация функций трудового права Республики Беларусь посредством государственного и договорного регулирования трудовых и связанных с ними отношений / Т. М. Петоченко // Право в современном белорусском обществе: Нац. центр законодательства и правовых исследований Респ. Беларусь; редкол.: В.И. Семенков (гл. ред.) [и др.]. – Минск: Белпринт, 2014. – С. 477.

Функсияҳои ҷавобгарии интизомӣ аз функсияҳои пешгирӣ ва сазодиҳӣ иборат мебошад. Функсияи пешгирӣ аз он иборат аст, ки ҷавобгарии интизомӣ содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳои нави интизомиро пешгирӣ мекунад. Моҳияти функсияи сазодиҳии ҷавобгарии интизомӣ аз моҳияти он дар соҳаи ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ фарқ мекунад, зеро якум ба ҳуқуқвайронкунанда таъсири бештари психологӣ мерасонад. Маҳз аз ҳамин сабаб мо ин функсияро на сазодиҳӣ, ки барои чавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ хос аст, балки ҷазодиҳӣ меномем. Ин функсия тавассути татбиқи чораҳои маънавӣ (огоҳӣ, танбеҳ), моддӣ (маҳрум кардан аз пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ, маҳрум кардан аз мукофот) ё чораҳои ташкилӣ (аз кор озод кардан) амалӣ карда мешавад, вале дар ҳар сурат бо ба вуҷуд омадани оқибатҳои номатлуб барои корманд алоқаманд аст. Ба ин маъно, чораҳои интизомӣ, аз қабили аз кор озод кардан, пурра ё қисман то 12 моҳ маҳрум кардан аз пардохти иловагии ҳавасмандкунӣ аҳаммияти ҳадди аксар доранд.

Ҳамин тавр, низоми функсияҳои ҷавобгарии интизомии кормандон гурӯҳҳои зерини функсияҳоро дар бар мегирад:

1) функсияҳои ҳуқуқие, ки дар соҳаи ҷавобгарии интизомӣ (танзимкунӣ, муҳофизавӣ) амалӣ мегарданд;

2) функсияҳои ҳуқуқи меҳнат вобаста ба ҷавобгарии интизомӣ (муҳофизатӣ, истеҳсолӣ, тарбиявӣ);

3) функсияҳои ҷавобгарии интизомии кормандон, ки бо хусусиятҳои он (пешгирӣ, сазодиҳӣ) муайян карда мешаванд.

Ин функсияҳои ҷавобгарии интизомӣ як низоми ягонаро ташкил дода, ба ҳам вобастаанд, ҳамдигарро пурра мекунанд ва бо фаъолияти ҳарду тарафи шартномаи меҳнатӣ алоқамандaнд. Иҷрои бомуваффақияти онҳо ба бисёр омилҳои субъективию объективӣ: дараҷаи ташкили меҳнат ва аз ҷиҳати техникӣ таъмин намудани истеҳсолот, набудани муносибати фардӣ ба ҳавасманд гардонидани коргарон, ба вуҷуд овардани фазои муътадили психологӣ дар коллективҳо, ҷойивазкунии кадрҳо вобаста аст.

Ҷавобгарии маъмурӣ низ чун дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияҳои худ мебошад. Вале, мутаассифона, дар назарияи ҳуқуқи маъмурӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ ягон таҳқиқоти мушаххас гузаронида нашудааст. Новобаста аз ин, дар умум баъзе андешаҳо оид ба масъалаи баррасишаванда ба назар мерасанд. Аз ҷумла, А.Б. Агапов[94] функсияҳои пешгирӣ (огоҳӣ), алтернативӣ, маҳдудкунанда, ҳуқуқмуҳофизатии ҷавобгарии маъмуриро ҷудо кардааст. Ба андешаи Ю.Н. Старилов[95], ба функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ инҳо дохил мешаванд: танзимкунанда, муҳофизатӣ, огоҳкунанда (пешгирӣ), сазодиҳӣ. Равшан аст, ки функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ бояд вобаста ба мақсади пешбинишуда баррасӣ карда шаванд. Маҳз ҳамин аст, ки самтҳои асосии таъсири маҷбурии давлатиро пешакӣ муайян мекунанд. Ба ақидаи Н.В. Витрук[96], мақсади асосии ҷавобгарии маъмурӣ ҷазо додани ҳуқуқвайронкунанда тавассути маҳдуд кардани ҳуқуқҳои (озодиҳои) дахлдор ва гузоштани уҳдадориҳои иловагӣ мебошад. Функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ низ бояд пайгир ва татбиққунандаи мақсадҳои мазкур бошад.

И.С. Матанский зимни таҳқиқу омӯзиши масъалаи функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ ба чунин хулосаҳо омадааст[97]: функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ аз мақсадҳои ин ниҳоди ҳуқуқии маъмурӣ бармеоянд; ҷавобгарии маъмурӣ функсияҳои пешгирӣ (пешгирӣ ва тарбиявӣ), репрессивӣ (сазодиҳӣ, ҷарима) ва сигналиро иҷро мекунад. Ин функсияҳо ҳам ба ҳамдигар ва ҳам ба мақсадҳои ҷавобгарии маъмурӣ алоқамандаанд. Ҳамаи ин функсияҳо бо ҳам алоқаманд буда, ба ин ё он дараҷа дар ҳамаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ зоҳир мешаванд; дар вазъияти мушаххаси ҳифзи ҳуқуқ функсияҳои муайяни ҷавобгарии маъмурӣ метавонанд бартарӣ дошта бошанд.

[94] Ниг.: Агапов А.Б. Административная ответственность. Учебник. – М.: Просвещение, 2000. – С. 12-14.
[95] Ниг.: Общее административное право: учебник / Под ред. Ю.Н. Старилова. – Воронеж: Издательство Воронежского государственного университета, 2007. – С. 500-501.
[96] Ниг.: Витрук Н.В. Общая теория юридической ответственности: монография. – М.: РАП, 2008. – С. 42.
[97] Ниг.: Матанский И.С. Цель, задачи, признаки и функции административной ответственности / И.С. Матанский // Научный журнал NovaUm.Ru. – 2021. – №30. – С. 58.

Ҳамин тавр, ба масъалаҳои функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ дар муқоиса бо таҳқиқоти умумии назариявии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи маҳдуд зоҳир гардидааст. Таҳлили функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шавад: функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ мақсади иҷтимоӣ ва самти таъсири ҳуқуқии онро дар худ муттаҳид мекунанд; функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ падидаи низомнок буда, маҷмуи пурраи функсияҳоро дар бар мегирад. Дар асоси вазъияти муайян ин ё он функсия бартарӣ дорад; функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ падидаи динамикӣ мебошанд. Мазмуни онҳо бо назардошти шароите, ки дар он чораҳои ин намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд, ба таври назаррас тағйир меёбад.

Бояд гуфт, ки зимни таҳқиқи масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муҳаққиқон ба робитаи байниҳамдигарӣ ва вобастагии функсияҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир наменамоянд. Ба ин масъала олимони ватанӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, вобастагии як функсияро аз дигараш нишон додаанд. Масалан, профессор У.А. Азиззода[98] дар хусуси робитаи функсияи сазодиҳӣ ва тарбиявӣ ибрози андеша кардааст. А.З. Куканов изҳор доштааст, ки аксаран ҷараёни иҷроиши як функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бе иҷроиши функсияи дигар аз имкон дур мебошад. Аз ҷумла, робитаи функсияҳои сазодиҳанда ва барқароркунандаро баръало дидан мумкин аст[99]. А.И. Глинда низ чунин қайд намудааст, ки бо назардошти хусусият ва мақсади ягонаи институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳамаи ин функсияҳо бо ҳам алоқаманданд ва ҳамзамон иҷро мешаванд, дар ҳоле ки робитаи фардияти онҳо бо ҳамдигар бештар возеҳтар аст[100]. Ба андешаи Н.С. Малеин «ҷудо кардани функсияи мушаххас шартӣ аст. Ҳама функсияҳо бо ҳам алоқаманд ва ҷудонопазиранд; зуҳури яке

[98] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 47.
[99] Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / А.З. Куканов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 3 (27). – С. 47.
[100] Ниг.: Глинда А.И. Состав функций института юридической ответственности / А.И. Глинда // Актуальные проблемы сравнительного правоведения: теория и практика: сборник научных статей (г. Витебск, 21-22 апреля 2017 года). – Витебск, 2017. – С. 43.

аз онҳо бе мавҷудият ва ё истифодаи дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имконнопазир аст»[101]. Бояд гуфт, ки арзиши иҷтимоӣ ва самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар сурате баланд, пурра ва муассир мегардад, ки агар он дар ҳамкории мутақобила ва истифодаи оқилонаи ҳама функсияҳои он нисбат ба ҳар як рафтори ғайриқонунии содиршуда амалӣ карда шавад. Ҳамин тавр, вобастагии байниҳамдигарии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой дошта, яке дар татбиқи дигаре иштирок менамояд. Масалан, ҳангоми амалисозии функсияи ҷаримавӣ, ба шахс аз як тараф сазо расида, аз тарафи дигар ӯро барои ислоҳ шудан тарбия менамояд, ки дар натиҷа ҳам функсияи сазодиҳӣ ва ҳам тарбиявӣ мавриди амалисозӣ қарор мегирад.

Меъёри дигари таснифбандии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар асоси принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Меъёри мазкур дар он ифода мегардад, ки амалишавии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ натанҳо аз мақсадҳо, балки аз принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ вобастагӣ дошта, байни онҳо робитаи муайян ҷой дорад. Бинобар ин, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамзамон татбиқкунандаи принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба принсипҳои зерин такя мекунад: қонуният, асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, адолат, инсондӯстӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ[102]. Ҳар як принсипи зикргардида ба самаранокии амалисози функсияҳо ва дар умум татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Масалан, ба андешаи У.А. Азиззода ва Н.М. Шодизода, принсипи ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд, ки тамоми ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ бояд ошкор гардида, нисбати онҳо ҷазо ё чораи дигари ҳуқуқӣ таъин карда шавад[103]. Ҳамин тавр, тавассути ин принсипҳо ҷавобгарӣ, ҷазо, маҳкумсозӣ ва ғ. ҳамчун сазои кирдори содиркарда ё мақсад табдил намеёбад, худи функсияи сазодиҳӣ хусусияти фардӣ, қонунӣ ва адолатро пайдо мекунад.

[101] Ниг.: Малеин Н.С. Имущественная ответственность в хозяйственных отношениях. – М.: Юрид. лит., 1968. – С. 147.
[102] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 690.
[103] Ниг.: Азиззода У.А., Шодизода Н.М. Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ / У.А. Азиззода, Н.М. Шодизода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №1 (37). – С. 28.

Аз таҳлилу омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ ва андешаҳои матраҳгардидаи олимон бармеояд, ки чунин функсияҳои умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ маъмуланд:

1. **Функсияи сазодиҳӣ.** Функсияи мазкури ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар назар дорад, ки таъсири давлат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда доимо ҷой дорад. Мазмуни ин функсия дар сазо додани шахсе ифода меёбад, ки ҳуқуқвайронкуниро содир карда, дучори бори вазнини дорои хусусияти шахсӣ, молу мулкӣ ё ташкилӣ мегардад, ки барои ӯ мусоид нестанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ фикру мулоҳизаҳои зиёд ҷой дошт, бартарияти он аз дигар функсияҳо низ қайд мегардад. Аз ҷумла, А.И. Глинда қайд мекунад, ки функсияи муҳимтарини институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ сазодиҳӣ мебошад. Он хусусияти маҷбурии ҷавобгарии ҳуқуқиро инъикос намуда, сазоро барои кирдори содиршуда тасвир мекунад. Ин функсия бо функсияи пешгирӣ зич алоқаманд аст ва ба назари мо, функсияи охирин асосӣ мебошад, зеро он бевосита ба мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқ аст. Тавассути таъсири сазодиҳӣ намоиши ногузирии ҷазо ба даст оварда мешавад, тарси ҷазо ташаккул меёбад, ки дар навбати худ ба меъёрҳои ҷавобгарӣ қувваи таъсири пешгирӣ медиҳад[104]. Масъалаи функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар асарҳои И. Ной, И.И. Карпетс, И.Я. Козаченко, М. Мелентева, В.Г. Смирнова, М. Шаргородский ва дигар олимон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст, вале аз нашри баъзе асарҳо зиёда аз 50 сол гузаштааст, ки дар давоми ин муддат муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қонунгузории ҷорӣ хеле тағйир ёфтаст.

Объекти функсияи сазодиҳӣ шахсе дониста мешавад, ки бо содир намудани кирдори муайян, вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иҷро накардани уҳдадориҳои худ амният ва оромии ҷамъият ва шахсони дигарро (амнияти ҷисмонӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, равонӣ, сиёсӣ ва ғ.) халалдор

[104] Ниг.: Глинда А.И. Состав функций института юридической ответственности / А.И. Глинда // Актуальные проблемы сравнительного правоведения: теория и практика: сборник научных статей (г. Витебск, 21-22 апреля 2017 года). – Витебск, 2017. – С. 44.

кардааст[105]. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар меъёре мавҷуд аст, ки чунин ҷавобгариро барои вайрон кардани ухдадориҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд. Хусусияти функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он аст, ки иҷрои он ҳамеша ба шахси ҳуқуқвайронкуниро содирнамуда таъсир мерасонад. Аслан, самаранок намудани функсияи сазодиҳӣ ба андозаи амалигардӣ ва ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Ба ибораи дигар, самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳатмӣ будани татбиқи ҷавобгарӣ ва ҷазои ҳуқуқӣ нисбати шахсони гунаҳкор ва вайронкунандаи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд вобастагӣ дорад. Субъекти функсияи сазодиҳӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва вазифааш ҷазо додани вайронкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Бо далели он ки ҷазо хусусияти сазодиҳӣ дошта, ба шуур ва рафтори инсон таъсир мерасонад, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ сазодиҳӣ ҳамчун унсури мақсади ҷазо илова карда шавад.

2. **Функсияи пешгирӣ ё огоҳсозӣ.** Мазмуни функсияи мазкур дар таъсиррасонӣ ба рафтори субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ифода меёбад. Моҳияти функсияи пешгирӣ аз он иборат аст, ки он ангезаи рафтори минбаъдаи ношоямро бозмедорад. Он бо татбиқи функсияи ҷаримавӣ ва маҳдудсозии имконияти минбаъдаи шахс, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир кардааст, алоқаманд буда метавонад. Хулосаи мазкурро бо он асоснок намудан мумкин аст, ки татбиқи оқибатҳои номатлуб нисбати ҳуқуқвайронкунӣ шахсро аз такроран содир намудани чунин кирдор дар оянда бозмедорад ва водор месозад, ки қонун ва масъулияти иҷтимоии худро риоя ва иҷро намояд. Дар натиҷа аз тарси гирифтор шудан ба ҷавобгарии такрорӣ шахс аз содир намудани рафтори ношоиста дар оянда худдорӣ мекунад.

3. **Функсияи тарбиявӣ.** Мазмуни функсияи мазкур дар мубориза бо ҷинояткорон бо ёрии чораҳои ҳукумат тавассути ҷазои ногузир ба ҳуқуқвайронкунанда ифода меёбад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ самти таъсири ҳуқуқии меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба шуури фардӣ ва

[105] Ниг.: Азиззода У.А., Раҷабзода С.А. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ / У.А. Азиззода, С.А. Раҷабзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №4 (36). – С. 5-15.

ҷамъиятӣ мебошад, ки аз ташаккули шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва аз шуур дур кардани нигилизми ҳуқуқӣ иборат аст. Функсияи тарбиявӣ ба ташаккули эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзишҳои иҷтимоӣ, фаъолияти ҳуқуқӣ, ангезаҳои мусбати рафтор ва дар ниҳоят ташаккули шуури ҳуқуқӣ (ҳам гурӯҳӣ ва ҳам шахсӣ) ва фарҳанги баланди ҳуқуқӣ нигаронида шудааст[106].

**4. Функсияи ҳуқуқбарқарорсозӣ ё ҷубронсозӣ.** Мазмуни функсияи мазкур дар чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки на ба ҷазо додани гунаҳкор дар низоми стандартӣ, балки ба эҳёи муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятие, ки бо кирдори дорои хусусияти ғайриқонунӣ вайрон гардидааст, нигаронида шудааст. Функсияи барқарорсозии институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳангоми муқаррар намудани ҷазоҳои моддӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар якҷоягӣ бо функсияи дигари муҳим амалӣ карда мешавад. Функсияи барқарорсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари зарурати ба ҳолати муқаррарӣ овардани муносибатҳои ҷамъиятиро тавсиф мекунад[107]. Моҳияти он дар ҷуброн намудани зараре, ки ба шахс, ҷамъият ва давлат дар натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ расонида шудааст, ифода меёбад. Аслан, ҷуброни зарар аз ҷониби шахси гунаҳгор барқарор карда мешавад. Вале қонунгузорӣ ҳолатҳои дигарро пешбинӣ намудааст, ки мувофиқи он ҷуброни зарар мумкин аст аз ҷониби давлат, намояндагони қонунӣ, волидон ва ғ. рӯёнида шавад.

**5. Функсияи танзимӣ ё ташкилӣ.** Мазмуни функсияи мазкур мавҷудият ва ногузирии факти таъсири давлатиро дар шакли ҷазо ифода мекунад. Функсияи ташкилӣ дорои таъсири хусусияти ҳуқуқӣ мебошад, ки он таҳким ва танзими меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ буда, мақсади ин функсия бо роҳи муқаррар кардани намудҳои гуногуни ҷазо ё қадрдонӣ амалӣ карда мешавад.

---

[106] Ниг.: Трофимова, М.П. Функции юридической ответственности: автореф. дис... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 7.

[107] Ниг.: Глинда А.И. Состав функций института юридической ответственности / А.И. Глинда // Актуальные проблемы сравнительного правоведения: теория и практика: сборник научных статей (г. Витебск, 21-22 апреля 2017 года). – Витебск, 2017. – С. 44.

# БОБИ 2. ШАКЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

## 2.1. Мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз самаранокии татбиқи функсияҳои он вобастагӣ дорад. Зеро дар натиҷаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳо ва принсипҳои он низ мавриди иҷроиш қарор мегиранд. Бо ин назардошт, механизмҳо ва ё шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аҳаммияти баланди илмию амалӣ дорад. Мавриди зикр аст, ки барои ҳуқуқтатбисозӣ на танҳо мавҷудияти худи функсияҳои ҷавобгари ҳуқуқӣ, балки шаклҳои амалисозии онҳо низ аҳаммияти калон дорад. Маҳз тавассути шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ ва роҳандозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар амал самаранок буда метавонад. Бояд тазаккур дод, ки бе мавҷудияти шаклҳои амалисозӣ функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ғайриимкон ба назар мерасад. Яъне, шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ воситаи муҳими татбиқи онҳо ба ҳисоб меравад.

Масъалаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз амалисозии функсияҳои ҳуқуқ ва давлат вобастагии калон дорад. Зеро дар байни функсияҳои институтҳои мазкур робитаи зич мавҷуд мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи таносуби функсияҳои ҳуқуқ ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ андешаронӣ гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз мазмуну моҳияти мафҳуми функсияҳои ҷавобгарӣ бармеояд. Ғайр аз ин, амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз амалисозии функсияҳои ҳуқуқ низ вобастагӣ дорад. З.Х. Зокирзода дар зери мафҳуми функсияҳои ҳуқуқ самтҳои ҳуқуқро мефаҳмад, ки баҳри танзим ва таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудаанд[108]. Масъалаи мавриди назар дар корҳои илмии муаллифоне, ба монанди Р.Ш.

[108] Ниг.: Зокирзода З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Ашӯриён», 2022. – С. 20.

Шарофзода[109] У.А. Азиззода[110], Г.С. Азизқулова, Т.Ш. Шарипов[111], Э.С. Насриддизода[112], А.З. Куканов[113] ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки асоси амалисози функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин механизмҳои таъсиррасонӣ ба рафтору шуури субъектони ҳуқуқ мебошад. Механизми таъсири ҳуқуқӣ як низоми ҳаҷмӣ ва динамикӣ мебошад, ки онро дар якчанд ҷанбаҳо ва сатҳҳо баррасӣ кардан мумкин аст. Таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятиро категорияи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқ ифода мекунад. Ба андешаи як қатор олимони муосир, маҳз тавассути механизми таъсири давлатию ҳуқуқӣ функсияҳои давлат ва ҳуқуқ (ҷавобгарии ҳуқуқӣ) ба амал бароварда мешаванд[114]. Барои муайян кардани чунин механизмҳои таъсиррасонӣ ва умуман, барои муайян кардани шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мазмуну моҳияти ин мафҳумҳо бояд ошкору равшан карда шаванд.

Дар сарчашмаҳо атрофи мазмуну моҳият ва фаҳмиши мафҳумҳои «амалисозӣ» ва «шакл» андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Худи мафҳуми «амалисозӣ», ки аз лотинӣ тарҷума шудааст, маънои моддӣ шудани чизеро ифода мекунад. Мувофиқи таърифе, ки дар «Луғати тафсирии забони русӣ» оварда шудааст, он бо истилоҳи «амалисозӣ» ҳаммаъно буда, худи феъли «амалӣ сохтан» маънои «ба амал баровардан, ба воқеият даровардан»-ро ифода мекунад[115]. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ дар ивази мафҳуми «амалисозӣ» истилоҳи «амалӣ» омадааст, ки чунин маъноро ифода мекунад: 1) мансуб ба амал; ҳақиқӣ, воқеӣ, мушаххас: чораҳои амалӣ; 2) таҷрибавӣ,

---

[109] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – 784 с.

[110] Ниг.: Азизов У.А. Некоторые аспекты совершенствования системы Уголовного кодекса Республики Таджикистан / У.А. Азизов // Актуальные проблемы современного уголовного права и криминологии: материалы Международной научно-практической конференции. – Ставрополь: «Изд-во СКФУ», 2015. – С. 254-258.

[111] Ниг.: Азизкулова Г.С., Шарипов Т.Ш. Отличительное черты между правовой и моральной ответственностью / Г.С. Азизкулова, Т.Ш. Шарипов // Сб. ст. республиканской научно-практической конфренции молодых ученных и специалистов. – Душанбе: «Дониш», 1989. – С. 102-103.

[112] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – 204 с.

[113] Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / А.З. Куканов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 44-48.

[114] Ниг.: Морозова Л.А. Функции Российского государства на современном этапе / Л.А. Морозова // Государство и право. – 1993. – №6. – С. 98.

[115] Ниг.: Толковый словарь русского языка / Под ред. С.И. Ожегова и Н.Ю. Шведовой. – М., 2003. – С. 671.

корӣ, вобастаи амал, татбиқӣ; муқобили назариявӣ: корҳои амалӣ, фанҳои амалӣ, фаъолияти амалӣ[116]. Аз тафсирҳои мазкур бармеояд, ки мафҳуми амалисозӣ иҷро кардан, амалӣ кардан ва умуман дар амал татбиқ намуданро ифода мекунад.

Мафҳуми «шакл» фалсафӣ буда, чанд маъно дорад. Дар баъзе мавридҳо онро ҳамчун намуди зоҳирии объекти мушаххас, ки ҳудуди муайян ва нақшаҳои муайян дорад, маънидод мекунанд. Дар ҳолатҳои дигар, шакл ҳамчун мундариҷаи фармоишии як падидаи мушаххас фаҳмида мешавад. Аммо маънои дуюми шакл ҳамеша бо якум алоқаманд аст, зеро дар натиҷаи ба тартиб даровардани мазмун шакл ба пайдо кардани нақшаи муайян сар мекунад[117]. Дар маънои этимологии худ истилоҳи «шакл» ба ду маъно тафсир мешавад: 1) тарзи мавҷудияти мазмуну мундариҷа, ки аз он ҷудонашаванда аст ва ҳамчун ифодаи он хидмат мекунад; 2) нақшаи беруна, намуди зоҳирии ашё[118]. Ба маънии фалсафӣ «шакл ин нақшаи беруна, расм, намуд, тасвир аст»[119]. Дар Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ бошад мафҳуми шакл ба чунин маъноҳо тафсир шудааст: 1) мисл, монанд, назир; ба шакли… ба монанди....; 2) тарз, навъ, намуд; шакл ва мундариҷа сурат ва мазмун: шаклҳои адабӣ, шаклҳои шеърӣ; 3) қиёфа, шамоил, афту андом, башара: шакли безеб; 4) сурат; шакли чизеро гирифтан шабеҳу монанд шудан ба чизе[120]. Ҳамин тавр, шакл гуфта, тарзу намуди зоҳирӣ, монанд ва мазмуну мундариҷаи чизеро фаҳмидан мумкин аст. Пас, мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ - ин тарзу воситаҳо ва механизмҳои татбиқ намудани функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода менамояд.

Дар хусуси шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳо ҷой дошта, онҳо мазмуну моҳияти

---

[116] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. (А–Н) / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – С. 58.
[117] Ниг.: Липинский Д.А. Поощрение и наказание как формы реализации юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2017. – №1 (28). – С. 63.
[118] Ниг.: Толковый словарь русского языка / Под ред. С.И. Ожегова и Н.Ю. Шведовой. М., 2003. – С. 855.
[119] Ниг.: Философский энциклопедический словарь / Под ред. А.А. Ивина. – М., 2004. – С. 937.
[120] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. (О–Я) / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – С.621.

шаклҳои амалисозиро мушаххасан ифода мекунанд. Ба андешаи А.В. Константинова, раванди амалигардонии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҷассуми таъсири меъёрҳои ҳуқуқиро дар рафтори (амали) субъектҳо инъикос мекунад. Натиҷаи ниҳоии он ба даст овардани самараи зарурии иҷтимоӣ, яъне муташаккилӣ, муътадилгардонӣ, инкишоф додани муносибатҳои мусбат ва инчунин, ҷудокунии муносибатҳои манфӣ барои ҷамъият мебошад[121].

А.Ю. Трахтенберг[122] дар масъалаи амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба модели доктриналии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намуда, атрофи се марҳилаи асосӣ, ки моҳияти онҳо заминаи пайдоиши ҷавобгариро ифода мекунад, ибрози андеша намудааст. Марҳилаи якум, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба маънои объективӣ, ки раванди эҷоди меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, бо тартиби зарурӣ дар қонунгузорӣ муқаррар намудани онҳо ва татбиқи шумораи номаълуми шахсон – вайронкунандагони эҳтимолӣ мебошад. Марҳилаи дуюм, ифшои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба маънои субъективиро дар бар мегирад. Дар ин марҳила ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз падидаи объективӣ ба субъективӣ мегузарад, вақте ки ҳуқуқвайронкунандаи на эҳтимолӣ, балки воқеӣ уҳдадор аст, ки ҷазо гирад. Содир кардани ҳуқуқвайронкуниро ҳамчун далели ҳуқуқӣ, инчунин, асоси ба миён омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон маҳсуб донист. Марҳилаи сеюм, раванди дарки худи ҷавобгарии субъективии ҳуқуқиро ифода мекунад, яъне, раванди татбиқи муҷозоти пешбининамудаи санади меъёрии дахлдор.

Дар робита ба ҳуқуқшиносии назариявӣ метавон қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ то ҳол таърифи дақиқи мафҳуми «шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» мавҷуд нест. Аммо, чунон ки Т.Н. Радко

---

[121] Ниг.: Константинова А.В. Реализация функций права / А.В. Константинова // Юристъ-Правоведъ. – 2010. – №1 (38). – С. 122.

[122] Ниг.: Трахтенберг А.Ю. Добровольная и принудительная формы реализации юридической ответственности / А.Ю. Трахтенберг // Достижения современных исследователей: Сборник статей Международного научно-исследовательского конкурса (г. Петрозаводск, 19 июня 2023 года). – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. – С. 44.

[122] Ниг.: Кузьмин И.А. Методологические ориентиры в общетеоретических исследованиях юридической ответственности / И.А. Кузьмин // Журнал российского права. – 2018. – №7. – С. 62-72.

дуруст қайд мекунад, «агар функсия маънои зуҳуроти моҳияти ҷавобгариро дошта бошад, пас шаклҳои амалигардонии функсияҳо мазмуни ҷавобгарӣ, татбиқи воқеии онро дар амал тавсиф мекунанд»[123]. А.В. Константинова чунин мафҳумро пешниҳод кардааст: шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусияти усулҳои таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба шуур ва иродаи шахси мушаххас бо мақсади ба тартиб даровардан (ба меъёри ҳуқуқӣ ворид намудани ҳуқуқ) рафтори ӯ мебошад[124].

Барои таҳияи мафҳуми «шакли амалигардонии функсияҳои ҳуқуқ» бояд дар бораи хусусиятҳои зерин таваққуф кард.

1. Категорияи «шакли амалисозии функсияҳои ҳуқуқ» ҳар ду ҷанбаи таъсири ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки яке аз онҳо ҳуқуқро ҳамчун воситаи тағйир додани шуури шахс тавсиф мекунад ва дуюми нишон медиҳад, ки худи ҳуқуқ бо шуури шахс чӣ тавр дарк карда мешавад. Ба ибораи дигар, категорияи таҳқиқшаванда натиҷаи таъсири мутақобилаи ҳуқуқро бо сохтори психологии дохилии шахсият тавсиф мекунад.

2. Категорияи мазкур хусусиятҳои хоси усулҳои таъсиррасонии ҳуқуқ ба шуур ва рафтори шахсро инъикос менамояд. Зеро маҳз усулҳои таъсири ҳуқуқӣ ба ҷаҳони ботинии шахс таъсири амиқи дигаргунсозанда расонида, бо ҳамин ба ташаккули муносибатҳои ҳуқуқӣ, эътиқод, идеяҳои меъёрӣ ва ғайра мусоидат мекунанд.

3. Дар муқоиса бо функсияҳои ҳуқуқ, ки категорияи динамикӣ мебошанд, шаклҳои амалисозии функсияҳо бештар консервативӣ, нисбатан устувор мебошанд. Ин хусусият аз қоидаи умумӣ бармеояд, ки мувофиқи он шакл ҳангоми инкишофи мазмун устувории худро танҳо то лаҳзаи «то он даме, ки мазмуни додашуда аз шакли додашуда берун наояд» нигоҳ медорад.

4. Татбиқи ҳадафҳои иҷтимоии ҳуқуқро тавсиф мекунад, ки ба ноил шудан ба сулҳи иҷтимоӣ ва ҳалли низоъҳои ҷомеа мусоидат менамояд.

---

123 Радько Т.Н. Методологические вопросы познания функций права. – Волгоград, 1974. – С. 119.
124 Ниг.: Константинова А.В. Реализация функций права / А.В. Константинова // Юристъ-Правоведъ. – 2010. – №1 (38). – С. 124.

5. Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҳуқуқ ба ҷониби самарабахши таъсири ҳуқуқӣ тааллуқ доранд, ки бо мавҷудияти ду ҷанба хос аст: объектикунонии рафтори субъектҳо (таҷассум дар амал) ва ноил шудан ба таъсири иҷтимоии пешбинишуда (ҳуқуқ ва тартибот) ҳамчун натиҷаи ниҳоии ҷараёни иҷрои функсияҳои ҳуқуқ.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши андешаҳои олимон метавон мафҳуми шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқиро дар чунин шакл пешниҳод намуд: шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гуфта, тарзу намудҳо ва механизмҳои иҷроиши функсияҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он ба рафтори субъектони ҳуқуқ таъсири ҳуқуқӣ расонида шуда, функсия, принсипҳо ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди иҷроиш қарор мегиранд.

Азбаски функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо мақсадҳои ҷавобгарӣ робитаи зич доранд ва он ҳамзамон ба ҳайси меъёри таснифи функсияҳо баромад мекунад, бинобар ин, шаклҳои амалисозии функсияҳо дар амалисозии мақсадҳо низ бетаъсир намемонад. Мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ категорияи субъективӣ буда, дар тафаккури қонунгузор ва мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ташаккул меёбад, ки ҷавобгарии хуқуқиро муқаррар ва амалӣ менамоянд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳсули инкишофи ҷомеа мебошад. Он зарурати батартибдарорӣ, танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ, тарбияи риоя ва эҳтироми қонунро ба вуҷуд меорад. Дар ин асос, ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин мақсадҳоро пайгирӣ менамояд: банизомдарорӣ, мустаҳкам намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва инкишофи муътадили он; пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ.

Атрофи шаклҳои алоҳидаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ дар сарчашмаҳо андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Аммо, дар ин хусус таснифот он қадар зиёд набуда, аксаран ба ҳамдигар алоқамонданд. Ба андешаи А.В. Константинова ҳамаи шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусият ва дараҷаи таъсири ҳуқуқиро ба шахс тавсиф

мекунанд[125]. Муаллиф чунин шаклҳои амалисозии функсияҳои ҳуқуқро қайд намудааст, ки дар як маврид шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро низ ифода мекунанд.

1. Шакли иттилоотӣ бо он тавсиф мешавад, ки ҳуқуқ як навъи иттилооти иҷтимоӣ мебошад, ки дар он иродаи давлат ифода меёбад. Тавассути иттилооти ҳуқуқӣ ба субъектҳо дар бораи рафтори иҷозатдодашуда, дуруст ё мамнуъ аз ҷониби давлат, инчунин, чораҳои ҷавобӣ оид ба риоя накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ маълумоти расмӣ дода мешавад. Ин шакл ба ҷанбаи шуури шахс, яъне ба ташаккули дониш ва ғояҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

2. Шакли тарбиявии амалисозии функсияҳои ҳуқуқӣ бо ворид намудани маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, муносибат, эътиқод ва мафҳумҳои арзишӣ дар шуури шахс тавсиф карда мешавад, ки ба ҳавасмандии дурусти рафтор мусоидат мекунанд. Он ба паҳлӯи аксиологии (арзиш) шуури фард нигаронида шудааст.

3. Шакли коммуникатсионии амалигардонии функсияҳои ҳуқуқ қобилияти ҳуқуқро, ки воситаи муошират, муносибат ва робитаи байни аъзоёни ҷамъият бошад, тавсиф мекунад. Арзиши ҳуқуқ ҳамчун воситаи коммуникатсионӣ дар он аст, ки он ба ташаккули муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайнро дар байни иштирокчиёни онҳо пешбинӣ мекунанд, иборат аст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ бештар ду шакли асосии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (ихтиёрӣ ва маҷбурӣ) қайд карда мешавад, ки аксари олимон чунин таснифро ҷонибдорӣ кардаанд. Аз ҷумла, А.Ю. Трахтенберг қайд намудааст, ки ду шакли асосии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷудо кардан мумкин аст: ихтиёран амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва амалисозии маҷбурии ҷавобгарии ҳуқуқӣ[126]. А.В. Маркин дар асарҳои худ низ ба як

[125] Ниг.: Константинова А.В. Реализация функций права / А.В. Константинова // Юристъ-Правоведъ. – 2010. – №1 (38). – С. 126.

[126] Ниг.: Трахтенберг А.Ю. Добровольная и принудительная формы реализации юридической ответственности / А.Ю. Трахтенберг // Достижения современных исследователей: Сборник статей Международного научно-исследовательского конкурса (г. Петрозаводск, 19 июня 2023 года). –

мафҳуми шабеҳ пайравӣ намуда, шаклҳои ба таври каме дигар номбаршудаи амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ: шаклҳои давлатӣ-ҳатмӣ ва ихтиёриро таъкид намуда, онҳоро мутаносибан мурофиавӣ ва ғайрмурофиавӣ меноманд. Ду шакли амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд аст: мурофиавӣ ва ғайримурофиавӣ. Шакли мурофиавӣ ягона барои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, иборат аст аз: судӣ, маъмурӣ, андоз, меҳнат, маданӣ, расмиёти иҷрои ҷиноят. Шаклҳои амалисозии ғайримурофиавӣ танҳо нисбати ҳолатҳои ихтиёран иҷро намудани уҳдадории вайроншуда ё дар доираи расмиёти алтернативии ҳалли низоъҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд[127]. Муаллиф зимни таҳқиқи шаклҳои мурофиавӣ ва ғайримурофиавии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбуриро дар назар дорад. Шаклҳои мазкур ҳамзамон дар шакли ҷавобгарии мусбӣ ва манфӣ низ ба назар мерасад. Яъне, асосан, шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба ҳисоб меравад, вале онро муҳаққиқон бо номҳои мурофиавию ғайримурофиавӣ ва мусбию манфӣ зикр намудаанд. Чунин гуногунфаҳмӣ дар он аст, ки дар қонунгузорӣ шаклҳои дақиқи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, махсусан вобаста ба намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар нагардидааст. Бинобар ин, шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд дар қонунгузории дахлдор муаррар карда шуда, ба кадом намуди ҷавобгарии ҳуқуӣ хос будани ин ё он шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд муайян бошад. Бинобар ин, вобаста ба намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ шаклҳои амалисозии функсияҳои ҳуқуқ мувофиқан татбиқ карда мешаванд.

Муддати дароз масъалаи шакли ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз доираи назари илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дур мондааст. Диққат ба хусусияти маҷбурии татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ ва нодида гирифтани асоси умумии назариявии татбиқи ихтиёрии он боиси як навъ холигии

---

Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. – С. 44.

[127] Ниг.: Маркин А.В. Формы реализации юридической ответственности / А.В. Маркин // Вектор науки ТГУ. – 2009. – №6 (9). – С. 68.

доктриналии назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад[128]. Аз ин рӯ, шакли ихтиёрии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ на танҳо дар ҳуқуқи ватанӣ, балки дар муносибатҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ низ сурат мегирад. Сохтмони давлати ҳуқуқбунёд танҳо дар сурати мавҷуд будани ҷавобгарии мусбати ҳуқуқӣ имконпазир аст, ки яке аз воситаҳои таъмини он ҷавобгарӣ барои ҷиноят мебошад. Аммо ҳуқуқвайронкунӣ яке аз шаклҳои хавфи иҷтимоӣ буда, аз ҳоло маълум аст, ки танҳо тавассути истифодаи ҷазо риоя ва иҷрои талаботи қонунии меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин карда намешавад. Аз ин рӯ, илми ҳуқуқ бояд усулҳои дигари таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятиро ҷустуҷӯ намояд, ки яке аз онҳо ҳавасмандӣ мебошад[129].

Мавриди зикр аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ғайр аз шакли асосии амалисозии он, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун метавонад бидуни иштироки мақомоти давлатӣ, бо роҳи ихтиёран аз ҷониби вайронкунанда иҷро намудани уҳдадорие, ки дар мазмуни ҷавобгарӣ қарор дорад, амалӣ карда шавад. Танзими ҳуқуқии хусусӣ дар аксари ҳолатҳо ба афзалияти амалисозии ихтиёрии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба амалисозии маҷбурии он (хусусияти эҳтимолии маҷбуркунӣ) асос меёбад. Амалисозии чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар шартномаи ҳуқуқи хусусӣ пешбинӣ шудаанд, мумкин аст дар асоси шартҳои созишнома дар доираи муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳатмӣ муайян карда шаванд (нисбат ба қоидаи умумӣ тағйир дода шаванд). Амалисозии ихтиёрии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи оммавӣ истисно аст, на қоида ва танҳо дар доираи маҳдуди ҳолатҳо иҷозат дода мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳангоми ихтиёран амалӣ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунанда мустақилона, дар сурати мавҷуд набудани қарори мақоми ваколатдори дахлдор, иҷрои ҷазои пешбининамудаи ин ё он шакли

---

[128] Ниг.: Кузмын И.А. Добровольная форма реализации юридической отвественности / И.А. Кузмын // Сибирский юридический вестник. – 2011. – №4 (55). – С. 10.

[129] Ниг.: Липинский Д.А. Поощрение и наказание как формы реализации юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2017. – №1 (28). – С. 59.

ҷавобгарии ҳуқуқиро амалӣ менамояд[130]. Дар аксар маврид шакли ихтиёрии амалигардонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва баъзе дигар соҳаҳои дигар хос аст, ки дар онҳо талаботи қонун ё шартнома бе қарори суд ё шахси мансабдор имконпазир аст, вале дар айни замон бе маҷбуркунӣ сурат мегирад. Масалан, иҷрои ҷуброни маблағи пардохтнашуда мувофиқи манбаи андоз ба буҷет то қабули қарори суд дар бораи ситонидани чунин маблағ[131]. Шакли амалисозии ҷамъиятии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятие, ки аз ҷониби давлат дорои ваколатҳои тобеият оид ба татбиқи оқибатҳои рафтори ғайриқонунии субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, амалӣ карда мешавад. Инҳо метавонанд судҳои ҳакамии доимӣ ё яквақта, комиссияҳои баҳсҳои меҳнатӣ, намудҳои гуногуни мақомоти иттифоқи касаба ва ғайра бошанд[132]. Аммо дар аксари мавридҳо шакли ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба соҳаи манфиатҳо ва муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ хос аст, вале тавре ки дар боло зикр гардид, дар муносибатҳои ҳуқуқии оммавӣ амалӣ намудани шакли ихтиёрии ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ имконпазир аст[133]. Табиист, ки ин шакли амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои давлат ҳамчун иҷрокунандаи ҳуқуқ фоидаовар аст, ки он ба таври рӯякӣ муайян карда мешавад. Дар шакли ихтиёрӣ амалӣ намудани ҷавобгарӣ давлат барои гузаронидани ҷаласаҳои иловагии судӣ маблағҳои иловагӣ сарф намекунад, инчунин, вақти қабули қарор, маблағ барои қабули қарор, иҷрои чунин қарор ва ғайра манфиатовар хоҳанд буд.

Шаклҳои амалигардонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонанд усулҳои гуногуни ғайрисудии рафъи ихтилофоти ҳуқуқиро бе иштироки шахси сеюм

---

[130] Ниг.: Кузьмин И.А. Методологические ориентиры в общетеоретических исследованиях юридической ответственности / И.А. Кузьмин // Журнал российского права. – 2018. – №7. – С. 62-72.

[131] Ниг.: Трахтенберг А.Ю. Добровольная и принудительная формы реализации юридической ответственности / А.Ю. Трахтенберг // Достижения современных исследователей: Сборник статей Международного научно-исследовательского конкурса (г. Петрозаводск, 19 июня 2023 года). – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. – С. 45.

[132] Ниг.: Маркин А.В. Формы реализации юридической ответственности / А.В. Маркин // Вектор науки ТГУ. – 2009. – №6 (9). – С. 72.

[133] Ниг.: Липинский Д.А., Хачатуров Р.Л., Шишкин А.Г. Меры юридической ответственности: монография. – М.: РИОР: ИНФРА-М, 2014. – 231 с.

дар бар гиранд: иҷрои уҳдадориҳои вайроншуда дар натиҷаи мурофиаи даъво ё ҳангоми навъҳои гуногуни расмиёти оштишавӣ. Аммо ин шакли амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо аз ҷониби субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ихтиёран иҷро намудани уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашро дар назар дорад. Дар акси ҳол, иҷрои ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо тавассути шакли мурофиавии судӣ (ҳакамӣ ё тобеияти умумӣ) имконпазир аст.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ҳамчун як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ фаҳмида шавад, ки шаклҳои гуногуни татбиқро доро мебошад. Шакли ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ роҳи таъмини уҳдадориҳои ҳуқуқӣ оид ба риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, шакли ихтиёрӣ дар рафтори қонунии субъектҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мегардад, ки аз ҷониби давлат тасдиқ ё ҳавасманд карда мешавад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин уҳдадории қонунӣ оид ба риоя ва иҷрои талаботи муқаррарнамудаи волоияти қонун, ки дар рафтори қонунии субъектҳо ба амал меояд, аз ҷониби давлат тасдиқ ё ҳавасманд карда мешавад ва дар сурати вайрон кардани он уҳдадории ҳуқуқвайронкунанда ба вуҷуд меояд[134]. Ҳамин тариқ, ба андешаи олим, он чизе, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусбат ва манфӣ номида мешавад, на ҷанбаҳои он, балки шаклҳои амалӣ мебошанд, ки метавонанд ихтиёрӣ ва маҷбурӣ бошанд.

Мисли мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ, дар илми ҳуқуқ дар бораи мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқии мусбӣ андешаҳои умумӣ вуҷуд надоранд. Баъзе олимон онро як ҳисси вазифадорӣ на танҳо ахлоқӣ, балки ҳуқуқӣ низ медонанд. Дигарон онро ҳамчун уҳдадории ҳуқуқӣ мефаҳманд[135], гурӯҳи сеюми муаллифон ҷавобгарии мусбатро бо рафтори қонунии субъект мепайвандад. Дар бораи дарки ҷавобгарии мусбат ҳамчун ҳавасмандӣ низ нуктаҳои назар мавҷуданд[136]. Дар шакли мазкур мустақилият ба тарафҳо

[134] Ниг.: Липинский Д.А. Проблемы юридической ответственности. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2003. – С. 14
[135] Ниг.: Репетева О.Е. Правонарушения и юридическая ответственность в сфере труда: общетеоретический аспект. – Тольятти: ТГУ, 2009. – С. 19.
[136] Ниг.: Липинский Д.А. Поощрение и наказание как формы реализации юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2017. – №1 (28). – С. 61.

дода мешавад, ки бештар хоси соҳаҳои хусусии ҳуқуқ мебошанд. Шахс ё ташкилот мустақилона барои рафъи оқибатҳои манфии амалҳои худ чораҳои зарурӣ меандешад ва ба ин васила хатари зиёнро барои худ кам мекунад. Азбаски дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ дар сурати мавҷуд набудани ихтиёран даст кашидан аз амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли ҷавобгарии маданӣ, шахси зарардидаи шартнома ҳуқуқ пайдо мекунад, ки ба суд ҳимоя дархост намояд, ки дар оянда хароҷоти судӣ метавонад аз ҳисоби зиён ситонида шавад. Аз ин лиҳоз, амалисозии шакли ихтиёрӣ барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ манфиатдор мебошад.

Татбиқи чораҳои ҳавасмандкунӣ дар баробари рафтори қонунӣ буда, як намуди мусбати амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Амали қонунӣ аз ҷониби давлате, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор намояндагӣ мекунад, баҳо дода шуда, амали субъекти он тасдиқ ва ҳавасманд карда мешавад. Ҳамин тариқ, кирдори қонунӣ, ки бо шоистагӣ хос аст, барои истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонӣ асос мегардад[137]. Мо қайд мекунем, ки ҳавасмандгардонӣ яке аз шаклҳои татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳавасмандкунӣ мебошад, ҷавобгарии ҳуқуқӣ объективӣ шуда, моддӣ мегардад, он бо пешниҳоди неъматҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ ба субъект алоқаманд аст.

Намуди дуюми амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ – шакли маҷбурӣ мебошад[138]. Равшан аст, ки амалисозии маҷбурии ҷавобгарии ҳуқуқӣ баръакси амалисозии ихтиёрӣ мебошад[139]. Шакли амалисозии мурофиавии (маҷбурӣ) ҷавобгарии ҳуқуқӣ, инчунин, метавонад фаъолиятҳоеро дар бар гирад, ки бо меъёрҳои мурофиавии қонуни иҷроияи ҷиноятӣ оид ба иҷрои қарорҳои суд оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва татбиқи дигар чораҳои

---

[137] Ниг.: Липинский Д.А. Позитивная юридическая ответственность и поощрительные санкции: проблемы взаимосвязи / Д.А. Липинский // Поощрительные санкции в праве: реальность и юридическая конструкция. – Саратов: СГАП, 2008. – С. 159.
[138] Ниг.: Лукьянова Е.Г. Теория процессуального права. – М.: Норма, 2003. – 240 с.
[139] Ниг.: Трахтенберг А.Ю. Добровольная и принудительная формы реализации юридической ответственности / А.Ю. Трахтенберг // Достижения современных исследователей: Сборник статей Международного научно-исследовательского конкурса (г. Петрозаводск, 19 июня 2023 года). – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. – С. 45.

маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба шахсоне, ки ҷазоро адо мекунанд, танзим мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ уҳдадориҳои бо диспозитсияи меъёри ҳуқуқӣ ба зиммааш гузошташударо иҷро накунад ё онро номатлуб иҷро кунад ё манъкуниро риоя накунад, барои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, ки он табиати мурофиавӣ ва ҷамъиятӣ дорад[140]. Иҷрои маҷбурӣ аз истифодаи механизмҳо, усулҳо ва воситаҳои махсус барои ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани шахс бар хилофи иродаи ӯ иборат мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо тавассути муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, мо метавонем шакли ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқиро ҷудо кунем. Барои давлат шакли аввалиндараҷа ва маъмултарини амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакли ихтиёрӣ мебошад, ки чи тавре ки дар боло зикр гардид, бо фоидаи иқтисодӣ муайян карда мешавад. Аммо шаклҳои ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба муносибатҳои муҳимтарин татбиқ карда мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ба мақсаду принсипҳо ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқат намуда, ба меъёрҳои ҳууқӣ мухолифат надошта бошанд. Ҳамзамон, ҳар як шакли амалисозии функсияҳо бояд ба намуди дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқат намояд. Зеро, чи гуна будани шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳз аз намудҳои алоҳидаи он вобастагӣ дорад. Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имконият фароҳам меоранд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузорӣ дар амал самарабахш татбиқ гардида, мақсаду принсипҳо ва таъиноти иҷтимоии намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда шаванд. Ҳамин тариқ, иҷрои ҷавобгарӣ ва функсияҳои он мувофиқи хусусияти ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбуриро пайдо мекунад.

---

[140] Ниг.: Маркин А.В. Формы реализации юридической ответственности / А.В. Маркин // Вектор науки ТГУ. – 2009. – №6 (9). – С. 68.

Дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши андешаҳои олимон метавон мафҳуми шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқиро дар чунин шакл пешниҳод намуд: шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гуфта, тарзу намудҳо ва механизмҳои иҷроиши функсияҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он ба рафтори субъектони ҳуқуқ таъсири ҳуқуқӣ расонида шуда, функсия, принсипҳо ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди иҷроиш қарор мегиранд.

## 2.2. Шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои шаклҳои муайяни амалисозӣ мебошад. Шакли маъмули амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакли ихтиёрӣ ва шакли маҷбурӣ мебошад. Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки шакли маҷбурии он шакли бартариятдошта мебошад, зеро дар худи мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ ибораи «таҳти маҷбурияти давлатӣ» ифода гардидааст. Агар амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияҳои муайян вобастагӣ дошта бошад, пас функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар навбати худ дорои шаклҳои дахлдори амалисозии худ мебошанд, ки маҳз тавассути онҳо ин ва ё он функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди амалисозӣ қарор дода мешавад. Ҳарчанд дар адабиёт дар хусуси шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳсҳои муайян ҷой дошта бошад ҳам, вале ду шакли муҳими онҳо дар назария ва амалия бештар паҳншуда мебошанд: яке шакли ихтиёрӣ ва дигаре шакли маҷбурӣ.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, аз ибтидои солҳои 60-ум таҳти таваҷҷуҳи олимони ҳуқуқ қарор дорад. Бо вуҷуди чунин давраи тулонӣ, омӯзиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ то ҳол фаҳмиши якхелаи онро ба вуҷуд наовардааст. Дар бораи мафҳуми он, хусусиятҳои татбиқ ва робита бо категорияҳои гуногуни ҳуқуқӣ баҳсҳо вуҷуд доранд. Мафҳуми ҷавобгарии

ҳуқуқӣ аз мафҳуми умумии ҳуқуқ камтар баҳснок нест[141]. Амалигардонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи муҷозоти меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои чораҳои маҷбуркунии давлатӣ дар шакли маҳрум кардан аз хусусияти шахсӣ, молу мулкӣ ё ташкилӣ буда, дар шароити рафтори қонунии субъектҳои ҷавобгарӣ вогузоршаванда ва ба амал баровардани уҳдадории субъективии ҳуқуқии вайронкунанда оид ба дидани чораҳои маҷбурии дахлдор барои кирдори ғайриқонунии содиршуда ифода мегардад[142]. Умуман, раванди амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои як қатор сифатҳо ва хусусиятҳои мушаххас буда, метавонад аз нуқтаи назари ҳуқуқи объективӣ ва субъективӣ баррасӣ карда шавад ва имкон медиҳад, ки моҳияти танзими ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои гуногуни амалисозии он инъикос карда шавад.

Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз механизми муайян иборат мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ солҳои охир як ҷиҳати таҳлили масъалаи амалисозии функсияҳои ҷавобгари ҳуқуқӣ тавассути категорияи «механизм» фикру мулоҳизаҳои илмӣ ба миён омадааст. Ба андешаи Р.М. Самигуллин, истифодаи равиши мазкур имкон медиҳад, ки равандҳои амалисозии падидаҳои ҳуқуқӣ ба таври максималӣ баррасӣ карда шавад[143]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки консепсияи механизми амалисозии функсияҳои ҷавобгари ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки воситаҳои ҳуқуқиеро, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири ҳуқуқӣ мерасонанд, интихоб ва ба низом дарорем, ҷой ва нақши онҳоро дар низоми ҳуқуқии кишвар муайян кунем[144]. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи муносибатҳои умумӣ, ба талаботи умумии амалисозӣ ва татбиқи қонун вобаста мебошад. Мутаносибан амалисозии (татбиқи) қонун

---

[141] Ниг.: Липинский Д.А. Поощрение и наказание как формы реализации юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2017. – №1 (28). – С. 59.

[142] Ниг.: Кузьмин И.А. К вопросу об особенностях реализации юридической ответственности в контексте правового регулирования / И.А. Кузьмин // Теория государства и права. – 2018. – №4. – С. 48.

[143] Ниг.: Самигуллин Р.М. К вопросу о механизме реализации юридической ответственности / Р.М. Самигуллин // Пробелы в российском законодательстве. – 2011. – №6. – С. 50.

[144] Ниг.: Мартынов В.Ф. Институт освобождения от юридической ответственности (теоретико-правовой аспект): дис. …канд. юрид. наук. – СПб., 2003. – С. 57-58.

асоси амалисозии меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, пур кардани мақоми шахс ба ухдадории ба ҷазо кашидан ва ба категорияи ҳуқуқвайронкунанда гузарондани ӯ мебошад[145]. Ҳамин тариқ, механизми амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гуфта, шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии ҷавобгарӣ ҳамчун низоми воситаҳо фаҳмида мешавад, ки ба таври муайян ба шууру рафтори субъектони ҳуқуқ таъсир расонида, фаъолияти онҳо баҳри ноил шудан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути ҳалли маҷмуи масъалаҳо нигаронида шудааст.

Шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамзамон, дар шаклҳои ҷавобгарии мусбӣ ва манфӣ баррасӣ мегарданд. В.В. Похмелкин[146] навиштааст, ки маънои мафҳумҳои «ҷавобгарии мусбӣ» ва «ҷавобгарии ретроспективӣ» ба ғайр аз шакли ихтиёрӣ ва маҷбурии татбиқи ҷавобгарии ягонаи ҳуқуқӣ, ки ҳамчун меъёри рафтори дурусти нақши иҷтимоии дар қонун муқарраргардида баромад мекунад, чизи дигаре нест.

Дар динамикаи танзими ҳуқуқии амалисозии ҷавобгари ҳуқуқӣ дар сатҳи муносибатҳои ҳуқуқии умумӣ ва мушаххас пайдо мешавад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба маънои объективӣ дар ин ҷо дар намуди ҷазоҳои дар қонун муқарраргардида пешниҳод карда мешавад ва ҷавобгарии субъективии ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ бармеояд, дар умқи муносибатҳои ҳуқуқии махсуси ҳимоявӣ ҳамчун ухдадории дучор шудан ба зарар ба амал омада, пас аз баровардани санади ниҳоии амалисозии қонун имконияти иҷрои расмӣ пайдо мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки шаклҳои маҷбурии амалисозии чунин функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба монанди ҷазо бештар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ба андозаи камтар дар ҳуқуқи маъмурӣ маъмул мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои намудҳои мухталиф мебошад ва амалисозии функсияҳои ҷавобгарии

---

[145] Ниг.: Кузьмин И.А. К вопросу об особенностях реализации юридической ответственности в контексте правового регулирования / И.А. Кузьмин // Теория государства и права. – 2018. – №4. – С. 47.
[146] Ниг.: Похмелкин В.В. Социальная справедливость и уголовная ответственность. – Красноярск: Изд-во Красноярск. ун-та, 1990. – С. 25.

ҳуқуқӣ ба намуди ҷавобгарӣ вобастагӣ дорад. Чунончи, дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар хусусияти маҷбурӣ мегирад. Мавриди зикр аст, ки амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ба пешгирии ҷинояткорӣ равона гардидааст.

Ба назари мо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба татбиқи ҷазо ё муҷозоти волоияти қонун падидаи мураккабтар аст. Иҷрои ҷазо яке аз марҳилаҳои ниҳоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, як навъ натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд дар баҳодиҳии фаъолияти ҷинояткор мебошад. Дар адабиёт ҷазо ҳамчун яке аз навъҳои маҷбуркунии давлатӣ таъриф шудааст[147]. Ҳамин тавр, дар консепсияе, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро бо ҷазо муайян мекунад, мо алоқаи зичро бо маҷбуркунии давлат мебинем. Яъне, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ беҳштар шакли маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос мебошад.

Амалисозии ҷазо аломати муҳими ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар он маҳдудиятҳои мушаххаси ҳуқуқӣ қарор дорад: молу мулкӣ, ташкилӣ, шахсӣ ва ғ. Аммо ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ҷазо хотима намеёбад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад бидуни ҷазо бошад, аммо ҷазои бидуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ вуҷуд надорад[148]. А.И. Сафарзода[149] атрофи мавқеи мафҳумҳо ва нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ дар муносибатҳои ҷиноятию криминологӣ изҳори назар намудааст. Т.Ш. Шарипов зикр менамояд, ки тавсифи дурусти мафҳуми ҷиноят, мазмун ва аломатҳои он барои муқаррар кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро мафҳуми ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ бо ҳамдигар дар пайвастагии ногусастанӣ қарор доранд[150]. Тадқиқотҳои сершумори масъалаҳои гуногуни амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ моро ба эътиқоди зарурати

[147] Ниг.: Максимов И.В. Административные наказания. – М.: Норма, 2009. – С. 82.
[148] Ниг.: Липинский Д.А. Поощрение и наказание как формы реализации юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2017. – №1 (28). – С. 60.
[149] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 26.
[150] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Оид ба баъзе аз масъалаҳои мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ / Т.Ш. Шарипов // Правовой государства и развитие законодательства Таджикской ССР: сб. науч. трудов студентов и аспирантов юр. фак-та / Отв. ред.: Ойгензихт В.А., Усмонов О.У., Махмудов М.А. Тадж. гос. универ-т. – Душанбе, 1991. – С. 85-92.

баррасии ҳамаҷонибаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ водор мекунад, аз ҷумла: ҷанбаи воқеии танзимкунанда, ки бо нишон додани «ҳаракати» ҷавобгари ҳуқуқӣ тавассути марҳилаҳои танзими ҳуқуқӣ алоқаманд аст; ҷанбаи моддии ҳуқуқӣ, ки бо омӯзиши инкишофи муносибатҳои моддии ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд аст; ҷанбаи мурофиавӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо омӯзиши инкишофи муносибатҳои мурофиавии ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

С.Ҷ. Азимӣ[151] атрофи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ изҳори назар намуда, меъёри «танҳо барои содир кардани ҷиноят татбиқ шудан»-ро ҳамчун меъёри фарққунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз дигар намудҳои ҷавобгарӣ донистааст. Ҳол он ки намудҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳолати содир кардани кирдорҳои ношоям амалӣ мегарданд. Андеша оид ба он, ки «аз лаҳзаи содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ дар шахси ҳуқуқвайронкунанда уҳдадории нав пайдо мешавад», ба олимон имкон дод, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун уҳдадории иловагии аз лаҳзаи содир шудани ҷиноят ба миёноянда баррасӣ намоянд. Ба андешаи Д.А. Липинский мавҷудияти чунин уҳдадорӣ бо ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ байни ҷинояткор ва давлате, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори муносибатҳои ҳуқуқӣ намояндагӣ мекунанд, вобаста мебошад. Дар ин ҳолат уҳдадории ҳуқуқвайронкунанда хусусияти ин муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, зеро он ба ҳуқуқ ва уҳдадории мақомоти ваколатдор оид ба маҷбур кардани ҳуқуқвайронкунанда ба иҷрои ин уҳдадори мувофиқат мекунад. Уҳдадории ҷинояткор бо сабабҳои гуногун муддати дароз дар ҳолати статикӣ мемонад: худи ҷинояткор муайян карда нашудааст; ҷиноят ошкор нагардидааст ва ғайра[152]. Пеш аз ҳама ҷазо уҳдадории қонунии ҷинояткор мебошад. Он аз лаҳзаи содир шудани ҷиноят ва бо ду омил ба вуҷуд меояд. Якум, далели қонунии ҷиноят. Дуюм, меъёри ҳуқуқӣ. Ба ибораи дигар, он меъёр аст, вале

[151] Ниг.: Азимӣ С.Ҷ. Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо: дис. ... д-ри фалсафа (PhD). – Душанбе, 2021. – С. 106.
[152] Ниг.: Липинский Д.А. Поощрение и наказание как формы реализации юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2017. – №1 (28). – С. 60.

хусусияти иловагӣ дорад. Ин уҳдадорӣ пеш аз содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ вуҷуд надошт. Моҳияти уҳдадории иловагӣ дар он аст, ки субъект бояд маҳдудиятҳоеро гузарад, ки барои ӯ номусоид мебошанд. Намуди маҳдудият аз хусусиятҳои меъёри вайроншуда, санксияи он ва чораи мушаххасе вобаста аст, ки нисбати субъект дар асоси санади амали намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад.

Масъалаи шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар меъёрҳои қонунгузории кишвар ба назар мерасанд. Конститутсияи ҶТ якчанд маротиба истилоҳи «ҷавобгарӣ»-ро ба маънои шакли ихтиёрӣ истифода бурдааст. Ҳамин тариқ, дар дебочаи Конститутсияи ҶТ гуфта мешавад: «...Халқи Тоҷикистон худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста...». Дар қ. 6 м. 6 Конститутсияи ҶТ гуфта мешавад: «аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд»[153]. Конститутсияи ҶТ ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ ба масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ дахл намудааст. Ба андешаи У.А. Азиззода, рушди давлатдории муосир дар ҶТ дар заминаи устувори конститутсионӣ ва ҳуқуқие, ки Конститутсияи ҶТ муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад ва он барои ташаккули ҳуқуқ ва давлати демократӣ асос гузоштааст[154]. Ҳамин тавр, Конститутсияи ҶТ меъёрҳои уҳдадоркунандаро муқаррар кардааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода мекунанд:

– давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд (м. 10).

– падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар

---

[153] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[154] Ниг.: Азизов У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах. Коллективная монография. – СПб., 2019. – С. 435.

масъул мебошанд (м. 34).

– дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад (м. 42).

– ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст (м. 43).

– ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст (м. 44)[155].

Шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷавобгарии конститутсионии шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ равшан зоҳир мегардад:

1) Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ҳуқуқи қабули истеъфои Президентро доранд (м. 55).

2) Ваколатҳои Президент дар ҳолате, ки ӯ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар бораи ба истеъфо баромаданаш хабар медиҳад, бо тарафдории аксарияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, қатъ карда мешавад (м. 71).

3) Дахлнопазирии Президент дар сурати аз тарафи ӯ содир шудани хиёнат ба давлат дар асоси хулосаи Суди конститутсионӣ ва бо тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, бекор карда мешавад (м. 72).

4) Мувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент ба Конститутсия аз ҷониби Суди конститутсионӣ ба роҳ монда шуда, дар ҳолати мухолифат доштан, бекор карда мешаванд (м. 89). Тавре ки аллакай зикр гардид, татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба амалҳои мақомоти салоҳиятдор, ки ба маҷбуркунии давлат асос ёфтааст, вобаста мебошад. Фарқияти байни фаъолияти мақомоти ваколатдор ҷиҳати ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани

[155] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

шахс ва татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муҳим аст. Муносибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо муносибатҳои мурофиавӣ ҳамроҳ мешаванд, ки онҳо низ ба маҷбуркунии давлат асос ёфтаанд. Дар ин ҳолат нисбати ҳуқуқвайронкунанда чораҳои пешгирӣ, чораҳои бехатарии парванда ва дигар амалҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта метавонанд татбиқ карда шаванд. Аммо онҳо мазмуни ҷавобгарии ҳуқуқиро ташкил намедиҳанд, балки ба иҷрои уҳдадории иловагие, ки аз факти ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунӣ бармеоянд, нигаронида шудаанд.

Ҳангоми ба кор даромадани ҳар мансабдор уҳдадориҳои давлатиро ба зимма мегирад ва барои иҷрои онҳо, пеш аз ҳама, дар шакли ихтиёрӣ ҷавобгарӣ дорад. Зеро ҷавобгарӣ, аллакай, дар худи вазифаи хизматчии давлатӣ пешбинӣ шудааст ва бевосита, тибқи қонун, ба зиммаи ӯ гузошта мешавад.

Ҳамин тавр, новобаста аз он ки муаллифон бештар аз шакли маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷонибдорӣ карда бошад ҳам (бо далели он ки дар мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ибораи маҷбурӣ истифода шудааст), вале мо ҷонибдорӣ аз ҳар ду шаклҳои зикршуда мебошем. Зеро инкор кардани шакли ихтиёрӣ дар як маврид ин инкор намудани усули диспозитивии таснифоти соҳаҳои ҳуқуқ ва ҳамзамон соҳаҳои ҳуқуқи хусусиро ифода менамояд. Дар амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакли ихтиёрӣ аз шакли маҷбурӣ кам намебошад. Зеро дар соҳаҳои дахлдори ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Аммо, агар чунин нуқтаи назарро вобаста ба намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқоиса намоем, он гоҳ зарурат пеш меояд, ки ба андешаи баъзе олимон дар хусуси дастгирии шакли маҷбурӣ розӣ шавем. Зеро, функсияҳои ҷубронсозӣ, пешгирӣ, ҷаримавӣ, сазодиҳӣ аксаран дар шакли маҷбурӣ татбиқ карда мешаванд.

Ҳамзамон, дар м. 9 Қонуни мазкур муқаррар шудааст, ки «Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ дар мавриди иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ масъул мебошанд. Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи

давлатии ҶТ» аз 28 июни соли 2011, №723 дар м. 54 муқаррар менамояд, ки «Вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ хароҷоти худро мувофиқи сметаҳои тасдиқшуда амалӣ менамоянд. Ташкилотҳои дахлдор ба воситаи хазинадории марказии Вазорати молияи ҶТ ва шуъбаҳои маҳаллии он маблағгузорӣ карда мешаванд. Роҳбарони тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ барои истифодабарии мақсаднок ва самарабахши маблағҳои буҷетӣ масъул мебошанд.

Ҳамин тавр, фаъолияти мақомоти салоҳиятдор пайваста ба чунин марҳилаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба монанди маҳкум кардани ҳуқуқвайронкунанда оварда мерасонад. Худи маҳкум кардани ҳуқуқвайронкунанда як қатор хусусиятҳои муҳим дорад. Аввалан, он дар ҳукми суд, таъинот дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ё дар дигар санади татбиқи қонун зикр шудааст. Сониян, маҳкумкунӣ баҳои манфии шахс ва амалҳои содиркардаи ӯро нишон медиҳад. Ғайр аз ин, дар санади татбиқи ҳуқуқ муайян карда мешавад, ки нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда чи гуна чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд[156].

Дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, ки шахсони мансабдор, шаҳрвандони одӣ, шахсони ҳуқуқӣ онҳоро ихтиёран риоя мекунанд. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 дар м. 32 муқаррар менамояд, ки «роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намуданро дорад, ба хизматчии давлатӣ барои кирдори интизомии содирнамудааш, ҳамчунин, барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии ҶТ ва кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ, роҳ додан ба бархӯрди манфиатҳо ҳангоми адои хизмати давлатӣ ва ё дигар кирдорҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дорои аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноят намебошанд, ҷазои зерини интизомиро татбиқ менамояд: сарзаниш; танбеҳ; танбеҳи қатъӣ; ба мансаби паст гузаронидан; аз мансаб озод кардан.

---

[156] Ниг.: Липинский Д.А. Поощрение и наказание как формы реализации юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2017. – №1 (28). – С. 60.

Бо мақсади ҷамъ овардан ва санҷиши маълумот дар бораи кирдори интизомии содирнамудаи хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ санҷиши хизматӣ таъин карда мешавад. Санҷиши хизматӣ метавонад бо талаби хизматчии давлатӣ низ гузаронида шавад. Тартиби гузаронидани санҷиши хизматӣ ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчии давлатӣ аз тарафи Президенти ҶТ тасдиқ карда мешавад. Татбиқи ҷазоҳои интизомие, ки дар Қонуни мазкур, Кодекси меҳнати ҶТ ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ пешбинӣ нагардидаанд, манъ аст[157].

Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии ҶТ» аз 20 марти соли 2008, №362 дар м. 9 муқаррар менамояд, ки «дар ҳолати аз тарафи кормандони мақомоти амнияти миллии ҶТ поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳбари мақоми дахлдори амнияти миллии ҶТ вазифадор аст барои ҳифз ва барқарор намудани ин ҳуқуқу озодиҳо, ҷуброни зарари расонидашуда ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор мувофиқи қонунгузории ҶТ чораҳо андешад. Шахсони мансабдори мақомоти амнияти миллии ҶТ, ки ба суйистифодаи ҳокимият ё баромадан аз ҳадди ваколати хизматӣ роҳ додаанд, мувофиқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд»[158].

Ҳамзамон, дар м. 31 Қонуни мазкур муқаррар гардидааст, ки «корманди мақомоти амнияти миллии ҶТ барои вайрон кардани қонунгузории ҶТ, суйистифода аз мансаб, баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ, иҷро накардан ё иҷрои номатлуби вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, мутобиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории ҶТ, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад»[159]. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ ба фаъолияти салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста аст. Агар ба ҳуқуқӣ маданӣ назар кунем, ки иҷрои ҷавобгарӣ ба иродаи кредитор (ҷабрдида) вобаста бошад, пас он то он даме, ки кредитор (ҷабрдида) як қатор амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммияти

---

[157] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
[158] Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии ҶТ» аз 20 марти соли 2008, №362 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
[159] Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии ҶТ» аз 20 марти соли 2008, №362 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

ҳуқуқиро содир накунад, он дар ҳолати статикӣ хоҳад буд. Аз ҳамин лаҳза механизми давлатии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба кор шуруъ мекунад.

Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дар шакли ихтиёрию маҷбурӣ бо мафҳумҳои подош ва ҷазо низ ифода кардан мумкин аст. Барои он ки подош ва ҷазо ҳамчун категорияҳои ҷуфтшуда ва шаклҳои гуногуни амалигардонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ шуморида шавад, инчунин, гузариши мутақобилаи як падида ба падидаи дигарро асоснок кардан лозим аст, ки ин сатҳи мураккабтари робитаи байни подош ва ҷазо мебошад. Ҳамин тариқ, факти ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунӣ метавонад боиси ҷазо гардад, аммо давлат ба ҳуқуқвайронкунанда ислоҳ кардани вазъияти мавҷударо пешниҳод мекунад. Бо ин мақсад дар ҳуқуқи ҷиноятӣ меъёрҳои ҳавасмандкунӣ мавҷуданд, ки бо ҳаракатҳои фаъол, ислоҳи зарар ва ғайра алоқаманданд. Татбиқи ин меъёрҳо дар натиҷаи амали қонунии худи ҳуқуқвайронкунанда метавонад ҷазоро сабуктар созад, зеро мақомоти ваколатдор ҳуқуқ доранд ӯро аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазо озод кунанд, яъне меъёри ҳавасмандкуниро татбиқ намоянд[160]. Аз таҳлил бармеояд, ки шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар бо роҳи ҳавасмандгардонӣ ва шакли маҷбурӣ бо роҳи ҷазо додан ба роҳ монда мешавад.

Шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамзамон дар он ифода мегардад, ки ҳар як субъект ҳангоми амалисозии ҳуқуқу озодиҳои худ бояд ба доираи ҳуқуқу озодиҳои дигарон дахолат накунад ва ба дигарон зарар нарасонад. Зеро, дар ин маврид субъект ихтиёран, бе маҷбурияти шахси дахлдор ҳуқуқу манфиатҳои дигаронро риоя намуда, ба онҳо эҳтиром мегузорад ва ҳуқуқу озодиҳои худро софдилона ва бовиҷдонона иҷро мекунад. Дар ҳолати баръакс нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дахлдори ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад.

Шакли ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ субъектро водор менамояд, ки ҳангоми ворид шудан ба муносибатҳои муайяни ҳуқуқӣ

---

[160] Ниг.: Липинский Д.А. Поощрение и наказание как формы реализации юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2017. – №1 (28). – С. 63.

меъёрҳои ҷавобгарӣ, ки рафтори ӯро маҳдуд мекунад ва дар сурати вайрон кардани ин меъёрҳо бо кӯшиши худ ва аз ҳисоби худ муносибатҳои ҳуқуқиро ба ҳолати пешина муқаррар менамояд. Аз ҷумла, Кодекси тандурустии ҶТ аз 30 майи соли 2017, №1413 дар м. 3 ҷавобгарии якҷояи давлат, корфармоён ва шаҳрвандон ҷиҳати нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии инфиродӣ ва ҷамъиятиро принсипи фаъолияти соҳаи тандурустӣ эътироф намуда, дар м. 63 муқаррар менамояд, ки «табибон барои вайрон кардани савганд ва риоя накардани меъёрҳои Кодекси ахлоқи табиби ҶТ ҷавобгар мебошанд»[161]. Шакли ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва функсияҳои ба он алоқаманд хусусияти меъёрӣ дорад. В.А. Элеонский моҳияти ҳуқуқии шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳимоя намуда, сарчашмаи онро меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳисобидааст. Шакли ихтиёрии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар меъёри ҳуқуқӣ ҷойгир шудааст.

Дар сархати ҳаштуми қ. 1, м. 37 КМГ ҶТ аз 05 январи соли 2008, №341 омадааст: «Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии граждани метавонанд нисбат ба санадҳои судӣ шикоят пешниҳод намоянд ва аз дигар ҳуқуқҳои мурофиавии пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба мурофиаи судии гражданӣ ва аз ҳама ҳуқуқҳои мурофиавие, ки барояшон пешбинӣ шудааст, бовиҷдонона истифода намоянд»[162]. Дар муносибатҳои маданӣ ва мурофиавии гражданӣ як қатор мушкилоти ҳалталаб оид ба амалисозии функсияҳои ҷавобгарии маданӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, масъалаҳои мерос ва ворисон, ҷавобгарии ноболиғон, ҷавобгарӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф ва тандурустӣ ва монанди инҳо. Дар ҷавобгарии маданӣ бештар шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ хос мебошад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ ду шакли мустақили амалӣ дорад: ҷазо ва доғи судӣ. Ин хулосаро дар асоси як қатор хусусиятҳои расмӣ ва моддие, ки ба ҳар як институти номбаршуда хосанд, баровардан мумкин аст. Аввалан, ҳамаи онҳо дар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, масалан, чораҳои

---

[161] Кодекси тандурустии ҶТ аз 30 майи соли 2017, №1413 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
[162] Кодекси мурофиавии граждании ҶТ аз 05 январи соли 2008, №341 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01. 2023).

мурофиавии ҷиноятии пешгирӣ ё чораҳои интизомӣ нисбати маҳкумшуда, ки дар меъёрҳои қонуни иҷроияи ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҷиноятиро дар эзоҳҳои м.м. 130, 130[1], 167, 179, 179, 181, 187, 194, 195, 195, 196, 262, 279, 305, 307, 307, 320, 343, 347, 351, 352, 365, 374, 375 ва 401[1] **КҶ ҶТ** (дар ҳолати озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ) пешбинӣ гардидааст, мушоҳида карда мешавад. Ин гуфтаҳо далели он аст, ки **КҶ ҶТ** масъалаи ҷавобгарии ҷиноятиро дуруст ба роҳ монда, ҳамзамон, ҳифзи ҳуқуқи инсонро амалӣ намудааст.

Ҳамин тавр, шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро, агар амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияҳои муайян вобастагӣ дошта бошад, пас функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар навбати худ дорои шаклҳои дахлдори амалисозии худ мебошанд, ки маҳз тавассути онҳо ин ва ё он функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди амалисозӣ қарор дода мешавад. Ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқӣ дар хусуси шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳсҳои муайян ҷой дошта бошад ҳам, вале ду шакли муҳими онҳо дар назария ва амалия бештар паҳншуда мебошанд: яке шакли ихтиёрӣ ва дигаре шакли маҷбурӣ.

Дар натиҷаи таҳқиқи масъала муайян гардид, ки амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои шаклҳои худ мебошад. Аслан, аз ҳама шаклҳои маъмули амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин шакли ихтиёрӣ ва шакли маҷбурӣ ба ҳисоб меравад. Аксари муҳаққиқон низ чунин мешуморанд, ки шакли бартаридошта ва ҳатто ягона шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ шакли маҷбурии он мебошад. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба намуди ҷавобгарӣ низ вобастагӣ дорад. Зеро ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои намудҳои мухталиф мебошад. Аз ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, интизомӣ. Дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар хусусияти маҷбурӣ мегирад. Аммо дар намуди ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ ва интизомӣ бошад ҳам, шакли ихтиёрӣ ва ҳам шакли маҷбурӣ хос мебошанд.

### 2.3. Амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз навъҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, ба ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои манфии дорои хусусияти маънавию рӯҳӣ мерасонад. Бо рушди ҷомеа ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон ва шаҳрванд, функсияи сазодиҳӣ ба талаботи инсондӯстӣ, адолат, баробарӣ, қонунӣ ва мутаносибӣ бештар ҷавоб медиҳад. Барои аз догмаҳо ва стереотипҳое, ки худи мафҳумҳои «сазо» ё «функсияи сазодиҳӣ» ба вуҷуд меоваранд, халос шудан ҷазоро на аз рӯйи принсипи талон, балки дар асоси принсипҳои муосири ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дида баромадан лозим аст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ истилоҳоти дигаре низ мавҷуданд, ки барои ифодаи ин мафҳум истифода мешаванд: функсияи ҷаримавӣ; функсияи ҷазодиҳӣ; функсияи репрессивӣ. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ У.А. Азиззода[163], А.А. Абдурашидов[164], Т.Ш. Шарипов[165], З.Х. Зокирзода[166] ва дигарон мафҳумҳои «сазо» ва «сазодиҳӣ» мавриди истифода қарор гирифтааст. М.П. Трофимова дуруст қайд кардааст, ки «мафҳуми ҷазо танҳо хусусиятҳои ҳуқуқи ҷиноятиро инъикос мекунад». Истилоҳи «таъқиб» бо амалҳои ғайриқонунии мақомот алоқаманд аст ва ҷарима танҳо яке аз чораҳои таъсиррасонӣ ба ҷинояткор мебошад[167].

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки вобаста ба мазмун ва моҳияти худ нисбат ба субъекти поймолкунандаи ҳуқуқ оқибатҳои манфиро ба вуҷуд оварда, ӯро дучори азоби маънавӣ ё рӯҳӣ мегардонад. Функсияи мазкур дар миёни дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавқеи худро дошта, хусусияти таърихиро касб кардааст. Зеро, аз замонҳои қадим ҷиҳати пешгирӣ намудани рафторҳои зиддиҳуқуқӣ ҷавобгариро дар шаклҳои нисбатан вазнин татбиқ менамуданд.

[163] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 414 с.
[164] Ниг.: Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.
[165] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: китоби дарсӣ: нашри 5-ум, такмилёфта / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов ва дигарон. – Душанбе, 2020. – 223 с.
[166] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с.
[167] Ниг.: Трофимова М.П. Функции юридической ответственности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 18.

Маҳз дар натиҷаи чунин ҷазоҳои вазнин ба ҳуқуқвайронкунанда сазои дахлдор расонида мешуд.

Бояд тазаккур дод, ки мавҷудияти функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар ба мавҷудияти мақсади ҷазо вобаста аст. Сазо барои ноил шудан ба мақсадҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ зарур аст. Фаъолияти муътадили ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо дар натиҷаи таъсири якчанд функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имконпазир аст. Баъзе олимон бар он андешаанд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аслан, дар алоҳидагӣ амал карда наметавонанд, масалан функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд дар як вақт бо функсияи тарбиявӣ ба амал баровarда шавад[168]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз мақсадҳои ҷазо вобастагии бештар дорад. Зимнан маҳз тавассути оқибатҳои сазоӣ доштани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсади он ба даст оварда мешавад, вале худи сазо додан ва ё ба дарди ҷисмонию равонӣ гирифтор кардани ҳуқуқвайронкунанда мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ намебошад. Табиист, ки агар ҳуқуқвайронкунанда дар ивази кирдори зиддиҳуқуқии содиркардааш подоши муносиб нагирад, дар ин сурат ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз мақсади худ берун меравад ва самарабахш буда наметавонад. Бо ин назардошт, ҳар як шаклу намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд дар дараҷаи муайян дорои сазо бошад.

Дар бораи таъсири мутақобилаи функсияҳои сазодиҳӣ ва тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ сухан ронда, онро метавон бо якчанд хусусияти онро зикр намуд. Якум, оқибатҳои манфии сазодиҳӣ ва таъсири он ба шуури ҳуқуқвайронкунанда аз хавфи ҷамъиятии кирдори ҷиноятии содиршуда вобаста набуда, балки аз мазмуну моҳият ҷазои татбиқшаванда вобастагӣ дорад. Дуюм, табдил додани таъсири тарбиявӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз

[168] Ниг.: Липинский Д.А., Мусаткина А.А. Лекция: юридическая ответственность, санкции и меры защиты / Д.А. Липинский, А.А. Мусаткина // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. – 2010. – №4. – С. 55-62.

озодӣ. Сеюм, вайрон кардани принсипҳои фардӣ ва ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳам аз ҷониби қонунгузор ва ҳам аз ҷониби иҷрокунандаи ҳуқуқ[169].

Яке аз проблемаҳои муҳимтарин ва пешбарандаи назарияи давлат ва ҳуқуқ проблемаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Омӯзиши функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ на танҳо бо ҷанбаҳои амалӣ, балки назариявӣ низ муайян карда мешавад, зеро мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо вазифаи ҳаётан муҳими ҷомеа мебошад[170]. Мавриди зикр аст, ки мутобиқати функсияи сазо ба меъёрҳои қонуният барои амалисозии самараноки функсияи тарбиявӣ замина фароҳам меорад. Агар сазо ба қонун мувофиқат накунад, дар он сурат иҷрои самарабахши функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро тасдиқ кардан мумкин нест, зеро субъекти мазкур онро беадолатона мешуморад ё барои расидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ кифоя нест, чунки хусусияти таъсири тарбиявӣ ба намуди чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва муҳлати амалишавии он вобаста аст.

Сазо ҳамчун аксуламали ногузир на ба хотири худ, балки ба хотири ҷанбаи дигари ногузир амалӣ мешавад то дар оянда субъект вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо вайрон накунад[171]. Объекти умумии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятист, аммо таъсир ба объекти умумӣ танҳо дар натиҷаи таъсиррасонӣ ба объектҳои бевосита имконпазир аст. Таъсири сазодиҳӣ ба тағйир додани мақоми ҳуқуқии субъект нигаронида шудааст. Маҳдуд кардани ҳуқуқҳои мухталифи субъектҳо боиси тағйир ёфтани мақоми ҳуқуқии он мегардад. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молумулкӣ, меҳнатӣ, шахсии ғайримолумулкии субъекти ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонанд ҳамчун объекти бевоситаи таъсири функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ баромад кунанд[172]. Натиҷаи чунин таъсир қатъ

---

[169] Ниг.: Мелкумян М.Г. Взаимодействие воспитательной функции юридической ответственности с регулятивной, превентивной и карательной функцией / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – №1 (16). – С. 55.

[170] Ниг.: Дроздов А.И. Проблемы правового регулирования перевода в тюрьму лиц, признанных злостными нарушителями установленного порядка отбывания наказания / А.И. Дроздов // Вестник Самарского юридического института: научно-практический журнал. – 2010. – №1. – С. 111.

[171] Ниг.: Хачатуров Р.Л. Вопросы международно-правовой ответственности / Р.Л. Хачатуров // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – 2009. – №1. – С. 69-75; Хачатуров Р.Л. Ответственность в современном международном праве / Р.Л. Хачатуров // Право и политика. – 2005. – №8. – С. 24-23.

[172] Ниг.: Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности: дис. … д-ра юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 111-134.

гардидани муносибатҳои алоҳидаи мушаххаси ҷамъиятӣ ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави ҳуқуқие мебошад, ки пеш вуҷуд надоштанд. Дар натиҷаи таъсири функсияи сазодиҳӣ маҳдудшавии вазъи ҳуқуқӣ ба амал меояд.

Функсияи сазодиҳӣ ҳамчун функсияе фаҳмида мешавад, ки аз таъини ҷазо ба шаҳрванд барои ҷиноятҳои содиркардааш иборат аст. Бо рушди ҷомеа ва таҳкими озодиҳо ва ҳуқуқҳои фитрии шаҳрвандон ва одамон функсияи сазодиҳӣ ба талаботи инсонпарварӣ ва баробарӣ бештар майл мекунад[173]. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ сохтори зерин дорад: асосҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ; субъектҳои таъсир; усулҳои таъсиррасонӣ; натиҷаҳои таъсир; объектҳои таъсиррасонӣ ва ғайра. Таъсири сазо асосан ба тағйир додани вазъи ҳуқуқии субъект нигаронида шудааст. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таҳким ва рушди динамикаи муносибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Ба ин муносибат суоле ба миён меояд, ки оё функсияи сазодиҳиро ба муносибатҳои ҳуқуқии аллакай мавҷуда равона кардан мумкин аст? Мо нишон додем, ки функсияи сазодиҳӣ ба қатъ ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои гуногун нигаронида шудааст, аммо татбиқи ин ҳуқуқҳо берун аз муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, функсияи ҷазодиҳӣ боиси тағйир ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунанда мегардад. Дар баробари ин, таъсири сазо боиси пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқие мегардад, то лаҳзаи содир шудани ҷиноят вуҷуд надошт. Объектҳои таъсири функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамзамон ба объектҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, моликият, ташкилӣ, иҷтимоӣ, меҳнатӣ, шахсии ғайримолумулкии таъсиррасонии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар асл, функсияи сазодиҳӣ метавонад якбора ба якчанд объект таъсир расонад. Объектҳои таъсиррасонии ҷазо вобаста ба кадом соҳаи ҳуқуқ ҳуқуқу озодиҳои муайянро ба танзим медарорад, ба ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи

[173] Ниг.: Михайлова Д.Ю. Особенности карательной функции юридической ответственности / Д.Ю. Михайлова // Проблемы и перспективы развития уголовно-исполнительной системы России на современном этапе: Материалы Международной научной конференции адъюнктов, аспирантов, курсантов и студентов (г. Самара, 27 апреля 2018 года). Том Часть 1. – Самара: Самарский юридический институт Федеральной службы исполнения наказаний, 2018. – С. 139.

маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, меҳнатӣ ва ғ. тасниф мешавад.

Мақсади сазо асосан ҳамчун меъёри функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ баромад мекунад, зеро мавҷудияти мақсадҳои сазо барои ҷавобгарии ҳуқуқӣ боиси баҳсҳои зиёд мегардад, махсусан дар таҳқиқоти ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳсҳо оид ба ин ҷиҳат мушоҳида мешавад. Масалан, мақсади сазо нисбат ба шахсоне, ки барои муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир аз озодӣ маҳрум шудаанд, бояд бо принсипи ногузирии ҷавобгарӣ кафолат дода, бо принсипҳои инсондӯсти, адолат, баробарӣ ва ғайра маҳдуд карда шавад[174]. Функсияи сазодиҳӣ на танҳо барои ноил шудан ба мақсади ҷазо, балки барои ноил шудан ба мақсадҳои пешгирӣ ва барқарорсозии инсонпарварӣ низ амалӣ карда мешавад. Дар ҳақиқат мақсаду функсияҳои сазо низоми дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Хусусияти таъсири сазо ва доираи маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, ки нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мешаванд, ба марҳилаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста аст. Агар шакли маҷбурии давлатии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз лаҳзаи содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ дар шакли уҳдадории таҳти маҳдудиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ қарордошта ба вуҷуд омада бошад, пас, дар ин марҳила ҳеҷ гуна оқибатҳои номатлуби воқеӣ вуҷуд надорад ва худи функсияи сазодиҳӣ дар статика вуҷуд дорад. Бе амали саривақтӣ ва салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ он рушд карда наметавонад.

Иҷрои функсияи сазодиҳӣ аз маҳкум кардани ҷинояткор оғоз мешавад. Д.А. Липинский дуруст қайд мекунад, ки шуури ҷинояткор ҳамчун объекти мушаххаси таъсири ҷазо амал мекунад[175]. Руҳияи маҳкумшаванда вайронии олами ботинии ӯро нишон медиҳад. Эътибори гунаҳгор бояд азоби маънавии ӯро ба бор орад. Аммо, ба монанди ҳама гуна унсурҳои субъективӣ, он метавонад вуҷуд надошта бошад ҷазоро аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм метавон баъзеҳо ҳамчун дарди тоқатфарсо, ранҷу азоб ва дигаронро ҳамчун як

[174] Ниг.: Некрасов А.П., Сазонова К.И. К вопросу незаконного оборота наркотических средств в местах лишения свободы / А.П. Некрасов, К.И. Сазонова // Черные дыры в Российском законодательстве. – 2011. – №1. – С. 73.

[175] Ниг.: Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности: дис. … д-ра юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 113.

норохатии ночиз қабул кунанд[176]. Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки функсияи сазодиҳӣ аз лаҳзаи маҳкум шудани гунаҳкор эътибор пайдо мекунад. Вай дар асоси қонуният, аз рӯйи принсипи ногузирии ҳокимият амал мекунад. Дар раванди амалигардонии ин функсия чораҳои маҷбуркунии давлатӣ бевосита таъсири худро расонида, хусусияти маҷбурии давлатию ҳуқуқӣ зоҳир мегардад.

Иҷрои минбаъдаи функсияи сазодиҳӣ аз бисёр ҷиҳат ба маҳкум кардани шахс вобаста аст. Айбдорӣ дар ҳукм ё санади дигари татбиқи ҳуқуқ зикр шудааст, вале дар баробари ин, ин санад нишон медиҳад, ки шахси гунаҳкор бояд то кадом андоза маҳдудиятҳои ҳуқуқиро паси сар кунад. Таъсири сазо ба субъект дар он зоҳир мегардад, ки бояд ба ӯ азоби маънавӣ расонида шавад. Аз бисёр ҷиҳат, тавассути азобҳои маънавӣ мақсади ислоҳи ҳуқуқи вайронкунанда ба даст меояд. Маҳз, азобу уқубати маънавӣ ӯро водор мекунад, ки олами ботинии худро аз нав дида барояд, муносибатҳои зиддиҷамъиятии худро ислоҳ кунад. Ин бори дигар чунин тезисро тасдиқ мекунад, ки сазо барои сазо не, балки сазо барои ислоҳ ва тарбияи ҷинояткор зарур аст.

Функсияи сазодиҳӣ метавонад ҳам таъсири бевосита ва ҳам бавосита дошта бошад. Дар робита ба ин, объектҳои таъсири сазоро метавон ба бевосита ва бавосита тақсим кард. Чунин таъсири пешгирӣ ва тарбиявӣ аз ҳисоби татбиқи қонунгузории ҶТ ба амал меояд. Зикр кардан ба маврид аст, ки функсияи сазодиҳӣ метавонад ҳам ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам ба муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсир расонад. Аз ин рӯ, объектҳои амали ҷазоро метавон ба танзимшаванда ва бо қонун танзимнашаванда ҷудо кард. Ҷавобгарии конститутсионӣ мисли дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вазифаи сазодиҳиро ичро намояд ҳам, дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад.

Дар хусуси ҷавобгарии конститутсионӣ олимони ватанӣ қайд намудаанд, ки зимни андешаронӣ атрофи ҷавобгарии ҳуқуқии

---

[176] Ниг.: Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности: дис. … д-ра юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 114.

конститутсионӣ ҷанбаҳои манфӣ (ретроспективӣ) ва мусбиро фарқ кардан лозим аст. Ҷанбаи якуми ҷавобгарӣ функсияи пешгирӣ ва сазодиҳандаро иҷро намуда, ҷанбаи мусбӣ ба назорат, ҳавасмандкунӣ ва ғайра нигаронида шудааст[177]. Мавриди зикр аст, ки масъалаи функсияҳои ҷавобгарии конститутсионӣ баҳснок аст. Н.В. Витрук вобаста ба мақсади функсионалии ҷавобгарии конститутсионӣ функсияҳои ҷавобгарии конститутсиониро ҷудо кардааст, ки яке аз онҳо функсияи сазодиҳӣ ба шумор меравад[178]. Ба андешаи мо, ҷавобгарии конститутсионӣ ҳам функсияи сазодиҳӣ ва ҳам барқароркунандаро иҷро мекунад, бинобар ин, ба барқарорсозанда ва сазодиҳанда тақсим кардани ҷавобгарии конститутсионӣ мувофиқи мақсад аст. Ҳар як чораи ҷавобгарии конститутсионӣ ҳам функсияи сазодиҳӣ ва ҳам барқароркунанда дорад. Хусусиятҳои функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ дар асосҳо, объектҳои таъсиррасонӣ, субъектҳо ва усулҳои татбиқи он ифода мегардад.

Асоси воқеии ҷавобгарии конститутсиониро ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ дар маҷмуъ ҳамаи аломатҳои он ташкил медиҳад. Ба ақидаи А.Ю. Александров асоси татбиқи чораҳои ҷавобгарии конститутсионӣ ин иҷро накардани уҳдадориҳои конститутсионӣ аз ҷониби субъектон мебошад[179]. Мафҳуми «иҷро накардани уҳдадориҳо» мафҳуми «ҳуқуқвайронкунӣ»-ро иваз намекунад. Илова бар ин, ин аз мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ маҳдудтар аст. Якум, ҳуқуқвайронкунандаи конститутсионӣ метавонад вазифаи ба зиммааш гузошташударо номатлуб иҷро намояд. Дуюм, ҳуқуқвайронкунӣ метавонад ҳам амал ва ҳам беамалӣ бошад. Сеюм, асоси ҷавобгарӣ метавонад ҳуқуқвайронкунӣ дар маҷмуи тамоми аломатҳои он (объект, субъект, тарафи объективӣ ва субъективӣ) бошад[180].

---

[177] Ниг.: Диноршоев А.М., Шеров Ш.З. Мавқеъ ва нақши ҷавобгарии ҳуқуқии конститутсионӣ дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ / А.М. Диноршоев, Ш.З. Шеров // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2023. – №2 (32). – С. 52.

[178] Ниг.: Витрук Н.В. Конституционное правосудие в России. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2012. – С. 441-442.

[179] Ниг.: Александров А.Ю. Конституционно-правовая ответственность органов государственной власти субъектов РФ: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 9.

[180] Ниг.: Конституционные деликты // Государство и право. – 2000. – №1. – С. 12-19.

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ ба мақоми конститутсионии шахсони мансабдор таъсир мерасонад ва метавонад субъектҳои дорои ваколатро аз муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, ки онҳо иштирокчии он буданд ва бо амали худ вайрон кардаанд, хориҷ кунад[181]. Дар натиҷаи фаъолияти иҷрои функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ доираи моликияти шахсони мансабдор метавонад маҳдуд шавад, зеро онҳо аз кафолату имтиёзҳое, ки вобаста ба мансаби худ доро буданд, маҳрум мешаванд. Объектҳои таъсири функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ бештар ба намуди санксияи ҷавобгарии конститутсионӣ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ дар субъектҳои махсуси таъсиррасонӣ, хусусиятҳои усулҳои татбиқ, объектҳои таъсиррасонӣ ва қоидаҳои мурофиавии татбиқи он ифода меёбанд.

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба монанди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, бо маҷбуркунии давлатӣ зич алоқаманд аст. Барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ он усули императивиро истифода мебарад, ки қобилияти субъектро барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои гуногун маҳдуд мекунад. Бо функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ муттаҳид намудани функсияҳои наве, ки қаблан вуҷуд надоштанд, дар шакли императивӣ рафтори ҷиноятркорро ба танзим медарорад ва вайрон кардани ин функсияҳо боиси пурзӯр шудани таъсири ҷазо мегардад.

Роҳҳои мушаххаси иҷрои функсияи сазодиҳӣ хеле гуногунанд: муқаррар кардани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ, маҳкумкунӣ, маҳдуд шудани ҳуқуқи моликият, маҳдуд шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ғайра. Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз самтҳои асосии таъсиррасонии ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, рафтор ва шуури гунаҳкор вобаста ба қонунҳои рушди ҷомеа мебошад.

---

[181] Ниг.: Кабанов П.А. Особенности карательной функции конституционной ответственности / П.А. Кабанов // «Татищевские чтения: актуальные проблемы науки и практики». Актуальные проблемы юридической науки. Материалы IX Международной научно-практической конференции. – Тольятти: Изд-во Волжск. ун-та им. В.Н. Татищева. – 2012. – Ч. 1. – С. 141-149.

Мақсади ҷазоро метавон ба сифати самтҳои асосии фаъолиятҳои низоми пенитенсиарӣ ва ҳифзи ҳуқуқи давлат донист, ки аз сӯйи қонунгузор бо мақсади кам кардан ва коҳиш додани динамикаи содир кардани ҷиноят ва мубориза ба муқобили ҷиноятҳои ретсидив, ҳамчунин, эҷоду таъмини шароити босуботи иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар муқаррар карда шудаанд.

Дар ин ҷо, набояд шакли махсуси қаноатмандии ҳам ҷомеа ва ҳам шахсони аз ҷиноятҳои мухталиф зарардидаро фаромӯш намуд (ҳатто дар сурати ба назар гирифта нашудани ин нукта ҳамчун мақсади ҷазо, ки он усулан дуруст ҳам ба ҳисоб меравад, ҳар ҳукми судии содиршуда нисбати шахси ҷиноят содирнамуда, дар байни оммаи мардум, агар қазияи судӣ инъикоси васеъ ёфта бошад, як навъ қаноатмандӣ аз эълони ҳукм ва маҳкум шудани ҷинояткорро ба миён меоварад, ки ин, дар навбати худ, боиси афзоиши эътибору обрӯйи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ мегардад; ҷиноят содир шудааст, ҷинояткорон баъд аз содир шудани ҷиноят дастгир ва маҳкум шуданд, яъне низоми ба таври муназзам амал мекунад).

Амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ба меъёрҳои қонунгузории амалкунанда мувофиқат дошта бошад. Маҳз дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ татбиқ намудани сазо метавонад ба рафтору фаъолит ва психикаи ҳуқуқвайронкунанда таъсири самарабахш расонида, барои амалисозии функсияи тарбиявӣ заминаи хуб муҳайё намояд. Дар ҳолати баръакс ҳуқуқвайронкунанда татбиқи ҷазо ва амалисозии функсияи сазодиҳиро ноадолатона шуморида, дар ӯ дараҷаи нигилизми ҳуқуқӣ меафзояд ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мақсади муайян ноил намегардад.

Аз рӯйи қаринаи м. 46 КҶ ҶТ мақсадҳои ҷазоро метавон ба категорияи умумиҷамъиятӣ (барқарор намудани адолати иҷтимоӣ), тарбиявӣ (ислоҳи маҳкумшаванда), умумиогоҳӣ (пешгирии умумӣ ва пешгирии махсус) тақсим намуд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оварда мешавад, ки шахсони аз рӯйи ҷиноят маҳкумшаванда, набояд дар руҳияи эҳтиром ба ҳар шахс, балки дар руҳияи эҳтиром ба шахс, ки тобеи қонун ва риояткунандаи муқаррароти қонун дар

ҷомеа ҳастанд, тарбия карда шаванд (ин дар муассисаҳои вобаста ба низоми пенитенсиарӣ як масъалаи мубраму муҳим ба ҳисоб меравад.

Мақсадҳо асосу пояҳои сиёсати ҷиноятии давлат дар соҳаи муқовимат бо ҷинояткориро ба таври умумӣ муайян месозанд. Ҳатто омӯзиш ва ошноии сатҳии мафҳум ва мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ тасаввури ба истилоҳ мушаххасеро дар бораи вазъи сиёсати ҷиноятии репрессивии давлат, низоми сиёсӣ ва институти ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ба вуҷуд меоварад.

Воситаҳои ноилшавии мақсадҳои мавриди назар, ба таври умда тавассути неруи маънавӣ ва иҷтимоиву иқтисодии шахсият ва фарди дорои қудрату тавони инкишофу худсозӣ таъмин мегардад. Албатта, ҳангоми иҷрои ҷазо, махсусан, вақти маҳрум шудани шахс аз озодӣ, шахси маҳкумшуда маҳкумияти худро метавонад ҳамчун як шакли ба истилоҳ «қасдгирӣ» алайҳи худ аз сӯйи давлат пиндорад. Табиист, ки дар чунин ҳолат чунин шахс аз маҳрум гардидан аз озодӣ, ҳам ҷисман ва ҳам ба таври маънавӣ ранҷ мебарад, баъзеҳо дар натиҷа ба таври умум ба зиндагии ояндаи худ пас аз раҳо шудан аз зиндон ва баромадан ба озодӣ бо нигоҳи дигар назар мекунанд, ислоҳ мегарданд. Дар баробари ин, баръакси чунин ҳолат, шахсони дигар метавонанд дар натиҷаи гузаронидани давраи маҳкумият дар зиндон, дар оянда тамоми арзишҳои маънавиву ахлоқии пазируфташуда дар зиндагиро нодида бигиранд.

Вале ҳамаи ин, дар маҷмуъ, ба мақсадҳои ҷазо дохил намегарданд, зеро он натиҷаи «таъсири баҳамроҳдошта»-и иҷрои ҷазо маҳсуб мешавад. Муқаррар намудани мақсади ҷазо бояд бо имкони потенсиалии амалисозии он мутобиқат дошта бошад. Вале бо вуҷуди ин, метавон тавассути боло бурдани сатҳи саводи умумӣ ва дониши ҳуқуқии аҳолӣ ва ҳамчунин бо тавассути фаъолияти матбуотӣ ва кор гирифтан аз воситаҳои ахбори омма, шароити мусоидро барои пазируфтани мақсадҳои ҷазо аз сӯйи ҷомеа фароҳам овард.

Мақсадҳои ҷазо ба таври баробар шиддати таъсири ҷазо ва ислоҳу тарбияи маҳкумшударо нарму ҳамвортар месозанд, бартарии навъи мушаххаси таъсирро дар муқоиса бо навъи таъсири дигар аз байн мебаранд.

Ҳарчанд таъсири тарбиявии ҷазо ба маҳкумшуда мустақиман ба ҳангоми иҷрои ҷазо аз сӯйи маҳкумшуда сурат гирад ҳам, вале ҳадафмандии ин ё он унсур тавассути мақсадҳои дар қонун муқарраргашта муайян карда мешавад. Аз ҷиҳати он ки қонунгузор на дар мазмуну муҳтавои ҷазо ва на дар мақсадҳои он ба ҷазо таъкид накардааст, маълум мегардад, ки интихоби ҷазо ҳамчун қасос ва интиқом дар ин ҷо истисност. Мувофиқи ақидаи А.А. Толкаченко он метавонад фақат таъсири ба ҳамроҳдоштаи раванди иҷрои ҷазо маҳсуб шавад. Дар айни замон, диққати асосӣ бояд ба масъалаи барқарор намудани адолати иҷтимоӣ,ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирӣ содиршавии ҷиноят равона гардад[182].

Мақсадҳои ҷазо нақши нишондиҳандаи самаранокии ҷазоро ифода менамоянд. Дар сурати дар қонун муайян нагардидани мақсади ҷазо, таҳлил ва арзёбии натиҷаи ҷазои истифодашаванда нисбат ба маҳкумшуда имконнопазир аст. Ҳамчун яке аз мақсадҳои ҷазо адолати иҷтимоӣ бори аввал дар қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ (соли 1998) муқаррар гардидааст[183]. Мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ дар сурати иҷро, нишондиҳандаи тағйироти мусбат дар фаъолиятҳои соҳавии мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад: фаъолияти муқаррарии адлия, сатҳи баланди рушди маънавиёти ҷомеа, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ҳифзи манфиатҳои шахси зарардида ва дигар шаҳрвандон, омилҳои дигари таъсиргузор ба иҷрои принсипҳои қонуният ва адолат.

Бо далели он ки ҷазо хусусияти сазодиҳӣ дошта, ба шуур ва рафтори инсон таъсир мерасонад, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар м. 46 КҶ ҶТ сазодиҳӣ ҳамчун мақсади ҷазо илова карда шавад. Ҳамин тариқ, функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо аломатҳои зерин тавсиф мешавад: он яке аз самтҳои асосии таъсири ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад; мақсади ҷазоро ҳамчун мақсади асосӣ барои худ ва мақсадҳои тарбия, пешгирӣ пеш мебарад; расмисозии динамикаи муносибатҳои иҷтимоӣ, инчунин, тағйир додан ва

---

[182] Ниг.: Толкаченко А.А. Уголовно-правовые и уголовно-процессуальные основания исполнения уголовного наказания. В кн.: Уголовно-исполнительное право. – М.: Пенатес-Пенаты, 2004. – С. 48-49.
[183] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 21.

қатъ намудани муносибатҳои ҳуқуқии мавҷударо дорад; хусусияти муҷозоткунанда дорад, яъне боиси оқибатҳои ногувор барои ҷинояткор мегардад.

Мавриди зикр аст, ки таҳлилу баррасии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи маъмурӣ низ аз аҳаммияти илмию амалӣ бархӯрдор мебошад. Ҳамин тавр, дар қонунгузории маъмурӣ дар қатори принсипҳо ва асоси ҷавобгарии маъмурӣ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда нашудааст. Хуб мешуд, ки дар м. $22^1$ КҲМ ҶТ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ нишон дода шавад.

Дар таҳқиқоти олимони соҳаи маданӣ тамоюли ба ҷойи аввал гузоштани функсияи барқарорсозӣ ва инкор кардани функсияи сазодиҳии ҷавобгарии маданӣ мушоҳида мешавад[184]. Бархе муҳаққиқон бо чанд далел мавҷудияти функсияи сазодиҳиро эътироф намуда, чунин мешуморанд, ки «функсияи сазодиҳӣ (ҷаримавӣ) тавассути ҷарима (ҷарима, пеня, ноустуворона) иҷро мешавад»[185]. Иҷро накардани уҳдадории ба харидор додани моли фурӯхташуда метавонад мутобиқи қонунгузории маданӣ боиси саркашии харидор аз иҷрои шартнома гардад, яъне яктарафа бекор кардани шартнома маҳсуб мешавад. Чунин қатъкунӣ мувофиқи иродаи яке аз тарафҳо сурат мегирад. Аз як тараф, он боиси барҳам додани ҳуқуқи харидор ба мол мегардад ва маҷбурӣ аст.

Ҷавобгарии маданӣ функсияи сазодиҳиро иҷро мекунад, аммо на ҳама олимон бо ин мавқеъ розӣ ҳастанд. Ба назар чунин мерасад, ки барои инкор кардани функсияи сазодиҳии ҷавобгарии маданӣ ягон асос нест ва ба мадди аввал гузаронидани функсияи барқароркунӣ сунъӣ мебошад. Ҷавобгарии маданӣ дорои тамоми хусусиятҳое мебошад, ки мавҷудияти функсияи сазодиҳиро нишон медиҳад[186]. КМ ҶТ имкони маҷбур кардани харидорро барои қабули мол пешбинӣ мекунад, ки ин ҳам шакли маҷбурии ҷавобгарии маданӣ мебошад. Функсияи сазодиҳандагии он дар сурати аз ҷониби харидор

---

[184] Ниг.: Бестугина М.А. Социальная обусловленность и назначение гражданско-правовой ответственности в современных условиях (Теоретический аспект): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1986. – С. 19.
[185] Ниг.: Слесарев В.Л. Объект и результат гражданского правонарушения. – Томск, 1980. – С. 99.
[186] Ниг.: Трофимова М.П. Функции юридической ответственности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 12.

қабул накардани мол ва аз ҷониби фурӯшанда аз иҷрои шартнома саркашӣ кардани он амал мекунад.

Омӯзиши функсияи сазодиҳии ҷавобгарии маданӣ нишон медиҳад, ки он бо роҳи маҳкум кардани ҳуқуқвайронкунанда, рафторе, ки дар натиҷаи он ба ӯ зарари молумулкӣ ё ташкилӣ расонида мешавад, сурат мегирад[187]. Дар ин ҷо функсияи сазодиҳии ҷавобгарии маданӣ дар баробари функсияи ҷубронсозӣ қисман ба амал бароварда мешавад.

Далели дигаре вуҷуд дорад, ки дар бораи мавҷудияти функсияи сазодиҳӣ шаҳодат медиҳад. Агар чораҳои ҷавобгарии маданӣ хусусияти барқароркунанда дошта бошанд, он гоҳ барои тарафи дигар молу мулк ё соҳаҳои дигарро маҳдуд карда, ҳуқуқвайронкунанда ногузир зарар мебинад[188]. Аломати сазодиҳии ҳуқуқи маданӣ таъсири манфии онҳо ба ҳуқуқвайронкунанда мебошад, ки дар кам кардан, маҳдуд кардан ё маҳрум кардан аз фоида ё манфиатҳои молумулкӣ зоҳир мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки таъсири сазодиҳии ҷавобгарии маданӣ махсусан дар шакли ноустуворона ба таври равшан зоҳир мешавад. Иҷрои уҳдадориҳо дар ноустуворона дар шакли ҷарима, пеня сурат мегирад[189]. Ноустуворона ва уҳдадории ҷуброни зиёнро метавон ҳамчун сазо гуфт, зеро уҳдадории пардохти ҷарима ва ҷуброни зиён натиҷаи амали ғайриқонунӣ ва гунаҳкоронаи контрагент мебошад. Нисбати ҳар ду намуди ҷазои молумулкӣ метавон дар бораи сазо ибрози андеша намуд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз навъҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ барои субъекти ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои номатлуб дошта, ба ӯ азоби маънавӣ ё руҳӣ мерасонад ва мақсади сазоро пайгирӣ мекунад. Мафҳуми сазо ҳарчанд дар адабиёт ба таври мухталиф пешниҳод шуда бошад ҳам, вале, ба андешаи мо, дар умум

[187] Ниг.: Комаров С.А., Липинский Д.А. Карательная и восстановительная функции гражданско-правовой ответственности: взгляд представителей науки теории государства и права / С.А. Комаров, Д.А. Липинский // Государство и право. – 2018. – №9. – С. 129-132.

[188] Ниг.: Быков А.Г. Роль гражданско-правовых санкций в осуществлении хозяйственного расчета: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1967. – С. 4.

[189] Ниг.: Брагинский М.И., Иванов В.И. О функциях неустойки в хозяйственных отношениях / М.И. Брагинский, В.И. Иванов // Проблемы совершенствования советского законодательства: Труды ВНИИСЗ. – М., 1977. – Вып. 10.– С. 29.

истифодаи мафҳуми сазодиҳӣ қобили қабул мебошад. Функсияи сазодиҳӣ дар ҳама намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасад, вале таъсири он дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ бештар аст. Функсияи сазодиҳӣ дар шакли ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад.

### 2.4. Амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи махсусе мебошад, ки он функсияи ҷаримавӣ ном дорад. Махсусияти функсияи мазкур аз он иборат мебошад, ки мисли баъзе функсияҳои дигар на дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар чунин функсия бештар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба назар мерасад. Дар ҷавобгарии маданӣ бошад, функсияи ҷаримавӣ танҳо дар асоси ноустуворонаи иҷрои уҳдадориҳо дар шакли ҷарима амалӣ карда мешавад. Мавриди зикр аст, ки функсияи мазкур хусусияти таърихӣ дошта, ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мавҷуд буд. Ба андешаи У.А. Азиззода ҷарима яке аз намудҳои серистифодаи ҷазо дар ҳуқуқи зардуштӣ ба ҳисоб мерафт, ки қариб барои тамоми ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо татбиқ карда мешуд[190].

Зимни таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баъзе муҳаққиқон функсияи ҷаримавиро пешниҳод кардаанд, вале гурӯҳи дигари олимон ҳангоми таснифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи ҷаримавиро зикр накардаанд. Масалан, А.А. Иванов[191], В.Д. Перевало[192] функсияи ҷаримавиро пешниҳод кардаанд, вале А.З. Куканов[193], С.С. Алексеев,[194] А.И. Петилин, П.А. Варул[195], А.А. Собчак[196], М.П. Трофимова[197] онро зикр накардаанд.

---

[190] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 102.
[191] Ниг.: Иванов А.А. Цели юридической ответственности, ее функции и принципы / А.А. Иванов // Государство и право. – 2008. – №6. – С.67.
[192] Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Отв. ред. В.Д. Перевалов. – М., 2004. – С. 269.
[193] Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / А.З. Куканов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 44-48.
[194] Ниг.: Алексеев С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве. – М., 1966. – С. 151.
[195] Ниг.: Варул П.А. Методологические проблемы исследования гражданско-правовой ответственности. – Таллин, 1986. – С. 50.
[196] Ниг.: Собчак А.А. О некоторых спорных вопросах теории правовой ответственности / А.А. Собчак // Правоведение. – 1968. – №1. – С. 50.
[197] Ниг.: Трофимова М.П. Функции юридической ответственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 46.

Бояд гуфт, ки яке аз функсияҳои махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин функсияи ҷаримавӣ ба ҳисоб меравад. Функсияи мазкур барои тамоми намудҳои дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос нест. Функсияи ҷаримавӣ дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ бештар хос буда, қисман дар ҷавобгарии маданӣ низ ба назар мерасад. Махсусияти дигари функсияи мазкур ифодакунандаи он мебошад, ки баҳри татбиқи санксияҳои ҷаримае, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар менамояд, нигаронида шудааст.

И.А. Галаган қайд мекунад, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ифодаи ҷанбаҳои муайяни мақсадҳои он пешбинӣ шудаанд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба ислоҳнамоӣ, идеологӣ, педагогӣ, ҷаримавӣ, сазодиҳӣ ва аз нав тарбия намудани гунаҳкорон нисбат додан мумкин аст[198]. Тавре аз андешаи мазкур бармеояд, муҳаққиқ функсияи ҷаримавиро зимни таснифоти худ зикр намудааст. Бо ин назардошт ва дигар андешаҳо гуфтан мумкин аст, ки функсияи ҷаримавӣ ҳамчун яке аз функсияҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки бевосита дар низоми баъзе аз намудҳои ҷавобгарӣ муқаррар шудааст.

Кодекси ҷиноятии ҶТ (соли 1998) дар боби 9 низоми нави ҷазоро муқаррар мекунад, ки он аз 12 намуди ҷазо иборат мебошад. Дар м. 47 КҶ ҶТ, ки он «намудҳои ҷазо» ном дорад, аз рӯйи тартиби муайян тамоми чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки қонунгузор онҳоро намудҳои ҷазо меномад, номбар шудаанд. Зимнан, дар ин феҳрист намудҳои ҷазои ҳам асосӣ ва ҳам иловагӣ, бидуни ҳар гуна тафриқу ҷудосозӣ баён шудаанд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ намудҳои ҷазо тавассути қонун пешбинӣ шуда ба таври анъанавӣ «низоми ҷазо» номида мешавад ва, ба назари мо, чунин таъриф асоси воқеӣ дорад. Дар низоми ҷазоҳои муқаррарнамудаи КҶ ҶТ ҷарима мавқеи хоссаро ишғол менамояд[199].

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар баробари тарбия кардани ҳуқуқвайронкунанда, пешгирӣ намудани содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар оянда, ҳамзамон,

---

[198] Ниг.: Галаган И.А. Административная ответственность в СССР. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1976. – С. 133-134.

[199] Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998, №574. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).

функсияи ҷаримавиро низ иҷро менамояд. Функсияи ҷаримавӣ дар навбати худ дар амалисозии дигар функсияҳо, аз ҷумла, функсияи тарбиявӣ, пешгирӣ ва сазодиҳӣ таъсир мерасонад. Зеро татбиқи ҷарима ба ҳуқуқвайронкунанда ва ё ҷинояткор метавонад ба шуури шахс таъсир расонида, шахс онро ҳамчун сазои амали зиддиҳуқуқии худ ҳисобад ва минбаъд ислоҳ шуда, аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ даст кашад.

Ҷарима барои содиркунандагони ҷиноятҳои иқтисодӣ яке аз ҷазоҳои мувофиқ ва ислоҳкунанда ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус андешаи С.Э. Баҳриддинзода[200] қобили дастгирӣ мебошад, ки мавсуф атрофи хусусияти иқтисодӣ доштани ҷазои ҷарима ва мувофиқ будани татбиқи он нисбати шахсони содиркунандаи ҷиноятҳои иқтисодӣ изҳори назар намудааст. Ҳамин мавқеъро дастгирӣ намуда, А.А. Абдурашидов[201] барои ҷиноятҳои иқтисодӣ ҳатто ҷаримаро аз корҳои ислоҳӣ ҷазои вазнинтар ҳисобидааст. З.А. Камолов[202] дар ҳамин масъала андешаронӣ намуда, аз татбиқи ҷарима нисбати шахсони дорои сатҳи баланди зиндагӣ ва ҳамзамон шахсони дорои сатҳи пасти зиндагӣ изҳори нигаронӣ кардааст.

Номгӯйи умумии ҷазо, ба таври умумӣ, ба истифода шудани ҷазоҳои иловагӣ тавассути судҳо мусоидат наменамояд. Барои мисол, тибқи муқаррароти умумии номгӯйи ҷазоҳо, маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон тавассути қонунгузор на ҷарима ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, балки ҳамчун яке аз намудҳои ҷазои нисбатан вазнин арзёбӣ мешавад.

Бо такя ба санксияҳои мавҷуд дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ метавон гуфт, ки қонунгузор дар робита ба нигоҳ доштани таносуб миёни ҷазоҳое, ки дар санксияҳои алтернативӣ ба кор бурда шудаанд, ба қоидаву

[200] Ниг.: Бахридинов С.Э. Штраф как альтернатива наказанию в виде лишения свободы / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 97-98.

[201] Ниг.: Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 101.

[202] Ниг.: Камолов З.А. Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 89.

муқаррароти муайян такя намекунад. М.Э. Синиская ва А.Л. Светинович[203] атрофи масъалаи хусусияти маҳдудкунанда доштани ҷарима нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда изҳори андеша намудаанд. Баъзе олимони дигар[204] оид ба баррасии ҷарима аз нигоҳи ҳуқуқи маданӣ изҳори назар намудаанд, ки хусусияти молумулкӣ доштани онро ифода мекунад. А.С. Михлин[205] низ ба он таваҷҷуҳ намудааст, ки ҷарима хусусияти молумулкӣ дошта, маблағи муайянро ҷавобгар ба манфиати давлат мепардозад. Аз андешаҳои мазкур баръало маълум мегардад, ки ҷарима хусусияти молумулкӣ дошта, ҷазои дорои хусусияти иқтисодӣ мебошад, бинобар ин, татбиқи он нисбат ба ҷиноятҳои иқтисодӣ манфиатнок хоҳад буд.

Аз ин нуқтаи назар, ҷазо яке аз воситаҳои амалисозии шакли маҷбурии функсияи ҷаримавӣ мебошад. Ин ҷазоест, ки ҳудуди онро КҶ ҶТ муқаррар кардааст ва бо вазнинии ҷинояти содиршуда муайян карда мешавад. Функсияи мазкур дар ҳамон ҳолат амалӣ карда мешавад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли таъин кардани ҷарима ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқ гардад. Бинбар ин, шакли амалисозии он дар қонунгузории амалкунанда муқаррар карда шудааст.

Дар хусуси оқибатҳои манфии ҷарима баъзе олимон андешаронӣ кардаанд, ки шакли маҷбурии амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода менамоянд. Аз ҷумла, Т.В. Василева[206] оқибатҳои ҷаримаро ҳамчун чораи бавуҷудоварандаи доғи судӣ ва маҳдуд кардани вазъи моддии ҳуқуқвайронкунанда муайян кардааст. О.В. Старков ва С.В. Милюков[207] оқибати манфии ҷаримаро дар хусусияти якдафъаина будани пардохти он зоҳир намудаанд, ки воқеан ҳам чунин ҳолат ба шароити зиндагии

[203] Ниг.: Синицкая М.Е. Ограничение прав личной собственности как элемент уголовного наказания / М.Е. Синицкая // Проблемы совершенствования законодательства об охране прав граждан в сфере борьбы с преступностью. – Ярославль: Изд-во Яросл. ун-та, 1984. – С. 110-129.
[204] Ниг.: Буранов Г.К. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний / Г.К. Буранов // Современная наука: теоретический и практический взгляд: Сборник научных статей / Научный редактор Д.В. Фурсова. – М.: Издательство «Перо», 2018. – С. 134.
[205] Ниг.: Михлин А.С. Исполнение наказаний, не связанных с лишением свободы / А.С. Михлин // Российская юстиция. – 2001. – №6. – С. 41.
[206] Ниг.: Васильева Т.В. Назначение и исполнение уголовного наказания в виде штрафа: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань, 2004. – С. 62.
[207] Ниг.: Старков О.В., Милюков СВ. Наказание: уголовно-правовой и криминопенологический анализ. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С. 155.

ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои номусоидро ба вуҷуд меоварад. К. Сич[208] низ дар ҳамин нуқта ҷазои вазнинтар будани ҷаримаро аз корҳои ислоҳию ҳатмӣ ишора намудааст. Бори дигар андешаҳои мазкур аз вазнин будани ҷарима ва оқибатҳои номусоиди он дарак медиҳанд.

Тартиб ва шароити амалишавии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи қонунгузорӣ чунин аст:

1) ҷарима ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи пешбининамудаи ҳамин Кодекс таъин шудааст.

2) ҷарима ба маблағи аз сад то бисту як ҳазору нуҳсад андозаи муқарраршудаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир шудани ҷиноят амал мекард, таъин карда мешавад. Андозаи ҷарима аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ё маҷмуи ҳукмҳо барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 м. 49 КҶ ҶТ пешбинигардида аз панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир кардани ҷиноят амал мекард, зиёд буда наметавонад.

3) суд андозаи ҷаримаро бо назардошти вазнинии ҷинояти содиргардида ва вазъи молумулкии маҳкумшуда, дар доираи пешбининамудаи КҶ ҶТ муайян менамояд.

4) ҷаримаро ба сифати намуди ҷазои иловагӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ таъин кардан мумкин аст.

5) дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима суд онро бо ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ мутобиқан ба андозаи ҷаримаи таъингардида, дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, иваз менамояд.

6) дар ҳолати аз тарафи шахс содир намудани ҷиноятҳои дар м.м. 177, 178, 245 (ба истиснои банди «а» қ. 4), 246 (ба истиснои банди «а» қ. 3), 247 (ба истиснои банди «в» қ. 3 ва банди «а» қ. 4), 251, 253, 255 (ба истиснои бандҳои «а» ва «б» қ. 2), 256 (ба истиснои ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани

[208] Ниг.: Сыч К.А. Уголовное наказание и его состав: теоретико-методологические аспекты исследования: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Рязань, 2001. – С. 45.

зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошад), 257 (ба истиснои банди «г» қ. 2 ва банди «б» қ. 3), 258, 259, 259[1], 260, 263-268, 270, 271, 273 (ба истиснои бандҳои «а» ва «б» қ. 3), 274, 276, 277, 278, 285, 286, 287, 289 қ.қ. 1 ва 2, 295, 340[1] ва 388 қ.қ. 1 ва 2 КҶ ҶТ пешбинишуда, агар гунаҳгор то баровардани ҳукми суд зарари моддиро пурра талофӣ намояд, нисбати ӯ ҷазои ҷарима ва ё дигар ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар санксияҳои моддаҳои номбаршуда пешбинигардида таъин карда мешавад.

7) дар ҳолати аз тарафи шахс содир намудани ҷиноятҳои дар м.м. 314 (ба истиснои ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд), 315, 316 (ба истиснои бандҳои «а» ва «б» қ. 3 ва ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд), 318, 322 (ба истиснои ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд), 323, 340 қ.қ. 1 ва 2 ва 391 қ. 1 КҶ ҶТ пешбинигардида, агар онҳо дар алоқамандӣ бо ҷиноятҳои пешбининамудаи қ. 6 моддаи мазкур содир шуда бошанд, ҷазо бо тартиби муайяннамудаи қ. 6 ҳамин модда таъин карда мешавад.

8) дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд пурра талофӣ намудани зарари моддӣ аз тарафи маҳкумшуда барои содир намудани ҷиноятҳои пешбининамудаи қ.қ. 6 ва (ё) 7 моддаи мазкур ҷазои таъингардидаи маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст ё суди маҳалли иҷрои ҷазо ё суди болоӣ ба ҷазои ҷарима иваз карда мешавад.

9) дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан ва ё имконнопазирии пардохти ҷарима, ки бо тартиби пешбининамудаи қ.қ. 6, 7 ва (ё) 8 моддаи мазкур ба сифати ҷазои асосӣ таъин ё иваз карда шудааст, суд ҷазои ҷаримаро (ё қисми напардохтаи онро) ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз менамояд. Ҳангоми иваз намудани ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима, мӯҳлат ва андозаи ин намуди ҷазоҳо набояд аз ҳадди поёнӣ ва болоии муқаррарнамудаи моддаҳои дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ, бо назардошти қисми адокардаи ҷазо, кам ва ё зиёд бошанд.

10) дар ҳолати иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима ва ё ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ як шабонарӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба 50 фоизи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба истисноИ ҷиноятҳои дар қисми 11 ҳамин модда пешбинишуда, баробар аст.

11) дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан ва ё имконнопазирии пардохти ҷарима, ки барои содир намудани ҷиноятҳои дар м.м. 319-321 КҶ ҶТ пешбинигардида таъин карда шудааст, суд ҷазои ҷаримаро (ё қисми напардохтаи онро) ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз менамояд. Ин масъала аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст, ё суди маҳалли иҷрои ҷазо ва ё суди болоӣ ҳал карда мешавад.

12) ҳангоми иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима ё ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисми 11 ҳамин модда пешбинигардида як шабонарӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст[209].

Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов ва дигарон моҳияти ҷазои иловагиро, ки ҷарима ба он дохил шуда, ҳамзамон ифодакунандаи функсияи ҷаримавӣ мебошад, чунин қайд кардаанд: «Ин намуди ҷазоҳое мебошанд, ки ба ҷазои асосӣ барои пурзӯр намудани таъсири сазодиҳии он ва пурра намудани амалӣ гаштани мақсади ҷазо ҳамроҳ мегардад[210]. Бояд тазаккур дод, ки функсияи ҷаримавӣ хусусияти молумулкӣ дорад ва чунин хусусият на танҳо дар ҷазои ҷарима, балки дар ҷазои мусодираи молу мулк низ ифода меёбад, ки оид ба он З.Х. Зокирзода таҳқиқоти илмии бештаре анҷом додааст[211].

Дар муқоиса бо шакли маҷбурӣ шакли ихтиёрии амалишавии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар КҶ ҶТ мустақиман пешбинӣ нашудааст. Дар баробари ин, мо чунин мешуморем, ки қонунгузор дар татбиқи он

---

[209] Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998, №574. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[210] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Нашри 5-ум, такмилёфта / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов ва дигарон. – Душанбе, 2020. – 223 с.

[211] Ниг.: Зокиров З.Х. История развития уголовного законодательства Республики Таджикистан о конфискации имущества / З.Х. Зокиров // Вестник Таджикского национального университета (серия гуманитарных наук). – 2016. – №2/6 (210). – С. 234-241.

мавҷудияти унсурҳои ихтиёриро дар назар дорад. Ҳамин тариқ, дар б. 5 м. 49 КҶ ҶТ омадааст, ки дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима суд онро бо ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ, мутобиқ ба андозаи ҷаримаи таъингардида, дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, иваз менамояд[212]. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи ҷаримавӣ дар он ифода мегардад, ки татбиқи ҷарима аз ҷониби суд худ барои маҳкумшуда як амали маҷбурӣ ба ҳисоб меравад, аммо амалисозии ҳукми суд дар хусуси пардохти ҷарима бояд ихтиёрона сурат гирад.

Бояд таъкид намуд, ки ҷарима на танҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар ҳуқуқи маъмурӣ низ мавқеи намоён дошта, ҳамчун ҷазои маъмурӣ шаклҳои амалисозии худро дорад. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар м. 36 намудҳои ҷазои маъмуриро муқаррар карда, ҷазои ҷаримаи маъмуриро дар ҷойи дуюм пешбинӣ намудааст. Ҷаримаи маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ гардида, ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи ҷаримавиро амалӣ месозад.

Дар м. 39 КҲМ ҶТ ҷаримаи маъмурӣ чунин муқаррар гардидааст: Ҷаримаи маъмурӣ намуди ҷазои маъмурӣ буда, ба тарзи ситонидани пул ба фоидаи давлат сурат мегирад ва аз тарафи судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) нисбат ба шахси содиркардаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур таъин карда мешавад[213]. Мавриди зикр аст, ки дар ҷавобгари маъмурӣ низ ҷарима хусусияти иқтисодӣ доштани худро гум намекунад ва нисбатан зиёд мавриди татбиқ қарор мегирад.

Андозаи ҷаримаи маъмурӣ ба ҳисоби фоиз ва ё карат вобаста ба инҳо муқаррар карда мешавад:

---

[212] Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998, №574 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
[213] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008, №455. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

– нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар рӯзи хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок аз рӯзи ошкор карда шудани он муқаррар гардидааст;

– аз арзиши ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар вақти хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар гардидааст, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок аз рӯзи ошкор шудани он;

– аз маблағи пардохтнашудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ё амалиёти асъории ғайриқонунӣ, ки бояд пардохта шаванд, дар рӯзи хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок дар рӯзи ошкор шудани он муқаррар гардидаанд;

– аз арзиши корҳои иҷрошуда[214].

Андозаи ҳадди ақалли ҷаримаи маъмурӣ, ки аз шахси воқеӣ ситонида мешавад, бояд аз нисфи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои шахси мансабдор аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои шахси ҳуқуқӣ аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам набошад. Андозаи ҳадди ниҳоии ҷаримаи маъмурӣ аз шахси воқеӣ набояд аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, аз шахси мансабдор аз дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва аз шахси ҳуқуқӣ аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ё аз дусад фоизи маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии пардохтнашуда зиёд бошад. Парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар он андозаи ҷарима аз сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст, аз тарафи суд баррасӣ мешавад. Маблағи ҷаримаи маъмурӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад. Бо таъини ҷаримаи маъмурӣ шахс (ҳуқуқвайронкунанда) аз як қисми ҳуқуқҳои молумулкиаш маҳрум карда мешавад. Ҳамин тариқ, нобаробарӣ бо шахсоне ба вуҷуд меояд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маъмуриро софдилона риоя мекунанд.

Дар ҳуқуқи маданӣ низ функсияи ҷаримавӣ то андозае амалӣ карда мешавад. Татбиқи функсияи ҷаримавӣ дар ҳуқуқи маданӣ бо таъмини иҷрои уҳдадориҳо алоқаманд аст. Воситаи асосии он ноустуворона аст, ки ду навъ –

[214] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008, №455. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

ҷарима ва пеня, дорад. Ҷарима маблағи пулиест, ки тибқи қонун ё шартнома муайян карда мешавад ва қарздор вазифадор аст ба кредитор ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ пардохт намояд. Мутобиқи м. 380 КМ ҶТ яке аз воситаҳои иҷрои уҳдадориҳо ноустуворона мебошад. Дар м. 381 КМ ҶТ[215] бошад, мафҳуми ноустуворона чунин шарҳ дода шудааст: «Ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағе мебошад, ки тибқи қонун ё шартнома муайян гардидааст ва қарздор уҳдадор аст ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ онро ба кредитор пардохт кунад».

Дар адабиёти ҳуқуқӣ зикр гардидааст, ки функсияи ҷаримавии ҷавобгарии маданӣ дар ҷазо додани ҳуқуқвайронкунандагон ифода меёбад. Ҷарима дар ҳуқуқи маданӣ дар шакли ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда гузоштани уҳдадориҳои иловагии молумулкии вазнин зоҳир мегардад[216]. Ба фикри мо, функсияи ҷаримавии ҷавобгарии маданӣ бояд ба маънои маҳдуд баррасӣ шуда, ҷуброни зиён (функсияи барқароркунанда) ва ҷуброни зарари маънавӣ (функсияи ҷубронкуниро) дар бар нагирад.

Амалисозии функсияи ҷаримавӣ ба шароити моддии ҷавобгар таъсири калон расонида, ба маҳдуд шудани доираи васеи ҳуқуқҳо ва ба миён омадани уҳдадориҳои нав, ки то содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ вуҷуд надоштанд, боис мегардад[217]. Функсияи ҷаримавии ҷавобгари маданӣ, пеш аз ҳама, дар ситонидани ноустуворона, новобаста аз зарари расонидашуда инъикос меёбад[218]. Дар ин маврид ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағи муайяни пулии тибқи шартнома ё қонун муқарраршуда мебошад, ки қарздор дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ вазифадор аст ба кредитор пардохт намояд, аз ҷумла, дар сурати таъхир додани иҷрои он. Зимни талаби пардохти ноустуворона кредитор уҳдадор нест зиёни ба он

---

[215] Кодекси мадании ҶТ аз 1 июли соли 2023 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10. 10.2023).
[216] Ниг.: Карманова Е.В. Штрафная функция гражданско-правовой ответственности: общая характеристика / Е.В. Карманова // Актуальные теоретические и практические вопросы развития юридической науки: общегосударственный и региональный аспекты. – 2015. – № 1. – С. 239.
[217] Ниг.: Лапшина О.С. Основные подфункции охранительной функции права / О.С. Лапшина // Бизнес в законе. – 2010. – №4. – С. 30.
[218] Ниг.: Карманова Е.В. Штрафная функция гражданско-правовой ответственности: общая характеристика / Е.В. Карманова // Актуальные теоретические и практические вопросы развития юридической науки: общегосударственный и региональный аспекты. – 2015. – № 1. – С. 240.

расонидашударо исбот кунад. Тибқи талаби пардохти ноустуворона, кредитор ба исботи зиёни ба ӯ расонидашуда вазифадор намебошад. Андозаи ноустуворона дар маблағи пули аниқ ё дар фоиз ба маблағи иҷрокарданашуда ё ин ки ба таври номатлуб иҷрокардашуда муайян карда мешавад[219]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки дар ҳуқуқи маданӣ ҷарима ҳамчун пардохт барои ҳолатҳои гуногун, ба монанди ҷуброни зарар, пардохти ноустуворона ва ғайра татбиқ карда мешавад.

Азбаски ҷарима ба уҳдадориҳо дохил мешавад, ҳам шаклҳои маҷбурӣ ва ҳам ихтиёрии амалишавии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии маданӣ мавҷуд аст. Шакли ихтиёри амалисозии функсияи ҷаримавӣ дар ҳуқуқӣ маданӣ дар созиши тарафҳо ифода меёбад. Тарафҳо ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳуқуқвайронкунӣ худ метавонанд бо созиши ҳамдигар ҷавобгариро муайян намуда, ҳамзамон онро мустақилона амалӣ гардонанд. Мутобиқи қонунгузорӣ, агар ноустуворонаи пардохтшаванда ошкоро ба оқибати вайрон кардани уҳдадорӣ баробар набошад, суд ҳақ дорад, ки ноустуворонаро кам кунад.

Як қатор санадҳои ҳуқуқӣ меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки ноустуворонаи қонуниро муқаррар мекунанд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72[220]. Аз ҷумла, дар моддаи 13 қонуни мазкур муқаррар гардидааст, ки талаботи истеъмолкунанда оид ба пардохти ноустуворонаи пешбининамудаи қонун ё шартнома аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ихтиёрӣ қонеъ гардонида мешавад. Дар сурати аз ҷониби суд қонеъ гардонидани талаботи тибқи қонун муқарраршудаи истеъмолкунандагон, суд ҳуқуқ дорад аз фурӯшандае (истеҳсолкунандае, иҷрокунандае), ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро поймол кардааст, барои риоя накардани тартиби ихтиёран қонеъ гардонидани талаботи

[219] Кодекси мадании ҶТ аз 1 июли соли 2023 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10. 10.2023).
[220] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72.

истеъмолкунанда дар хусуси рӯёнидани ҷарима ба андозаи арзиши даъво қарор барорад.

Дар қонунгузории маданӣ ба ғайр аз ноустуворонаи ҳуқуқӣ ва шартномавӣ дигар намудҳои ноустуворонаи ҷавобгарии маданиро ҷудо кардан мумкин аст. Масалан, фоизҳо барои истифодаи маблағҳои шахсони дигар ва ё ҳангоми анҷом додани аҳдҳое, ки хилофи асосҳои қонун, тартибот ва ахлоқ мебошанд[221]. Ноустуворона, асосан, дар байни корхонаҳо истифода бурда мешавад. Супоридани ноустуворона қарздорро аз иҷрои уҳдадорӣ озод намекунад. Мафҳумҳои ҷарима ва пеня дар илми ҳуқуқи маданӣ ва таҷрибаи судӣ васеъ истифода бурда мешаванд, ки онҳо намудҳои мухталифи ноустуворона ба шумор мераванд ва ҳар яке аз онҳо хусусияти худро дорад.

Бояд тазаккур дод, ки функсияи ҷаримавии ҷавобгарии маданӣ бо дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманди зич дорад. Функсияи ҷаримавии ҷавобгарии маданӣ аз дигар функсияҳо дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта наметавонад. Пеш аз ҳама, функсияи мазкур бо функсияи тарбиявӣ зич алоқаманд аст[222]. Функсияи ҷаримавӣ дар баробари маҳдудиятҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, инчунин, танқиди шахси гунаҳкорро ба амал меорад, ки на танҳо мақсади сазо, балки ҳадафи тарбияро низ амалӣ мекунад. Ин мақсадҳоро метавон дар робита ба мавзуъҳои гуногун амалӣ кард. Якум, субъектҳое, ки бевосита чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ қарор мегиранд ва дуюм, субъектҳои дигаре, ки нисбат ба онҳо аз амалияи татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсири иттилоотӣ вуҷуд дорад[223]. Андешаҳои мазкур гувоҳи онанд, ки байни функсияи ҷаримавӣ ва тарбиявӣ робитаи зич вуҷуд дорад. Маҳдуд кардани шароити молумулкии ҷавобгар на танҳо боиси сазо, балки тарбияи ӯ низ мегардад.

---

[221] Ниг.: Рыженков А.Я. Функции гражданского права: вопросы теории / А.Я. Рыженков // Пробелы в российском законодательстве. – 2012. – № 4. – С. 47.

[222] Ниг.: Карманова Е.В. Штрафная функция гражданско-правовой ответственности: общая характеристика / Е.В. Карманова // Актуальные теоретические и практические вопросы развития юридической науки: общегосударственный и региональный аспекты. – 2015. – №1. – С. 240.

[223] Ниг.: Кабанов П.А. Соотношение карательной и регулятивной функций юридической ответственности / П.А. Кабанов // Вестник Волжского университета им. В.Н. Татищева. – 2010. – №74. – С. 26.

Дар раванди татбиқи ҷавобгарии маданӣ ҳамкории зич байни функсияҳои ҷаримавӣ ва ҷубронсозӣ низ мушоҳида мешавад. Ҳангоми татбиқи функсияи ҷаримавӣ метавонад механизми ҷуброни зарари дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ расонидашуда низ фаъол карда шавад. Функсияи ҷубронсозӣ ҳамзамон бо функсияи ҷаримавӣ амал карда, ҳуқуқвайронкунандаро ба рафтори қонунӣ водор мекунад[224]. Аз меъёрҳои қонунгузории маданӣ бармеояд, ки функсияи ҷаримавӣ бо функсияи ҷубронсозӣ робитаи ногусастанӣ дошта, баъзан ҳамдигаро пурра мекунанд. Ҳатто, баъзан омехтасозии функсияҳои ҷаримавӣ бо ҷубронсозӣ ба назар мерасад. Ҳамзамон, аз рӯйи моҳияти худ ҳам ҷарима ва ҳам ҷуброн намудан вазъи моддӣ ва баъзе ҳуқуқҳои ҷавобгарро маҳдуд намуда, аз ин ҷиҳат ба ҳамдигар шабеҳ мегарданд.

Умуман, функсияи ҷаримавии ҷавобгарии маданӣ дар муқаррар намудани қонунгузории маданӣ ё созишномаи меъёрҳои махсус, ки ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда уҳдадориҳои иловагии молумулкиро мегузорад, зоҳир шуда, баъди содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо амалӣ мегардад. Чун қоида, функсияи ҷаримавӣ дар ноустуворонаҳои ҳуқуқӣ ё шартномавӣ, фоизҳо барои истифодаи маблағ ифода карда мешавад. Функсияи ҷаримавӣ бо дигар функсияҳои ҷавобгарии маданӣ, пеш аз ҳама, тарбиявӣ ва ҷубронсозӣ робитаи зич дорад.

Ҳамин тавр, функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, нисбат ба дигар функсияҳо муқаррароти бевоситаи меъёриро соҳиб мебошанд, ки аз мазмуни қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ онро мушоҳида кардан мумкин аст. Функсияи мазкур дар шакли ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Бояд гуфт, ки функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар дар шакли маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Аммо, новобаста аз ин, аз мазмуни баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ шакли ихтиёрии онро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар муқоиса бо

---

[224] Ниг.: Мелкумян М.Г. К вопросу о классификации функций юридической ответственности / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. – 2011. – №3 (6). – С. 66.

шакли маҷбурии амалисозии функсияи ҷаримавӣ, шакли ихтиёрии он дар қонунгузории амалкунандаи кишвар мустақиман пешбинӣ нашудааст.

## 2.5. Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Низоми ҳуқуқи миллии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгариро барои кирдори содиршуда ва ҷуброни зараре, ки аз он ба шахс, ҷамъият ва давлат расонида аст, пурра танзим намудааст. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои аз ҳуқуқвайронкунӣ бамиёномада ҳамчун низоми меъёрҳои мукаммали қонунгузорӣ давраи дурударози таърихиро аз сар гузаронидааст. Барои дуруст ва пурра таҳқиқ намудани институти функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ лозим аст, ки ин падида дар ҳар як давраи таърихӣ таҳлил карда шавад.

Низоми ҳуқуқи зардуштӣ, ки сароғози низоми ҳуқуқи миллии халқи тоҷик маҳсуб мешавад ва зиёда аз 700 сол низоми амалкунандаи давлатҳои алоҳида буд, ба таври хоси ҳамон замон муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳоро оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ танзим менамуд. Низомҳои ҳуқуқии таърихии дар ҳудуди Тоҷикистон амалкарда хусусияти динӣ дошта, институтҳои ҳуқуқӣ ва категорияҳои ҳуқуқӣ моҳияти динӣ-идеологии ҳамон динро инъикос менамуданд. Албатта, дар ҳар марҳилаи таърихӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ва институтҳои танзимкунандаи онҳо назар ба марҳилаи пешин то андозае инкишоф ёфта буданд.

Институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ва низомҳои ҳуқуқӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ объекти омӯзиши як қатор муҳаққиқони ватанӣ қарор гирифтаанд. Чунончи, Р.Ш. Шарофзода[225], Э.С. Насриддинзода[226], А.Ғ. Холиқзода[227], Э.Б. Буризода[228], У.А. Азиззода[229], З.Х. Зокирзода[230], С.А.

---

[225] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Актуализация проблемы функций государства на современном этапе / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – №2/7 (213). – С. 213-223.

[226] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – 204 с.

[227] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (Древнее право). – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2005. – 488 с.

[228] Ниг.: Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: «Ирфон», 2007. – 244 с.

[229] Ниг.: Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография / Ф.А. Бобохонов и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с.; Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи

Раҷабзода[231], Ф.А. Бобохонов[232] ва дигар ҷанбаҳои гуногуни таърихи инкишофи ҳуқуқи миллиро таҳқиқ намудаанд.

Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ то андозае аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ таҳқиқ гардида бошад ҳам, вале он ҳеҷ гоҳ объекти омӯзиши назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ қарор нагирифта аст. Паҳлуҳои мухталифи он, аз ҷумлаи алоқамандии функсияи мазкур бо дигар функсияҳо, мавқеи функсияи ҷубронсозӣ дар намудҳои алоҳидаи ҷавобгарӣ ва монанди инҳо ба таҳқиқоти алоҳида ниёз доранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки андешаи ягона ва умумиэътирофшуда оид ба ҷуброн ва ё ҷубронсозӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷой надорад. Ба андешаи У.А. Азиззода ва Ф.А. Бобохонов яке аз масъалаҳои баҳсталаб ин истилоҳи ҳуқуқии ҷуброн (товон) вобаста ба масъалаи ҷавобгарӣ мебошад. Вобаста ба ин масъала дар забони тоҷикӣ истилоҳоти «ҷуброни зарар», «товони зарар» бештар истифода мегардад. Дар забони русӣ бошад, истилоҳи «компенсация» ва «возмешение» серистеъмоланд. Дар забони тоҷикӣ мафҳуми «компенсация» ҳамчун ҷуброн, подош, товон тарҷума шудааст[233]. Мафҳуми «ҷуброн» аз лотинӣ (compensare) тарҷума шудааст, яъне ҷуброн кардан, мувозинат карданро ифода менамояд[234]. Дар луғати забони русии С.И. Ожегов ҷуброн тавассути товон тафсир шудааст[235]. Институти ҷуброни

---

инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №1. – С. 21-37.

[230] Ниг.: Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе, 2022. – 185 с.; Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-практической конференции (24 февраля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 36-42.

[231] Ниг.: Азиззода У.А., Раҷабзода С.А. Товони зарар аз ҷиноят дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ: таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии муқоисавӣ / У.А. Азиззода, С.А. Раҷабзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №3. (23). – С. 19-30; Раҷабзода С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ / С.А. Раҷабзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №3. (23). – С. 88-95.

[232] Ниг.: Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи шуравии Тоҷикистон / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2022. – №2. – С. 256-262; Инновационное развитие науки: фундаментальные и прикладные проблемы: монография / Ф.А. Бобохонов и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 488 с.

[233] Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №2. – С. 223.

[234] Швецова А.А. Компенсационные нормы российского права: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 1999. – С.28.

[235] Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1986. – С.86.

зарари маънавӣ бошад, амалӣ гардонидани функсияҳои ахлоқию иҷтимоӣ-дахлнопазирии шахсият, яъне функсияи ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад[236].

Мафҳумҳои ин истилоҳ дар назария низ мавҷуданд. В.А. Белов мафҳуми ҷубронсозиро ҳамчун амалҳое муайян кардааст, ки ба мувозинат додани зарари молу мулкӣ ё ғайримолумулкӣ бо роҳи пардохти маблағ ба ҷабрдида ба ин миқдор пул ё ба ӯ додани (таъмини) ҳама гуна молу мулки дорои чунин намуд, сифат ва арзише, ки имкон медиҳад, талафоти молу мулкӣ ва ғайримолумулкиро таъмин намояд[237]. Ҳамин тариқ, В.А. Белов ҷубронсозиро, пеш аз ҳама, раванди додани фоидаи муайян ё таъмини чунин таъминот медонад. Дар ин маврид ҷуброн ҳамчун мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии ҷубронпулӣ баррасӣ мешавад. Инчунин, ҷубронро метавон ҳамчун худи фоидае, ки бояд дода шавад, баррасӣ кард, пас он объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Хусусияти ҳуқуқии пардохтҳои ҷубронпулӣ дақиқ муайян карда нашудааст. Дар қонунгузорӣ ягон истилоҳ барои муайян кардани моҳияти он пешбинӣ нашудааст. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин мафҳумҳоро ба мисли «ҷуброни пулӣ», «ҷуброни хароҷот» ва ғайраро мушоҳида кардан мумкин аст. Аз рӯйи моҳияти худ ҷуброн маблағҳоеро ифода мекунанд, ки ба субъектҳои муомилоти маданӣ барои ҷуброни хароҷоти дар натиҷаи иштирок дар муносибатҳои муайяни ҳуқуқӣ бавуҷудомада, дода мешаванд. Пардохтҳои ҷубронпулӣ метавонад хароҷотро пурра ё қисман пӯшонад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки табиати ҳуқуқии функсияи ҷубронсозӣ, ки тавассути амали меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор ифода меёбад, бо ягонагии мавҷудаи тамоми низоми ҳуқуқии давлат ва унсурҳои таркибии он алоқаманд аст. Ифодаи объективии функсияи ҷубронсозӣ бояд ҳамчун механизми ҷуброни зараре эътироф карда шавад, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ (беамалӣ) расонида шудааст ё натиҷаи ҳодисаҳои номатлуб гардидааст.

---

[236] Ниг.: Дурнаикин Д.Г. Теоретико-правовые основы защиты личных неимущественных прав Российских граждан: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 218 с.

[237] Ниг.: Белов В.А. Гражданское право: Общая часть: Учебник – М.: АО «Центр ЮрИнфоР», 2002. – С.637.

Конститутсияи ҶТ ҷуброни зарарро дар м. 22 ва товони зарарро дар м. 32 пешбинӣ намудааст. Дар КМ ҶТ мафҳуми «товон» чандин маротиба (м.м. 16, 455, 572, 836, 1224, 1225, 1226) ва ибораи «ҷуброн» бошад, васеъ истифода гардидааст. Дар м.м. 14, 15 КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зиён» истифода шудааст. Дар м.м. 1117, 1195, 1197, 1208, 1210-1221, 1223 КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зарар» истифода гаштааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар КМ ҶТ истилоҳоти «ҷуброни зиён» ба «ҷуброни зарар» иваз карда шавад. Бо асос гирифтани он ки мафҳуми ҷуброн, товон, талофӣ, зарар, зиён, хисорот дар қонунгузорӣ ба таври омехта муқаррар шудааст, беҳтар мешуморем, ки дар қонунгузории соҳавӣ ягонакунии мафҳумҳои ҳуқуқии мазкур ба роҳ монда шавад.

Дар КМГ ҶТ низ истилоҳи «товон»-ро танҳо як маротиба (м. 22) истифода шуда, бештар истилоҳи «ҷуброн» (м.м. 31, 47) истифода гардидааст. Дар КҶ ҶТ истилоҳҳои «подош», «ҷуброн» (м. 167), «товон» (м. 83) ва «талофӣ» (м. 72-73) истифода гардидааст. КМҶ ҶТ истилоҳи «ҷуброн»-ро дар м. 42, 122, «товон»-ро дар м. 12, 28, 30 пешбинӣ кардааст. Кодекси меҳнати ҶТ (м.м. 183, 195, 196) мафҳуми «ҷуброн» ва КҲМ ҶТ истилоҳи «ҷуброн» ва «товон»-ро дар як маврид истифода намудааст (м. 49). Ҳамин ҳолатро дар м.м. 40, 55 КТ ҶТ низ вохӯрдан мумкин аст.

Аз муқаррароти қонунгузорӣ бармеояд, ки истилоҳоти «ҷуброн» ва «товон» бештар ҳамчун хусусияти умумидошта (яъне моддию маънавӣ) омехта истифода гардидааст. Бинобар ин, муҳаққиқон истифодаи истилоҳи «ҷуброн»-ро дуруст мешуморанд[238]. Вале муҳаққиқон қайд менамоянд, ки қонунгузорӣ мазмуни «ҷуброн»-ро равшан накардааст, аз ин рӯ, танҳо дар шакли пулӣ татбиқ намудани онро пешбинӣ месозанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузории маданӣ ҷуброни зарари маънавӣ ҳамчун воситаи ҳифзи неъматҳои ғайримоддӣ муайян шудааст[239]. Бинобар ин, дар зери истилоҳи «ҷуброн» чӣ фаҳмида мешавад, бояд муайян карда шавад. Истилоҳи

[238] Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №2. – С. 224.

[239] Ниг.: Рябин В.В. Защита неимущественных прав личности посредством компенсации морального вреда: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 132.

«ҷуброн» тарҷумаи тоҷикии истилоҳи русии «компенсация» мебошад, ки он аз калимаи лотинии «kompencatio–kompencare» пурра кардан, ҷуброн кардан бармеояд ва маънояш ҷубронсозӣ, қадрнамоӣ барои чизе мебошад[240].

Дар ҳамин асос З.Х. Зокирзода атрофи иваз намудани ибораи «талофӣ гардидан» ба калимаи «ҷуброн» дар қ. 5 м. 57 КҶ ҶТ изҳори назар намудааст. Дар сурати ғайр он боиси нодуруст шарҳ додани матни қонун мегардад ва ё ба рақобати нодурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Аз ҷониби дигар, мутобиқи муқаррароти қ. 3, м. 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд[241]. Монандӣ ва тафовути ҳолатҳои истифодабарии ибора ва мафҳумҳои «возмешение» ва «компенсация»-ро дар шакли васеътар муҳаққиқ Е.В. Смиренская таҳқиқ кардааст[242].

Функсияҳои ҷубронкунанда ва барқароркунандаи ҳуқуқ аксар вақт ба ҳам алоқаманд ҳисобида мешаванд. Масалан, Н.К. Басманова ба робитаи зичи ин функсияҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд мекунад, ки фарқи байни ҷубронпулӣ ва ҷубронро, пеш аз ҳама, аз рӯйи ду хусусият пайгирӣ кардан мумкин аст: аз рӯйи предмет ва мувофиқи таъинот[243]. Лозим ба қайд аст, ки муайян кардани функсияҳои барқарорсозӣ ва ҷубронсозӣ хеле асоснок нест, зеро агар барқарорсозӣ баргардонидани фоидаи гумшуда, ҳолати ҳуқуқие, ки то «фаъолшавии» функсияи барқароркунӣ вуҷуд дошт, дар бар гирад, пас ҷуброн танҳо иваз намудани фоидаи гумшуда ба фоидаи шабеҳ аз рӯйи баъзе мавридҳо, аз ҷумла ҳангоми ғайриимкон будани барқарор намудани ҳолати

---

240 Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №2. – С. 224.

241 Ниг.: Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №4. – С. 227.

242 Ниг.: Смиренская Е.В. Компенсация морального вреда как деликтное обязательство: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2000. – С. 36-39.

243 Ниг.: Тараканов А.П. Понятие и основные особенности компенсационной функции права / А.П. Тараканов // Бизнес в законе. – 2013. – №1. – С. 38.

ҳуқуқии вайроншударо ифода мекунад[244]. Агар предмети товон зиён бошад, яъне зарари молу мулкие, ки чун қоида бо пул ифода шудааст, пас предмети ҷуброн зарари ғайримолумулкӣ (онро чун қоида бо пули дақиқ ҳисоб кардан мумкин нест) ё зарари молумулкӣ (дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун) мебошад[245].

Масъалаи муносибати байни функсияҳои ҷубронкунанда ва барқароркунанда омӯзиши алоҳидаро талаб мекунад. Ба назар чунин мерасад, ки дар байни ин функсияҳо аломати баробар гузоштан ғайриимкон аст. Воқеан, дар назари аввал, функсияи барқарорсозиро ҷубронкунанда номидан комилан мантиқист[246]. Дар баробари ин, гарчанде ки охирин аз барқарор намудани мавқеи аслии тарафҳое, ки то ҳуқуқвайронкунӣ вуҷуд дошт, иборат бошад ҳам, онро ба маънои пурраи калима барқароркунанда номидан мумкин нест, зеро «барқарорсозӣ» одатан маънои ташкили вазъи молумулкӣ ё ғайримолумулкиро дорад, ки субъектҳои ҳуқуқи маданӣ то ҳолати содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ доро буданд. Аммо дар ин ҷо мафҳуми «барқароркунӣ» ба таври қатъӣ татбиқ карда намешавад: ҳолатҳое истисно карда намешаванд, ки барқарор кардани ҳолати қаблӣ, масалан, моликияти объективӣ ғайриимкон бошад (аз ҷумла, дар ҳолати нобудшавии ашё). Бинобар ин, ба назари мо, беҳтар аст, ки байни функсияҳои «ҷубронкунанда» ва «барқароркунанда» фарқ гузошта шавад. Умуман, бо ин нуқтаи назар розӣ шудан мумкин аст. Дар баробари ин, мехоҳам қайд намоям, ки то андозае функсияи ҷубронсозӣ дар ҷои дуюмдараҷаи барқарорсозӣ қарор дорад. Дар хусуси бартарии барқарорсозӣ аз ҷубронсозӣ муҳаққиқ Ф.А. Бобохонов низ изҳори назар намудааст[247]. Пеш аз ҳама, кӯшиш кардан лозим аст, ки вазъияте, ки аллакай вуҷуд дошт ва агар ин имконнопазир бошад,

---

[244] Ниг.: Кабанова И.Е. Реализация компенсационной функции гражданского права при привлечении публичных субъектов к гражданско-правовой ответственности / И.Е. Кабанова // Вестник Волгоградский государственая университета / Сер. 5, Юриспруд. – 2014. – №4 (25). – С. 132.
[245] Ниг.: Басманова Н.К. Сущность и особенности возникновения правоотношений возмещения и компенсации: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2008 – С. 20-21.
[246] Ниг.: Рыженков А.Я. Функции гражданского права: вопросы теории / А.Я. Рыженков // Пробелы в российском законодательстве. – 2012. – №4. – С.44-49.
[247] Ниг.: Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 202 с.

онро барқарор намуд ва танҳо пас аз он функсияи ҷубронсозиро амалӣ кардан лозим аст.

Вале ба андешаи бархе муҳаққиқон истифодаи алоҳидаи категорияҳои мазкур тасодуфӣ нест ва вобаста ба ҳолати кор ва танзими муносибати ҳуқуқии бамиёномада мумкин аст, ки истилоҳоти мазкур мувофиқ истифода бурда шаванд. Чунончи, С.В. Смотров қайд менамояд, ки мафҳуми «компенсатсия» - «ҷуброн», дар робита бо зарари маънавӣ дурусттар аст. Ҳарчанд сухан доир ба ҷуброни вайрон кардани неъматҳои ғайримоддӣ дар шакли моддӣ равад ҳам, О.А. Пешкова масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин хулосае омадааст, ки «ҷуброни зарари маънавӣ ин институти мустақили ҳуқуқие мебошад, ки аз уҳдадории расонидани зарар ба ҳуқуқ, озодӣ ва неъматҳои ғайримоддии шаҳрванд ба вуҷуд омада, яке аз унсурҳои ҳифзи он ҳуқуқҳо ва неъматҳои шаҳрванд ба ҳисоб меравад»[248].

Ҳангоми татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ (дар ҷазои маъмурӣ) функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши муассир надорад ва шакли амалисозии он танҳо ихтиёрӣ буда метавонад. Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии маъмурӣ аз раванди маҳдуд кардан ва бартараф намудани он муносибатҳои ҷамъияте, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ мухолифанд, иборат мебошад. Дар натиҷаи амалисозии ин функсия барои ҳуқуқвайронкунанда маҳдудиятҳо ва маҳрумиятҳои муайян муқаррар карда мешаванд, ки дар натиҷа зарари ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонун ҳифзшаванда расонидашударо қисман ё пурра ҷуброн карда метавонад.

Изҳороти баҳсбарангез дар бораи ҳамчун функсияи мустақил будани функсияи ҷубронсозӣ ба мён омадааст. Моҳияти онро ҷараёни ба давлат руёнидани хароҷоти дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ дар натиҷаи татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ содиршуда тавсиф карда мешавад. В.Д. Перевалов зарур мешуморад, ки хусусияти ҷубронпулӣ ҳамчун унсури функсияи ҷубронсозӣ дохил карда шавад. Ҳамин тариқ, В.Д. Перевалов пешниҳод

[248] Пешкова О.А. Ответственность и защита при причинении вреда неимущественным правам и нематериальным благам граждан и юридических лиц: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 1998. – С. 13.

мекунад, ки ин функсияҳо дар як ҷо муттаҳид карда шаванд. Инчунин, В.Д. Перевалов бармеояд, ки дар ҷараёни амали намудани функсияи ҷубронсозӣ бо унсури ҷубронпулӣ ҳам барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда ва ҳам ҷуброни зарари расонидашуда (моддию маънавӣ) ба амал меояд[249]. Дар бораи фарқи байни барқарорсозии ҳуқуқӣ ва ҷубронсозӣ нуқтаҳои назари мухталиф вуҷуд дорад. А.Г. Шишкин қайд мекунад, ки функсияи барқарорсозии ҳуқуқӣ танҳо ба баъзе намудҳои мушаххаси ҷазои маъмурӣ, аз қабили ҳабси маъмурӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи махсус, маҳрум кардан, боздошти маъмурии фаъолият хос аст[250]. Ҳамин тариқ, азбаски функсияи барқарорсозии ҳуқуқӣ ба чораҳои муҳофизатӣ хос аст ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла маъмурӣ, бо функсияи ҷубронкунанда, барои иҷрои босифати ҳуқуқ, таъсири ҳамаҷонибаи ҳифзи ҳуқуқ тавассути истифодаи намудҳои гуногуни чораҳои маҷбурии давлатӣ тавсиф мешавад.

Ҳамин тариқ, чун дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи ҷубронсозӣ низ дар ду шакл – ихтиёрӣ ва маҷбури амалӣ мегардад. Функсияи мазкур бештар хоси ҷавобгарии маданӣ мебошад. Зеро дар ҷавобгарии маданӣ яке аз шаклҳои ба амал баровардани ҷавобгарӣ ин ҷуброни зарар мебошад. Новобаста аз он ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ иштирокчиён баробарҳуқуқ буда, дар асоси усули диспозитивӣ амал мекунанд, вале ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар намуди ҷуброни зарар иҷрои он барои як тараф ҳатмӣ мегардад. Дар ин ҳолат функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии маданӣ дар шакли маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Бо ин назардошт гуфтан мумкин аст, функсияи мазкур ҳам дар шакли ихтиёрӣ ва ҳам дар шакли маҷбурӣ ба амал бароварда мешавад.

Функсияи мушаххаси ҳуқуқи маданӣ ҷубронсозӣ мебошад. Ба гуфтаи И.А. Власенко, моҳияти функсияи ҷубронсозӣ дар он аст, ки ҳама унсурҳо ва хосиятҳои ҷавобгарии маданӣ дар ҳамкорӣ ва ягонагӣ ба ҷуброни зарари

[249] Ниг.: Данченко А.А. Превентивная функция российского права: дис. ... канд. юрид. наук. – Кострома, 2002. – С. 306.
[250] Ниг.: Липинский Д.А., Хачатуров Р.Л., Шишкин А.Г. Меры юридической ответственности: монография. – М.: РИОР: ИНФРА-М, 2014. – С. 174.

ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ ва дигар зараре, ки дар натиҷаи амали (беамалии) ғайриқонунӣ расонида шудааст, равона карда шаванд[251]. Функсияи ҷубронсозӣ аҳаммияти нисбатан мустақил дорад, зеро тавассути таъсир расонидан ба муносибатҳои гуногуни ҷамъиятии вайроншуда, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзим мешаванд, боиси ба ҳолати конеъ гардонидани манфиатҳои поймолшудаи ҷабрдидагон тавассути ҷуброни зарар оварда мерасонад[252]. Функсияи ҷубронсозӣ ҳамчун дастури мушаххас барои қонунгузор ва субъектҳои ҳуқуқи маданӣ амал мекунад, ки тибқи он бояд меъёрҳо эҷод карда шаванд, роҳҳои такмили қонунгузории маданӣ нишон дода шаванд ва равандҳои татбиқи ҳуқуқӣ амалӣ карда шаванд[253].

Мавҷудияти функсияи ҷубронпсозиро субъекти мушаххаси танзими ҳуқуқи маданӣ пешакӣ муайян мекунад, зеро соҳаи моликият дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқ имконияти воқеии ҷуброни онро дорад, аммо функсияи ҷубронсозӣ на танҳо дар соҳаи муносибатҳои моликият амалӣ карда мешавад, балки дар соҳаи муносибатҳои шахсии ғайримолумулкие, ки ба муносибатҳои молумулкӣ алоқаманд нестанд татбиқ мегардад, зеро дар ин ҷо имконияти ҷуброни молумулкии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии вайроншуда мавҷуд аст[254]. Шарти зарурии равшан кардани функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии маданӣ аз рӯйи сабабҳо ва хусусиятҳои мавҷудияти он далели мавҷудияти чунин функсия дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки таъсири комплексии бисёр меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд кунем[255]. Сохтори функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии маданӣ хамчун унсури воситаҳои таъмини

---

[251] Ниг.: Власенко И.А. Компенсационная функция права (вопросы теории и практики): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 1995. – С. 7-8.

[252] Ниг.: Рыженков А.Я. Компенсационная функция советского гражданского права. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1983. – С. 4.

[253] Ниг.: Рыженков А.Я. Функции гражданского права: вопросы теории / А.Я. Рыженков // Пробелы в российском законодательстве. – 2012. – №4. – С. 46.

[254] Ниг.: Рыженков А.Я. Компенсационная функция советского гражданского права: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 1981. – С. 10-11.

[255] Ниг.: Рыженков А.Я. Компенсационная функция советского гражданского права. – Саратов: Изд-во Саратовского университета, 1983. – С. 28-49.

татбиқи онро дар бар мегирад, ки аз ҷумла, принсипи ҷуброни пурраи зарари дар қонуни маданӣ пешбинигардидаро дар бар мегирад.

Функсияи ҷубронсозӣ ҳам дар шакли ихтиёрӣ ва ҳам дар шакли маҷбурӣ дар ҳуқуқи маданӣ мавқеи калонро соҳиб мебошад. Ин муносибатҳо, пеш аз ҳама, дар натиҷаи иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадории ҷубронсозиро ба амал меоранд. Чунончи, иҷрои номатлуби шартномаи хариду фурӯш ҷавобгарии ҳуқуқии маданиро ба вуҷуд овардааст, ки ин масъала дар меъёрҳои КМ ҶТ инъикоси худро пайдо кардааст (м.м. 529, 530, 534, 536, 543 ва ғ.)[256].

Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии маданӣ ҳангоми расонидани зарар ҳатмист. Ба андешаи З.Х. Зокирзода зери мафҳуми зарар дар ҳуқуқи маданӣ ҳар гуна костан ва камкунии манфиатҳои шахсӣ ва молумулкӣ фаҳмида мешавад[257]. Зарар метавонад хусусияти моддӣ ва ғайримоддӣ дошта бошад. Зараре, ки онро бо пул арзёбӣ кардан мумкин аст, зарари моддӣ мебошад. Он метавонад ҳам ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба вуҷуд ояд.

Ҳамин тариқ, паҳн кардани маълумоти бадномкунанда, дар шакли тухмат ва таҳқир, ки метавонад ба шаъну шараф, обурӯ ва эътибори кории шахс зарар расонад, боиси расонидани зарари маънавӣ ва дар алоҳидагӣ зарари моддӣ (аз кор озод намудан, қатъ кардани шартномаи маданӣ, бекор гардидани ақди никоҳ ва м.и.) гардад. Атрофи масъалаи мазкур дар ҶТ таҳқиқоти бунёдиву маҷмуиро Ш.Т. Тағойназаров анҷом додааст[258].

Зараре, ки онро бо пул баҳо додан ғайриимкон аст, зарари ғайримоддӣ мебошад ва чун қоида, дар сурати вайрон кардани неъматҳои (ҳуқуқҳои) шахсии ғайримолумулкии шахс ба вуҷуд меояд, дар ҳоле ки дар сурати вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкӣ низ ба вуҷуд омаданаш имкон

[256] Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10. 10.2023).
[257] Ниг.: Зокирзода З.Х. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми якум: воситаи таълимӣ: нашри аввал. – Душанбе: «Ашӯриён», 2022. – С. 73.
[258] Ниг.: Тагайназаров Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественых прав граждан в СССР. – Душанбе: «Дониш», 1990. – 216 с.

дорад.

Шакли маҷбурии амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ истифода мегардад. Дар КҲМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки баҳсҳо оид ба рӯёнидани зиёни молумулкӣ аз ҷониби суд, тибқи тартиби мурофиаи судии гражданӣ ҳал мегарданд. Суд ҳангоми баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар сурати набудани баҳс оид ба рӯёнидани зарари молумулкӣ ҳуқуқ дорад, ҳамзамон, бо таъини ҷазои маъмурӣ, масъалаи рӯёнидани зарари молумулкиро низ ҳал намояд[259]. Ҳангоми аз ҷониби дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдори ваколатдор баррасӣ гардидани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баҳси рӯёнидани зарари молумулкӣ аз ҷониби суд бо тартиби мурофиаи судии маданӣ ҳал карда мешавад. Баҳсҳои рӯёнидани зарари маънавии аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бамиёномада дар суд, тибқи тартиби мурофиаи судии гражданӣ, баррасӣ мешаванд.

Ба андешаи У.А. Азиззода, яке аз масъалаҳои баҳсталаби дигар шаклҳо ва андозаи пулии ҷуброни зарари маънавӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ду усули ҷуброни зарар ба таври анъанавӣ ҷой дорад:

1) дар шакли аслӣ (ҷуброн дар шакли аслӣ) - дар рафъи зарар ба молу мулк, пешниҳоди молу мулки ба он баробар ва ғ.;

2) дар шакли ифодаҳои арзишӣ (ҷуброни пулӣ)[260].

О.И. Осадчая ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ бо ду роҳ пешниҳод кардааст: якум, бо роҳи ҷуброни зарари маънавӣ; дуюм, аз рӯйи соҳаҳои ҳуқуқ, ки дар ҳар ду маврид усулҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ истифода мегардад[261].

Вале дар ҳама ҳолатҳо, чи гунае ки таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ нишон медиҳад, ҷуброни пулӣ ҳамчун роҳи асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон баромад мекунад. Бо чунин шакли ҳалли масъала баъзе олимон розӣ нестанд. Зеро аз

---

[259] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008, №455 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[260] Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 226.

[261] Ниг.: Осадчая О.И. Особенности конституционно-правовой защиты прав человека от последствий причинения морального вреда в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 114-127.

моҳияти ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддӣ, ки дар м. 5 Конститутсияи ҶТ ҳамчун арзиши олӣ дониста шудаанд наметавонанд баҳогузории молӣ ё пулӣ дошта бошанд. Чунончи, Ш.Т. Тағойназаров қайд менамояд, «...ҳаёт ва саломатии шаҳрванди шуравӣ бо пул баҳо дода намешавад. Таҳқири шаъну шараф ва ба саломатии инсон зарар расонидан дар шакли моддӣ барқарорнашаванда мебошад»[262]. Ақидаи мазкурро М.Н. Малеин низ ҷонибдорӣ намуда, чунин иброз медорад: «Ҳеҷ яке аз тарафҳо наметавонанд ҷуброни зарари маънавиро бо пул баҳо диҳанд, ба монанди, ҳаёт, саломатӣ, номус ва ғ.». И.А. Сухаревский қайд менамояд, ки дар робита ба ин сухан гуфтан на дар бораи ҷуброн, балки ҷавобгарӣ барои зарари ғайримоддӣ дурусттар мебошад[263].

Таҳлили функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки институти мазкур бештар дар ҳолати мавҷудияти ҳуқуқвайронкунӣ ва зарар мавриди амал қарор мегирад. Дар ин хусус ҳақ ба ҷониби У.А. Азиззода мебошад, ки чунин қайд намудааст: «Вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ беҳтар мебуд, ки дар қонунгузорӣ моҳияти зарар ҳамчун асос барои татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ равшан карда шуда, намудҳои он ҷудо карда шаванд: зарари молумулкӣ; зарари ғайримолумулкӣ; зарари маънавӣ[264]. Маҳз вобаста ба намудҳои муқарраршудаи зарар тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда ва мувофиқан татбиқи қонунгузории мушаххаси соҳавӣ татбиқ карда мешавад.

Ба андешаи С.М. Воробёв ва Ф.А. Бобохонов, зарари маънавӣ ё функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар натиҷаи поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда ба вуҷуд меоянд[265]. Доир ба монандӣ ва фарқияти мафҳумҳои зарар, зиён, хисорот дар сарчашмаҳо андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Андешае мавҷуд аст, ки мафҳумҳои зарар

---

262 Тагайназаров Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественых прав граждан в СССР. – Душанбе: «Дониш», 1990. – С. 151.

263 Ниг.: Сухаревский И.А. Компенсация морального вреда в уголовном судопроизводстве: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2003. – С. 102.

264 Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №2. – С. 227.

265 Ниг.: Воробёв С.М., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ ҳамчун институти комплексӣ-ҳуқуқӣ (байнисоҳавӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 6. – С. 211.

ва зиён ба ҳам монанд буда, мафҳуми хисорот ифодаи молумулкии онҳо мебошад. Мавриди зикр аст, ки бисёре аз олимони ватанӣ низ дар таҳқиқотҳои илмии худ мафҳуми зарарро истифода кардаанд[266].

Дар Конститутсияи ҶТ мафҳуми зарар, махсусан зарари маънавӣ, баён шудааст[267]. Аз ҷумла, А.Ғ. Холиқзода[268], У.А. Азиззода[269], З.Х. Зокирзода[270]. Масалан, З.Х. Зокирзода мафҳуми зарарро дар робита бо мафҳуми «ҷуброн» ва «товон» истифода карда, мафҳуми ҷуброни зарарро қобили қабул мешуморад[271].

Дар қонунгузории мадании ҶТ мафҳумҳои «зарар» ва «зиён» ба таври васеъ истифода гардидааст. Зарари маънавӣ бошад, сарфи назар аз пардохти товони зиёни молумулкӣ ҷуброн карда мешавад. Зарари маънавӣ бо пул ҷуброн карда мешавад. Ҳаҷми ҷуброни зарари маънавиро суд муайян мекунад (м. 15)[272].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал татбиқ намудани функсияи ҷубронсозӣ, яъне ба амал баровардани ҷубронсозиро ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода намуда, дар ду шакл: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ, ба роҳ монда мешавад.

2. Қонунгузории ҶТ вобаста ба амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ меъёрҳои зиёд пешбинӣ намуда, шаклҳо, тартиб ва тарзҳои ҷубронсозиро муқаррар кардаанд.

---

[266] Ниг.: Бобохонов Ф.А. Доктрина о понятии, элементах и характеристиках морального вреда / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Молодой ученый. – 2022. – Ч. 2. – №7 (402). – С. 75.
[267] Конститутсияи ҶТ аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
[268] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древное право). – Душанбе, 2005. – С. 38.
[269] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 47.
[270] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 11.
[271] Ниг.: Зокиров З.Х. Мусодираи молу мулк: дирӯз ва имрӯзи он: монография. – Душанбе, 2016. – С. 53.
[272] Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

3. Ҷубронсозӣ мафҳуми умумӣ буда, вобаста ба навъҳои зарар тағйир намеёбад. Яъне, тибқи қонунгузорӣ, ҳам барои зарари моддӣ ва ҳам барои зарари маънавӣ ҷубронсозӣ дар шакли моддӣ (пулӣ) сурат мегирад.

## 2.6. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Дар миёни функсияҳи ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи пешгирӣ мавқеи хоссаро ишғол менамояд. Он ба яке аз мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (пешгирии содиршавии кирдорҳои нави зиддиҳуқуқӣ) мувофиқ мебошад. Функсияи пешгирӣ барои ҳар як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос мебошад, вале дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбатан самаранок мебошад, ки таҷрибаи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муосир инро исбот менамояд. Агар инсон барои кирдори содиркардааш ба ҷавобгарӣ кашида нашавад, он гоҳ, аз як тараф, худи ӯ ба амали анҷомдодааш идома медиҳад, аз тарафи дигар ба атрофиён таъсири манфӣ мерасонад. Яъне, чунин ҳолат боиси содиршавии ҳуқуқвайронкунии зиёд мегардад. Аммо, шахс вақте барои кирдори содиркардааш ҷавобгар карда шавад, он гоҳ ҳам худи ӯ минбаъд аз содир кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ даст мекашад ва ҳам барои атрофиён дарси ибрат мешавад. Яъне, бешубҳа метавон гуфт, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи пешгирӣ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар ин хусус андешаҳо хеле зиёд мебошанд, ки аслан дар мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ё ҷазо ифода меёбанд. Ба андешаи У.А. Азиззода, мақсади ҷазо пешгирии умумӣ ва махсус, пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав ва пешгирии содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ мебошад[273]. Ба андешаи А.С. Родионова бошад, амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мақсади пешгирии умумӣ ва махсус равона шудааст[274]. Пешгирии ҷиноядкорӣ яке аз мақсадҳои ҷазо ба ҳисоб рафта, ба пешгирии махсус ва

[273] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 28.
[274] Ниг.: Родионова А.С. Система наказаний в российском праве (общетеоретический аспект): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2013. – С. 9.

умумӣ ҷудо мешавад[275]. Таҳқиқотҳо ва андешаҳои олимон нишон медиҳад, ки дар низоми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи пешгирисозӣ мавқеи намоён дошта, танзими меъёрии ҳуқуқии худро дар қонунгузории соҳавии кишвар ёфтааст.

Дар ин хусус профессор У.А. Азиззода бисёр дуруст қайд намудааст, ки пешгирии умумӣ дар тарсонидан ифода меёбад. Одамони дигар аз тарси ҷазои сахт, ки хусусияти азобкашии ҷисмонӣ ва маънавӣ дорад, аз ҷинояткорӣ даст мекашанд[276]. Дар адабиёти илмӣ қайд карда мешавад, ки пешгирии ҷинояткорӣ на танҳо дар замони муосир, балки дар ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ низ ҳамчун мақсади ҷазо ба ҳисоб мерафт. Масалан, ба андешаи И.Б. Буризода, ҷазо дар ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамчун чораи пешгирӣ ба ҳисоб мерафт ва дар шакли оммавӣ иҷро кардани ҷазо далели он мебошад[277]. Андешаҳои мазкур бозгӯкунандаи он аст, ки функсияи мазкур ҳамчун яке аз функсияҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон амалӣ менамуд.

Ба таври махсус низоми ҳуқуқи шуравиро ёдовар шудан мумкин аст, ки нахустин санадҳои ҳуқуқии кодификатсионӣ, ки танзимкунандаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд, маҳз дар ҳамин марҳилаи таърихӣ таҳия гардидаанд. Қонунгузории ҷиноятии ҳуқуқи шуравӣ низ пешгирии ҷинояткориро ҳамчун мақсади ҷазо муқаррар намуда буд. Ба ақидаи У.А. Азиззода вазифаи қонунгузории ҷиноятӣ на расонидани азоби ҷисмонӣ ва таҳқири шаъну шарафи инсон, балки пешгирии ҷинояткорӣ мебошад[278]. Чунин андеша дар таҳқиқотҳои илмӣ М.М. Муллоев[279], М.Д. Шаргородский[280] низ ироа гардидааст.

---

[275] Ниг.: Уголовное право. Общая часть: учебник / Под ред. А.И. Рарога. – М., 1997. – С. 212-213.

[276] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 118.

[277] Ниг.: Буриев И.Б. Действия мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII - начало XX вв.). – Душанбе, 1999. – С. 155.

[278] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 281.

[279] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарии к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Общая часть). – Душанбе, 1969. – С. 77.

[280] Ниг.: Шаргородский М.Д. Наказание, его цели и эффективность. – Л., 1973. – С. 22.

Ғояи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷамъият аз давраҳои инкишофи инсоният ба мо маълум аст. Файласуфи Юнони қадим Суқрот ба қонунгузорон муроҷиат карда мегуфт, ки қонунҳои қабулкардаашон бояд одамро аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ боздорад. Арасту таъкид менамояд, ки пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, пеш аз ҳама мубориза алайҳи рафтор, урфу одатҳои бади зидди аҳли инсонӣ равонакардашуда мебошад.

Файласуфони асри XVIII ақидаи Арастуро дастгирӣ мекарданд. Ғояи ба вуҷуд овардани давлати ҳуқуқбунёдро пешбарӣ карда, яке аз принсипҳои асосии фаъолият ва вазифаи онро – пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ меҳисобиданд. Ин принсип дар кори машҳури Ч. Беккариа «Оид ба ҷиноятҳо ва ҷазо» инкишоф ва исботи худро ёфт. Ин корро Волтер маънидод карда, ғояи «ҳақиқати ҳуқуқдонӣ»-и пешгирии ҷиноятро асоснок намуд. Сотсиалистони хаёлӣ – Т. Мор, Ҷ. Кампанелла, Меле, А. Сен-Симон, Фуре, Оуэн ва дигарон алоқамандии пешгирии ҷиноят бо барҳам додани ҷинояткорӣ дар ҷамъияти коммунистиро қайд карда буданд.

Дар адабиёти русии асри XIX А. Радишев, А. Герсен, Н. Чернишевский ва дигарон бартарии пешгирии ҷиноят дар ҷамъият нисбати ҷазоро пешниҳод намуда буданд. Асосгузорони марксизм-ленинизм ба пешгирии ҷинояткорӣ диққати махсус медоданд. К. Маркс ва Ф. Энгелс бартарии пешгирии ҷиноятро нисбати ҷазо додан ба шахсони алоҳида баъди содир кардани ҷиноят маънидод карда, дар ҷамъияти сотсиалистӣ ба вазифаи асосии давлат табдил ёфтани пешгирии ҷинояткориро нишон дода буданд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ аксар вақт дар бораи низоми пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ сухан меравад[281]. Дар низоми пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ се намуди пешгирӣ: умумӣ, махсус ва инфиродӣ ҷудо карда шудааст[282].

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ пешгирӣ яке аз мақсадҳои ҷазо ба ҳисоб меравад. Пешгирии ҷинояткорӣ ба маънои аслӣ маънои аз ҷинояткорӣ муҳофизат кардани одамон, ҷомеа ва давлатро дорад. Решаҳои таърихии ин навъи амалияи иҷтимоӣ аз асрҳои дур сарчашма мегирад: бо пайдоиши аввалин

---

281 Ниг.: Криминология / Под ред. В.В. Орехова. – М., 1992. – С. 93-95.
282 Ниг.: Криминология: учебник / Под общ. ред. А.И. Долговой-3-е изд., перераб. и доп. – М.: Норма, 2008. – 912 с.

манъкуниҳои ҳуқуқӣ ва ҷинояткориҳо, чун амалҳое, ки сарфи назар аз онҳо содир карда шуданд, на танҳо чораҳои ҷазо, балки чораҳои пешгирӣ низ ба кор бурда мешуданд. Пешгирии ҷинояткорӣ мафҳуми дар криминология пазируфташуда мебошад, ки маънои рафтори мақсаднокро ба сабабҳо ва шароити ҷиноят ифода мекунад.

Ҳамин тавр, то замони мо назарияи пешгирии ҷинояткорӣ ба таври том тайёр карда шуд. Назарияи пешгирии ҷинояткорӣ – ин маҷмуи донишҳо оид ба фаъолияти инкишоф додани муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади муқаррар ва пешгирӣ намудани сабабу шароити ҷинояткорӣ, ки ба пайдоишу инкишофи ҷинояткорӣ, инчунин, инкишоф ва паҳн гардидани шаклу намудҳои алоҳидаи ҷиноят, ҳолатҳои хусусияти зидди ҷамъиятиро пайдокунанда дар шахсони алоҳида ва муайян намудани шакл ва роҳҳои назоратӣ аз болои ҷинояткорӣ мебошад. Пешгирии ҷиноят дар назария мавриди баҳсу мунозира қарор дорад. Аз нуқтаи назари амалия пешгирии ҷинояткорӣ, пеш аз ҳама, фаъолият аст. Дар амал татбиқ намудани пешгирии ҷинояткорӣ фаъолияти хос буда, мақсади худро дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои мухталифи пешгирии ҷинояткорӣ баён шудаанд. Баъзе аз муҳаққиқон мафҳуми пешгирии ҷинояткориро ба маънои васеъ ва маҳдуд пешниҳод кардаанд[283]. Пешгирии ҷинояткорӣ ба маънои васеъ категорияи криминологие мебошад, ки системаи таърихан ташаккулёфтаи заминаҳои объективӣ ва субъективии ин падидаи номатлубро ифода мекунад, ки тавассути фаъолияти мақсадноки тамоми институтҳои ҷомеа баҳри бартараф кардан, кам ва безарар кардани омилҳои мавҷудияти ҷиноят ва содир кардани ҷиноят нигаронида шудааст.

Пешгирии ҷинояткорӣ ба маънои маҳдуд ва татбиқшуда фаъолиятест, ки ба пешгирии содиршавии ҷинояткорӣ бо роҳи муайян ва бартараф кардани сабабҳои ҷиноят, шароити мусоид барои содир намудани онҳо ва расонидани таъсири пешгирикунанда ба шахсони дорои рафтори ғайриқонунӣ равона шудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ бо забони русӣ мафҳуми «предупреждение» ва

[283] Ниг.: Криминология: учебник для вузов / Под ред. проф. В.Д. Малкова-2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЗАО «Юстицинформ», 2006. – С. 116.

«профилактика»[284] истифода гардидааст, ки дар забони тоҷикӣ як маъно – пешгириро ифода менамояд. Ҳамин тавр, пешгирии ҷинояткорӣ – низоми чораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои пешгирӣ намудан ё аз байн бурдан ва ё миқдоран кам кардани сабаб ва шароити ҷинояткорӣ, боздоштани ҳуқуқвайронкунӣ батанзимдарории рафтори шахсон равонакардашуда меноманд.

Ташкили он бо назардошти шароити соҳавӣ ва ҳудудӣ гузаронида мешавад. Фаъолияти пешгирии ҷинояткорӣ заминаи ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд, яъне танзими ҳуқуқӣ, тарз ва шаклҳои корҳои пешгирӣ, ҳуқуқ ва ухдадории иштирокчиён, кафолати ҳуқуқии шахсе, ки ин фаъолият нисбати ӯ гузаронида мешавад. Ҳамаи ин қонуниятро ифода мекунад. Ҳоло вақти он расидааст, ки қонунҳои оид ба пешгирии ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, ки фаъолияти пешгирии ҷинояткориро пурра дар бар мегиранд, қабул кард. Иҷрои ҳар як фаъолият асосҳои иқтисодию иҷтимоиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, фаъолияти пешгирии ҷинояткорӣ дар ҷамъият асосҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро бояд дошта бошад.

Мақсади пешгирии ҷинояткорӣ ин мубориза бо ҷинояткорӣ, муқовимат ба равандҳои ҷиноятӣ буда, дар ҷомеа пешгирӣ ва кам кардани ҷинояткорӣ ва суръати афзоиши он, ҳифзи давлату ҷомеа ва инсонро аз оқибатҳои ҷиноятӣ ифода менамояд. Ин мақсад ҳалли худро дар амалигардонии вазифаҳои зерин меёбад:

– муайян, бартараф ё безарар кардани сабабҳои ҷиноят ва шароити ба содир намудани ҷиноят мусоидаткунанда;

– таъсири инфиродии пешгирикунанда ба шахсони дорои рафтори ҷиноятӣ;

– пешгирии ҷиноятҳои тарҳрезишуда;

– кам кардани хавфи қурбонии оқибатҳои ҷиноятҳо шудани шумораи аҳолӣ ва шаҳрвандони алоҳида[285].

---

[284] Криминология: учебник для вузов / Под ред. проф. В.Д. Малкова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЗАО «Юстицинформ», 2006. – С. 117.

[285] Ниг.: Малкова В.Д. Асари зикршуда. – С. 118.

Пешгирии ҷинояткории муташаккилона дар асоси тадбирҳои умумии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Аммо барои криминологҳо ва амалия тадбирҳои махсуси пешгирӣ муҳимманд, ки бо тадбирҳои умумии иҷтимоӣ алоқаманданд. Пеш аз ҳама, ба мо қонунҳои муассире лозиманд, ки ба табиати ҷинояти муосир ҷавобгӯ бошанд. Ҳамин тавр, пешгирии ҷинояткорӣ ин маҷмуи фаъолияти субъектони давлатӣ мебошад, ки баҳри мубориза бо ҷинояткорӣ равона карда шудаанд. Пешгирии ҷинояткорӣ дорои мақсадҳои худ буда, дар ҳудудҳои муайян амалӣ карда мешавад.

Пешгирии ҷинояткорӣ на танҳо дорои мафҳум ва мақсаду сатҳҳои худ, балки дорои принсипҳо низ мебошад. Принсипҳои пешгирии ҷинояткорӣ гуфта, асосҳои роҳбарикунандаеро меноманд, ки дар раванди фаъолияти пешгирии ҷинояткорӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд. Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 қабул шудааст, доир ба принсипҳои пешгирии ҷинояткорӣ баъзе муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Дар адабиёти илмии криминологӣ муҳаққиқон принсипҳои мухталифи пешгирии ҷинояткориро пешниҳод намудаанд. Муҳимтарин принсипҳои пешгирии ҷинояткорӣ инҳо мебошанд:

1) принсипи қонуният;

2) принсипи демократизм;

3) принсипи гуманизм;

4) принсипи адолат;

5) принсипи илмӣ.

Дар адабиёти илмии криминологӣ чунин принсипҳо ба ҳайси принсипҳои асосии пешгирии ҷинояткорӣ шуморида шудаанд: қонуният, адолати иҷтимоӣ ва гуманизм, мураккабӣ, саривақтӣ ва кифоятии тадбирҳои истифодашуда, фарқияти чораҳои пешгирӣ, самаранокӣ[286]. Ҳамин тавр, пешгирии ҷинояткорӣ дорои як қатор принсипҳо мебошад, ки дар раванди фаъолияти пешгирӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

---

[286] Ниг.: Криминология: учебник для вузов / Под ред. проф. В.Д. Малкова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЗАО «Юстицинформ», 2006. – С. 120.

Аз назарияи давлат ва ҳуқуқ маълум аст, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ, дорои субъект мебошанд. Субъектони ин муносибатҳо, дар навбати худ, дар ҷамъият дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо мебошанд. Ин ҳуқуқу уҳдадориҳо аз Конститутсияи давлат маншаъ мегиранд. Дар мавриди пешгирии умумии ҷинояткорӣ бошад, субъектҳои он амалан тамоми ҷомеа, тамоми институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар маҷмуъ давлат мебошад[287].

Субъектони пешгирии ҷинояткорӣ мақомоти давлатӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои шаҳрвандон, коллективҳо, ташкилоту идораҳои гуногуни хусусӣ ва шаҳрвандон мебошанд, ки фаъолияти пешгириро дар сатҳу ҳудуди гуногун ба амал бароварда, дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо яъне ва барои иҷрои он ҷавобгар мебошанд. Қонунгузор ба онҳо дар як вақт ҳуқуқу вазифаҳоро дода, барои иҷроиши он ҷавобгарӣ низ пешбинӣ намудааст.

Доираи функсия ва вазифаҳои субъектони пешгирии ҷинояткорӣ ба мавқеи субъект дар ҷамъият, нақши он дар механизми муносибатҳои ҷамъиятӣ–сиёсӣ, объекти фаъолияти пешгирӣ, хусусияти сабаб ва шароити ҷинояткорӣ ва ҷинояти алоҳида дар марзҳо, соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ва ғ. вобастагӣ дорад. Аз ин ҷо, ин субъектонро ба ду гурӯҳ – махсусгардонидашуда ва ғайримахсусгардонидашуда тақсим мекунанд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд, прокуратура, вазорати корҳои дохилӣ, амният ва адлия, адвокатура ва нотариат, шуъбаҳои ҳуқуқии ташкилоту муассисаҳо – чораҳои махсуси пешгирии ҷинояткорӣ доранд ва онро ба ҳаёт татбиқ менамоянд.

Дар пешгирии махсус на танҳо корхонаҳои давлатӣ ва шаҳрӣ, муассисаҳои фарҳанг, тандурустӣ, маориф, балки сохторҳои хусусӣ, тиҷоратӣ барои истеҳсолот ва мақсадҳои дигар нақши муайян мебозанд (алалхусус, дар самти таъмини амнияти худ).

Самаранокии фаъолияти пешгирӣ аз тарафи суд, пеш аз ҳама, бо вазифаи асосии ӯ ба амал баровардани адолати судӣ, вобаста аст, зеро мувофиқи Конститутсия, адолати судиро танҳо суд ба амал мебарорад (м.

[287] Ниг.: Криминология: учебник для вузов / Под общей редакцией доктора юридических наук, профессора А.И. Долговой. – М., 2001. – С. 289.

84)[288]. Оид ба парвандаи ҷиноятӣ суд ҳукм бароварда, бо он пешгирии ретсидивиро пешбинӣ менамояд. Оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, хоҷагӣ бошад, ҳалномаи баровардаи суд барои пешгирӣ ва кам кардани шароиту ҳолатҳои криминогенӣ ёрӣ мерасонад[289]. Субъектони номбаршуда уҳдадоранд ба суд дар бораи чораҳои дидаашон хабар диҳанд. Ин кори суд низ ба фаъолияти пешгирии ҷиноятkорӣ хос аст. Ҷамъбасти амалияи судӣ, таҳлили омории он яке аз сарчашмаҳои кори методиро дар соҳаи пешгирии ҷиноятkорӣ ташкил медиҳанд.

Мақом ва нақши прокуратура дар байни субъектҳои пешгирии криминологии махсус, пеш аз ҳама, бо мақоми он ҳамчун як системаи ягонаи марказонидашуда, ки аз номи ҶТ амалӣ намудани қонунҳои дар қаламрави кишвар амалкунандаро назорат мекунанд, муайян карда мешавад. Бо ошкор ва саркӯб кардани (бо эътироз, оғози таъқиби ҷиноятӣ ё маъмурӣ ва ба тариқи дигар) ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба моликият, хусусигардонӣ, истифодаи замин, андозҳо, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, қарзӣ ва молиявӣ, прокуратура ба татбиқи заминаи ҳуқуқӣ мусоидат карда, дар эътидол овардани муносибатҳои асосии иқтисодӣ, рафъи ҳолатҳои хатарноки ҷиноятӣ, маҳдуд кардани доираи сабабҳо ва шароити мусоиди дуздӣ, иқтисодӣ, хизматӣ ва ҷиноятҳои дигар нақши калидӣ дорад.

Пешгирии ҷиноятkорӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои прокуратура дар тамоми самтҳои фаъолияти он зоҳир мегардад. Назорати умумӣ аз болои иҷроиши қонун аз тарафи мақомоти идораи давлатӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон дар фаъолияти хоҷагӣ, соҳаи иҷтимоӣ ва ғ. дар пешгирии ҷиноятkорӣ аҳаммияти калон дорад. Воситаҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниро дар вақти ба амал баровардани назорати умумӣ санадҳои прокурорӣ мебошанд. Функсияи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар

[288] Конститутсияи ҶТ аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[289] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001, №30 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

назорат аз болои риояи қонун дар мақомотҳои тафтиш ва таҳқиқот, риояи қонун дар ҷойҳои адои ҷазо ва ғ. низ мушоҳида намудан мумкин аст[290].

Вазорати адлия ва мақомоти низоми он низ фаъолияти пешгирии ҷинояткориро дар ҷамъият ба уҳда доранд. Иштироки онҳо дар давраи дигаргунсозиҳои куллӣ дар иқтисодиёту иҷтимоиёт, соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва сиёсат, кодификатсия ва банизомдарории қонунгузорӣ, таҳлил ва татбиқи маълумот оид ба фаъолияти мақомоти гуногун ва ғайра барои пешгирии ҷиноятқорӣ, сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноят дар ҷамъият замина мегузорад. Ташвиқоту тарғиботи ҳуқуқӣ ва ташкили ҳамоҳангӣ дар иҷрои он яке аз вазифаҳои мақомоти адлия мебошад.

Ҷузъу томҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар тамоми шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бо садоқати том ба дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат софдилона хизмат менамоянд ва ба ҳар кирдори зиддиқонунӣ дар чорчӯбаи қонун муқовимат менамоянд. Дар ҳамин асос дар тамоми ҷузъу томҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар асоси Нақшаи чорабиниҳои соли 2020 бахши махсус оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ ва корҳои тарғиботӣ-профилактикӣ ташкил гардидааст[291].

Субъекти дигари фаъолияти пешгирӣ оила мебошад. Ба андешаи Н.С. Ахмедов, субъектони ҳуқуқи оилавӣ шахсоне ба ҳисоб меравaнд, ки барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ буда, дар муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ иштирок мекунанд ва онҳо зери таъсири меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ қарор гирифтаанд[292]. Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад (м. 33 Конститутсияи ҶТ)[293]. Оила зербинои муҳимми ҷамъиятиест, ки дар он шахс инкишоф меёбад. Оид ба мафҳум ва мавқеи оила дар ҷамъият олимони

---

[290] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[291] Нақшаи чорабиниҳои соли 2020 оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ ва корҳои тарғиботӣ-профилактӣ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.avkd.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[292] Ниг.: Ахмедов Н.С. Ҳуқуқи оилавӣ (воситаи таълимӣ). – Душанбе, 2022. – С. 21.

[293] Конститутсияи ҶТ аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

варзидаи тоҷик дар ин соҳа докторони илмҳои ҳуқуқ, профессорон О. Усмонов ва М.А. Маҳмудов таҳқиқотҳои илмии худро бахшидаанд[294].

О.Э. Раҳмон дар мавзуи «Инкишофи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои занон дар Тоҷикистон» рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, як силсила мақолаҳои худро ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии оила ва занон бахшидааст[295]. Ба андешаи О.Э. Раҳмон оила, никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар ҶТ таҳти ҳимояи давлат мебошад[296]. Оила дар ҷамъият вазифаҳои давом додани насл, таъмини саломатию ҳаёти кӯдак, инкишофи маънавӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқии вайро иҷро мекунад.

Оила ҳамчун асоси ҷамъият насли наврасро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ тайёр мекунад, онро ҳамчун аъзои сазовори ҷамъият дар рӯҳияи ватандӯстию инсонпарварӣ ба камол мерасонад. Оила дар давраи аввали инкишофи шахсият мавқеи хосса дорад. Аз тарбияи насли наврасояндаи ҷамъият вобастагӣ дорад. Ҷамъият ба тарбияи он диққати махсус медиҳад. Аз ин рӯ, давлат оиларо зери ҳимояи худ гирифтааст. Оила метавонад содири ҷиноятро пешгирӣ кунад, нисбати намудҳои гуногуни вайронкунии талаботи меъёрҳои иҷтимоӣ чора бинад.

Чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ ин маҷмуи амалҳои мақсаднок ва ё сиёсати ҳуқуқии давлатӣ доир ба мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад, ки субъектони мубориза бо ҷинояткорӣ ва самтҳои фаъолияти онҳоро муайян мекунад.

Аз рӯйи сатҳи фаъолияти пешгирӣ чораҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: чораҳои умумииҷтимоӣ ва махсус. Функсияи пешгирии умумииҷтимоӣ аз тарафи тамоми ҷамъияти инсонӣ ба амал бароварда мешавад. Ин чораҳо, дар муқоиса ба мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ва ҷиноят ҳудуди васеъ доранд. Аммо дар як вақт пешбинӣ ва гузаронидани ин чораҳо имконияти муҳайё

[294] Ниг.: Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Тафсири Кодексии оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2011. – 348 с.
[295] Ниг.: Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917-2011 гг.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 187 с.
[296] Ниг.: Раҳмон О.Э. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои занон / О.Э. Раҳмон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 214.

сохтани замина барои чораҳои махсуси пешгирии ҷинояткорӣ дар ҷамъият шуда метавонад.

Ба чораҳои умумиичтимоӣ пешгирии ҷинояткорӣ қариб тамоми дигаргуниҳои ичтимоӣ-иқтисодии ҷамъият дар замони муосир дохил мешавад.

Чораҳои махсуси пешгирии ҷинояткорӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дида мешаванд. Дар амалия, мувофиқи пешбинии қонун ё бо ташаббуси худ корхонаю ташкилотҳои шахсӣ ва шаҳрвандон онро татбиқ карда метавонанд. Нишонаи мақсаднок пешбинӣ шудани онҳо, мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҷиноят дар ҷамъият фарқияти чораҳои махсусро аз умумиичтимоӣ нишон медиҳад. Чораҳои махсус бо ҷой доштани ҷинояткорӣ ва ҳолати он вобастагӣ дорад.

Чораҳои умумиичтимоӣ ва махсус бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Дар таъсиррасонии байниҳамдигарӣ натиҷаи пурра ва ба талабот ҷавобдиҳанда ба даст оварда мешавад. Татбиқи чораҳои умумиичтимоӣ замина барои пешбинии чораҳои махсус мебошад.

Дар ҶТ чораҳои мухталиф ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ андешида шуда, дар амал татбиқ карда мешаванд. Муҳимтарин чораи пешгирии ҷинояткорӣ ин ташкили асосҳои ҳуқуқии танзими пешгирии ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар ҶТ санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳимме қабул карда шудаанд, ки баҳри пешгирии ҷинояткорӣ равона гардидаанд.

Пеш аз ҳама, Конститутсияи ҶТ муқаррар мекунад, ки дар Тоҷикистон ҳар як шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро эҳтиром намояд[297]. Дар меъёри дигар муқаррар кардааст, ки аз шаҳрванди одӣ то мақомоти давлатию ҷамъиятӣ вазифадоранд, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Стратегияи муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бо фармони Президенти Ҷумҳурии

[297] Конститутсияи ҶТ аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

Тоҷикистон аз санаи 1 июли соли 2021, №187 қабул гардид, ки мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба терроризм ва экстремизм муайян намуда, ба муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт равона шудааст.

Яке аз санадҳои муҳим дар ин самт ин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ мебошад. Дар санади номбурда зикр гардидааст, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ низоми расман дар кишвар муқарраргардидаро ифода менамояд, ки моҳият, мақсад, самт, афзалиятҳо ва меъёрҳои самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи ҳимояи шахс, ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ба воситаҳои қонунгузории ҷиноятиро муайян мекунад. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ ба сифати яке аз самтҳои татбиқи Консепсияи давлатии таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва баҳамвобастагии появии муқаррароти асосии он бо сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин, сиёсати пешгирии ҷинояткорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятидошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад.

Дар Консепсия чунин мақсадҳо баҳри пешгирии ҷинояткорӣ муқаррар карда шудааст:

– таъмин намудани амнияти шахс, ҳуқуқ ва озодии он, инчунин ҷамъият ва давлат аз таҳдиди бо ҷинояткорӣ алоқамандбуда;

– ҳимояи муносибатҳои ҷамъиятии ҳаётан муҳим, махсусан дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ;

– ҳимояи манфиатҳои давлат дар дохил ва хориҷи кишвар аз таҷовузи ҷинояткорона;

– паст намудани сатҳи шиддатнокии иҷтимоӣ дар ҷамъият дар асоси танзими муносиб ва боадолатонаи бартараф намудани низои аз ҷиноят баамаломада;

– мусоидат барои расидан ба беҳбудӣ ва некуаҳволии иҷтимоӣ, инчунин, дар асоси бавуҷудоварии афкори сафедкунии иҷтимоӣ ва реинтегратсияи иҷтимоии шахсоне, ки бо сабаби ҷиноят ба низоъ ҷалб гардидаанд[298].

Яке аз санадҳои дигар дар ин самт ин Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 декабри соли 2009, №566 мебошад. Дар қонуни мазкур муқаррар гардидааст, ки барои пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ, боздошт кардани шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд ё ба қонуншиканӣ роҳ додаанд ва ҷиҳати муҳофизати ҷойи ҳодиса чораҳо андешад. Ҳангоми маълумот додани шаҳрвандон дар бораи ҳодисаҳо ва кирдорҳое, ки ба бехатарии шахсии шаҳрвандон, бехатарии ҷамъият ва тартиботи ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳад[299].

Санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26 июли соли 2014, №1096 мебошад.

Санади дигари ҳуқуқӣ дар ин самт ин Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба терроризм» мебошад, ки аз 23 декабри соли 2021, №1808 қабул карда шудааст. Қонуни мазкур принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирии терроризм ва мубориза бо он, роҳу усулҳои бартараф намудани оқибатҳои амали террористиро бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти ҶТ муайян менамояд[300].

Санади муҳимми дигари ҳуқуқӣ дар ин самт ин КҶ ҶТ мебошад, ки аз 21 майи соли 1998, №574 қабул карда шудааст. Дар санади мазкур, пеш аз ҳама, дар вазифаҳои Кодекс пешбинӣ гардидааст, ки вазифаҳои ҳамин Кодекс аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти

---

[298] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ аз 2 ноябри соли 2013, №492. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[299] Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 декабри соли 2009, №566 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[300] Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, №1808 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин, пешгирии ҷиноятҳо иборат аст. Ғайр аз ин, дар ҷойи дигари санади номбурда муқаррар гардидааст, ки ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мешавад[301].

Мавриди зикр аст, ки ҷиҳати беҳтар намудани шароити хизматии нозирони минтақавӣ Фармони Президенти ҶТ аз 30 июни соли 2012, №1291 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани нақши нозирони минтақавии милитсия дар таъминоти тартиботи ҷамъиятӣ ва тавсеаи ҳамкории онҳо бо аҳолӣ» такони ҷиддӣ бахшид.

Санаи 20 январи соли 2020 ҷаласаи васеи Ҳукумати ҶТ таҳти раёсати Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, ки дар он дар баробари пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар диққати махсус ба пешгирии ҷинояткорӣ дода шуд. Дастур дода шуд, ки бо назардошти вазъи мураккаби имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри волоияти қонун, муайяну ошкор кардани ҷиноятҳо, пешгирии шомилшавии шаҳрвандон ба ҳар гуна гурӯҳу созмонҳои ифротгаро корҳо тақвият бахшида шаванд.

Вобаста ба масъалаи пешгирии ҷинояткорӣ дар ҶТ яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳим Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона» мебошад, ки аз 28 декабри соли 2013, №1038 қабул карда шудааст. Санади мазкур пурра ба масъалаи пешгирии ҷинояткории муташаккилона бахшида шудааст.

Санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» мебошад, ки аз 25 июли соли 2005, №107 қабул карда шудааст. Мутобиқи қонуни мазкур, мақомоти прокуратура назоратро ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин, мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул

---

[301] Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998, №574 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).

мебошанд, ба роҳ монда, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии он ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо амалӣ мегардонад[302].

Дар ҶТ ҷиҳати пешгирии ҷинояткории ноболиғон чораи махсуси давлатӣ андешида шудааст, ки ин қабули санади муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Аниқтараш, Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, №1658 қабул карда шудааст, ки сирф ба масъалаи пешгирии ҷинояткории ноболиғон бахшида шудааст. Мутобиқи қонуни мазкур, низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон – ин маҷмуи фаъолияти инфиродӣ ва дастаҷамъонаи субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, мақомоти дигари давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, ки дар самти огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, тибқи қонунгузории ҶТ, амалӣ карда мешаванд[303].

Дар қонуни номбурда масъалаи пешгирии инфиродӣ муқаррар гардидааст, ки чунин маъно дорад: фаъолияти доимии субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, ки таҳия ва татбиқи чораҳои махсусро оид ба огоҳонии намудҳои алоҳидаи ҳуқуқвайронкунӣ ва бартараф намудани сабабу шароити ба он мусоидаткунанда, инчунин, муайян ва таъсир расонидан ба категорияҳои алоҳидаи ноболиғони содирнамудаи ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳо пешбинӣ менамояд, ҳамчунин, фаъолият оид ба сари вақт муайян намудани ноболиғон ва оилаҳое, ки дар вазъияти номусоиди иҷтимоӣ қарор доранд, пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ (зиддиҳуқуқӣ) аз тарафи ноболиғон ва фаъолият оид ба барқарорсозии ҳолати минбаъдаи иҷтимоӣ-омӯзгории онҳо.

---

302 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» аз 25 июли соли 2005, №107 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
303 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, №1658 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

Дар қонун мафҳуми пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон чунин муқаррар шудааст: «маҷмуи чорабиниҳои дастаҷамъона ва инфиродии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқию равонӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ, ки аз ҷониби субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон бо мақсади ошкор ва бартараф намудани сабабу шароити ба содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон мусоидаткунанда амалӣ карда мешаванд»[304]. Ҳамин тавр, ҷинояткории ноболиғон нисбат ба дигар намуди ҷинояткорӣ ташвишовар мебошад. Бинобар ин, тамоми сохторҳои ҷомеаро мебояд, ки дар пешгирии ҷинояткории ноболиғон саҳмгузор бошанд. Вобаста ба ин, бо мақсади ҷалби тамоми субъектон дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, ки «Стратегия пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон» қабул карда шавад.

Ҷинояткории занон дар ҶТ яке аз масъалаҳои доғи ҷомеа боқӣ мемонад. Дар баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯриҳо бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар давраи солҳои 2000-2019[305] борҳо масъалаи мубориза бо ҷинояткорӣ, ки мақсади он бартараф кардани номутобиқатии манфиатҳои давлат, шахсият ва ҷомеа мебошад, таъкид шудаанд.

Давоми солҳои охир дар ҷумҳурӣ болоравии динамикаи ҷинояткорӣ ва дигаргуншавии тарзу хусусиятҳои содир кардани ҷиноят ба мушоҳида мерасанд. Зиёда аз ин, баръало ангезаҳои он зоҳир гардида, самти ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дигаргун мешавад.

Болоравии шумора ва ҳиссаи содир кардани ҷиноят аз ҷониби занон дар кишвар ташвишовар аст. Дар солҳои охир динамикаи содир кардани ҷиноятҳо аз ҷониби занон чунин аст: дар соли 2014 – 1878, дар соли 2015 – 1880, дар соли 2016 – 1739, дар соли 2017 – 1978, дар соли 2018 – 1832 ҷиноят ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин ҷо, таҳқиқоти тавсифи криминологии ҷинояткории занон дар ҶТ аз нигоҳи коркарди чораҳои пешгирӣ, ки

[304] Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, №1658 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[305] Баромадҳои Пешвои миллат, Президенти ҶТ дар вохӯри бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар давраи солҳои 2000 то 2019 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

бевосита нисбат ба омилҳои бавуҷудорандаи ҷинояткорӣ дар байни занон равона шудаанд, қобили таваҷҷуҳ мебошад[306]. Ҳамин тавр, доир ба пешгирии ҷинояткории занон низ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ чораҳои муҳим андешида шудааст. Дар ин хусус барномаҳо, стратегия ва қонунҳои миллӣ низ қабул карда шудаанд, ки самти фаъолияти занонро баҳри роҳ ёфтан дар соҳаҳои фаъолияти давлатӣ, махсусан дар соҳаи сиёсат равона менамоянд.

Кор оид ба пешгирии ҷинояткорӣ дар асоси талаботи санадҳои меъёрии идоравӣ ба зиммаи воҳидҳои Раёсати кофтукови ҷиноятии Вазорати корҳои дохилии ҶТ гузошта шудааст, ки фаъолияти онҳоро Қонуни ҶТ дар бораи «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба танзим медарорад. Тибқи қонуни мазкур, вазифаҳои фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз инҳо иборат аст:

1) ошкор, пешгирӣ, рафъ ва ошкор кардани ҷиноятҳо, инчунин ошкор намудани шахсоне, ки онҳоро тайёр мекунанд, содир мекунанд ё содир кардаанд;

2) гузаронидани кофтукови шахсоне, ки аз мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва суд пинҳон шуда, аз адои ҷазои ҷиноятӣ саркашӣ мекунанд, инчунин, кофтукови шахсони гумшуда;

3) гирифтани маълумот дар бораи ҳодиса ё амал (беамалие), ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоот ё экологии ҶТ таҳдид менамояд;

4) муайян намудан ва ҷойгиршавии молу мулке, ки бояд суд мусодира намояд[307].

Мавриди зикр аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ саҳми калон доранд. Сатҳи ташкилии ин кор, миқёс ва самаранокии он пас аз Фармони Президенти ҶТ аз 23 сентябри соли 1995 «Дар бораи чораҳои пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, мустаҳкам намудани тартиботи қонунӣ»; «Барномаи давлатии пурзӯр намудани муборизаи зидди ҷинояткорӣ барои солҳои 1996-1997» хеле афзоиш

---

[306] Ниг.: Джалолов Х.Г. Криминологическая характеристика женской преступности в Республике Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – С. 4.

[307] Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

ёфтааст[308]. Ин барнома равишҳо ва ҳодисаҳои манфиеро, ки тартиботи ҷамъиятиро вайрон карда, барои содир кардани ҷиноят шароит фароҳам меоваранд, бартараф менамояд; инчунин, ташкил намудани муҳофизати боэътимоди ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳо, моликияти шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъият ва давлатро аз кирдорҳои ҷиноятӣ ба вуҷуд меоварад.

Дигар санади ҳуқуқии муҳим оид ба пешгирии ҷинояткорӣ Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар ҶТ барои солҳои 2008-2015 мебошад[309]. Барномаи мазкур ба таъмини ҳифзи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва тартиботи сиёсию иқтисодӣ ва дигаргуниҳои давлат нигаронида шудааст. Дар Барномаи нави давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар ҶТ барои солҳои 2021-2030 доираи фаъолияти мақомоти давлатӣ хеле васеъ гардид[310]. Дар Барномаи охир давомнокии фаъолияти нақшавии мақомоти давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ барои 9 сол танзим шудааст.

Дар ҳуқуқи маданӣ амалисозии функсияи пешгирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ - ба салоҳдиди субъекти дигар гузошта шудааст ва субъекти мазкур ҳаққи пешниҳод кардан ё накардани талаботҳоеро дорад, ки онҳо боиси вогузории масъулият ба уҳдаи шахси вайронкунандаи қонун мегарданд ва худи иҷрои ҷавобгарӣ метавонад боиси қатъ гардидани ҳуқуқи маданӣ ё дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ ё дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ гарданд. Қонунгузории мадании кишвар функсияи пешгирисозии ҷавобгариро муқаррар намуда, шаклҳои ихтиёрию маҷбурии онро танзим кардааст.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки функсияи пешгирисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мавҷуд буда, дар шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи мазкур нисбат ба дигар функсияҳо дорои субъектони васеи амалисозӣ буда, ҳамзамон дар санадҳои

---

[308] Ниг.: Барномаи давлатии ҶТ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ барои солҳои 1996-1997, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 23 сентябри соли 1995, №341 тасдиқ гардидааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[309] Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар ҶТ барои солҳои 2008-2015, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 ноябри соли 2007, №543 тасдиқ гардидааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

[310] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Барномаи давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар ҶТ барои солҳои 2021-2030» аз 30 июни соли 2021, №265 [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz. (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

меъёрии ҳуқуқии мухталиф масъалаҳои гуногуни он танзими ҳуқуқии худро ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки мавқеи функсияи мазкур нисбат ба дигар функсияҳо намоён мебошад. Новобаста аз ин, функсияи мазкур дар робитаи бо дигар функсияҳо амалӣ мегардад. Масалан, ҷарима ва ё ҷубронсозӣ ба сазои муайян расонида, ӯро дар роҳи ҳуқуқриоянамоӣ тарбия менамоянд, ки чунин ҳолат боиси пешгирии содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳо дар оянда мегардад.

Бояд гуфт, ки пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар татбиқи принсипҳо ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсири калон мерасонад. Инчунин, пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ яке аз мақсадҳои он ба ҳисоб меравад. Агар инсон барои кирдори содиркардааш ба ҷавобгарӣ кашида нашавад, он гоҳ, аз як тараф, худи ӯ ба амали анҷомдодааш идома медиҳад, аз тарафи дигар ин ба атрофиён таъсири манфӣ мерасонад. Яъне, чунин ҳолат боиси содиршавии ҳуқуқвайронкунии нав мегардад. Аммо, шахс вақте барои кирдори содиркардааш ҷавобгар карда мешавад, ҳам худи ӯ минбаъд аз содир кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ даст мекашад, ҳам ин барои атрофиён дарси ибрат мешавад. Яъне, бешубҳа метавон гуфт, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи пешгирӣ мебошад.

### 2.7. Амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Ин аз он хотир аст, ки ҳар як функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳз баҳри тарбияи ҳуқуқвайронкунанда равона карда мешавад. Функсияи мазкур аз давраҳои пеш ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамроҳӣ намуда, ба яке аз функсияҳои марказии ҷавобгарии ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. Маҳз тавассути амалисозии функсияи мазкур мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда шуда, бо таҳдиди татбиқи ҷазо дар шуури шахс ҷой карда мешавад, ки кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ҳам барои давлату ҷомеа ва ҳам барои худи ӯ оқибатҳои зиёди манфиро ба вуҷуд меоварад.

Дар мавриди функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар сарчашмаҳо фикру мулоҳизаҳои мухталиф ҷой дорад. Аз ҷумла, Л.И. Петражиский ёдовар

шудааст, ки ҳуқуқ ба шахсият ва рӯҳи омма таъсири устувор ва пурқуввати тарбиявӣ дошта, рафтори аз ҷиҳати ҷамъиятии матлубро ба вуҷуд меорад ва ба рафтори зиддиҷамъиятӣ роҳ намедиҳад, яъне вай одатҳо ва майлу хоҳишҳоро бартараф намуда, унсурҳои ба ҳам мухолифи хислатро нест мекунад[311]. Е.В. Карманова дар хусуси функсияи тарбиявӣ чунин изҳор намудааст, ки функсияи тарбиявии ҷавобгарӣ, аввалан, дар иҷрои ихтиёрии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба зиммаи субъект гузошташуда, содир намудани кирдори қонунӣ ва дуюм, ҷалби «дигарон» ба ҷазо ва расонидани маълумот дар ин бора ба доираи васеи одамон, ки субъектро аз содир кардани ин гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ боз медорад (ё дилгарм мекунад), сеюм, дар тарбияи худи ҳуқуқвайронкунанда ифода меёбад[312]. Р.Л. Хачатуров бошад иброз медорад, ки фаъолияти самараноки ҷавобгарии ҳуқуқиро бидуни функсияи тарбиявии он тасаввур кардан ғайриимкон аст[313]. Д.Н. Кархалев бо зикри он, ки мақсади татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ дигаргунсозии ахлоқӣ ва равонии шуури ҳуқуқвайронкунанда мебошад[314], функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб менамояд. Функсияи тарбиявӣ дар таъсир расонидан ба ирода ва шуури субъектҳо тавассути ташаккули эътиқоди шахсӣ, муносибат ба амал ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин, зарурати дохилии риояи қонун ифода меёбад. Аммо А.А. Иванов[315] қайд мекунад, дар айни замон аз ҷониби давлат ба фаъолияти тарбиявӣ аҳаммияти нокифоя дода мешавад, ки ин аз таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда шаҳодат медиҳад, ки дар он қонунгузор ба масъалаи тарбияи шаҳрвандон танҳо ба таври ногаҳонӣ эътибор додааст.

Муҳаққиқони ватанӣ қайд менамоянд, ки асоси функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки ба шуур ва иродаи шаҳрвандон барои

---

[311] Ниг.: Петражицкий Л.И. Теория права и государства в связи с теорией нравственности. – СПб., 2000. – С. 146.
[312] Ниг.: Карманова Е.В. Воспитательная функция гражданско-правовой ответственности в аспекте юридической ответственности / Е.В. Карманова // ВУЗ. XXI век. – 2014. – №2. – С. 46.
[313] Ниг.: Хачатуров Р. Л. Антология юридической ответственности. – Самара, 2012. – С. 161.
[314] Ниг.: Кархалев Д.Н. Ответственность по гражданскому праву. – Уфа, 2001. – С. 14.
[315] Ниг.: Иванов А.А. О воспитательной функции юридической ответственности в современном российском обществе / А.А. Иванов // Вектор науки ТГУ. – 2012. – №3 (21). – С. 138-140.

эҷоди фазои риояи ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои психологӣ ва самтҳои арзишӣ, ки дар ин фазо ҷойгиранд, таъсир мерасонад. Функсияи тарбиявӣ ба рафтори қонунии шаҳрвандон, баланд бардоштани нуфузи қонун, талаб кардани эҳтиром ва эҳтироми қонун таъсир расонида, ғояҳои адолат, демократия, инсонпарварӣ, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои шахс, эътибори аз ҷониби умум эътирофшудаи конун дар низоми ҳуқуқӣ, дар айни замон ба баланд шудани фаъолияти ҳуқуқӣ ва сиёсии аҳолӣ ёрӣ мерасонад. Рафтори қонуншиносии шаҳрвандон, риояи Конститутсия ва қонунҳо натиҷаи таъсири андешамандона ва тадриҷан ба функсияи тарбиявии ҳуқуқ вобаста мебошанд[316]. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ташаккули одобу ахлоқ, фарҳанг, одат ва муносибат бевосита таъсири худро мерасонад. Агар самти иҷтимоии ҳуқуқ дар меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ ифода ёбад, онҳо метавонанд ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири воқеӣ расонанд, ҳол он ки зиддиятҳои қонун татбиқи онро душвор мегардонад, ваколати онро паст мекунад ва боиси хатогиҳо мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ функсияҳои ҳуқуқ ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо истифода аз усули таҳлили сохторӣ бомуваффақият омӯхта мешаванд, ки ба ҷузъҳои ҷудогона таҷзияи куллиро имкон медиҳад[317]. Дар баробари ин дар бораи шумораи унсурҳои сохтории функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар байни олимон ягонафикрӣ вуҷуд надорад. А.В. Катасонов ба сохтори функсияи пешгирикунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ инҳоро дохил мекунад: асосҳои расмӣ ва воқеӣ; усулҳои таъсир; натиҷаҳои таъсир; субъектҳои таъсир; объектҳои таъсир; муносибатхои ҳуқуқӣ[318]. Д.А. Липинский сохтори функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун объектҳои таъсиррасонӣ, асосҳои расмӣ, асосҳои воқеӣ, усулҳои амалӣ, натиҷаҳои

[316] Ниг.: Фарходзода В. Место воспитательной функции в системе функций юридической ответственности / В. Фарходзода // Государствоведение и права человека. – 2023. – № 3(31). – С. 94.
[317] Ниг.: Липинский Д.А. О понятии и методологии исследования юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – 2009. – № 1. – С. 77.
[318] Ниг.: Катаснов А.В. Превентивная функция юридической ответственности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2010. – С. 17.

таъсир (оқибатҳо) меноманд[319]. Чунин ба назар мерасад, ки Д.А. Липинский муносибатҳои ҳуқуқиро ба таври асоснок аз мазмуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хориҷ кардааст, зеро муносибатҳои ҳуқуқиро яке аз натиҷаҳои махсуси таъсири функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳисоб кардан мумкин аст, ғайр аз ин муносибатҳои ҳуқуқӣ маҳз дар натиҷаи таъсири ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ инкишоф меёбанд.

Аксари муҳаққиқон мавҷудияти функсияи тарбиявии ҳуқуқро ҳам дар умум дар ҳуқуқ ва ҳам дар ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври возеҳ эътироф мекунанд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи тарбиявии худро ҳам бо усулҳои боварибахш ва ҳам бо усулҳои маҷбуркунӣ иҷро мекунад. Нисбат ба шахсоне, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир намуда, доираи маънавию равонии онҳо вайрон карда мешавад, усулҳои маҷбуркунӣ истифода мешаванд. Ҳуқуқ ба рафтори субъектҳо ҳам тавассути меъёрҳо, институтҳо ва механизмҳои инфиродӣ (манъиятҳо, иҷозатҳо, татбиқи адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, ҷазо) ва ҳам ҳамчун омили мустақили ҳаёти маънавӣ таъсири тарбиявӣ мерасонад. Ба андешаи М.Г. Мелкумян, агар сохтори мантиқии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро ба назар гирем, пас он аз объектҳои таъсир; усулҳои таъсир; сабабҳои таъсир; натиҷаи таъсир ва субъектҳои таъсир иборат хоҳад буд[320]. Бояд қайд кард, ки функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд на танҳо бо истифода аз усули таҳлили сохторӣ, балки бо истифода аз таҳлили полиструктуравӣ низ омӯхта шавад, зеро функсияи тарбиявиро на як, балки бисёр сохторҳо тавсиф мекунанд. Зуҳуротҳои сохтории функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар айни замон зуҳуроти функсияи тарбиявии ҳуқуқ мебошанд, вале зуҳуроти охирин нисбат ба зуҳуроти функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ гуногунтар аст. Функсияи тарбиявии ҳуқуқ, илова бар ин, ташаккули ватандӯстии умумии шаҳрвандӣ, эҳтиром ба Ватан, дину мазҳабҳои гуногун ва ҷомеаи шаҳрвандиро фаро мегирад.

[319] Ниг.: Липинский Д.А. К вопросу о структуре института юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. – 2012. – №1. – С. 16.

[320] Ниг.: Мелкумян М.Г. К вопросу о структуре воспитательной функции юридической ответственности / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – №1 (16). – С. 126.

Баъзе олимон қайд мекунанд, ки функсияи тарбиявӣ форматсияи полиструктуравӣ мебошад, яъне, на як, балки якчанд сохтор дорад, ки аз рӯйи асосҳои гуногун фарқ кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, функсияи тарбиявӣ на худ аз худ, балки тавассути иҷрои функсияҳои тарбиявии намудҳои гуногуни соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Онҳо сохтори соҳавии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод мекунанд[321]. Мавриди зикр аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ як ҷузъи падидаи фарҳангии умумии ҳуқуқӣ мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз инъикоси арзишҳои инсонӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, динӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ амал мекунад. Функсияи тарбиявии ҳуқуқ аз функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳам дар шаклҳои зуҳур ва ҳам дар воситаҳои ҳуқуқие, ки дар татбиқи он иштирок мекунанд, васеътар аст.

Дар сохтори ҷавобгарии маданӣ низ чунин ҳолат мушоҳида карда мешавад, ки дар он ивазкунии ҷавобгарии шартномавӣ ва ғайришартномавиро (масъулияте, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меояд) ҷудо кардан мумкин аст. Ҳар як зеринституте, ки ба сохтори институти комплексии соҳавии ҷавобгари ҳуқуқӣ дохил мешавад, функсияи тарбиявиро иҷро мекунад. Ҳамин тариқ, дар сохтори соҳавии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ унсурҳои зерини сохторӣ мавҷуданд: функсияи тарбиявии институти соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ; функсияи тарбиявии зерниститути ҷавобгарии ҳуқуқӣ; функсияи тарбиявии меъёри ҷавобгарии ҳуқуқӣ[322]. Сатҳи соҳавӣ дар сохтори функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ягона нест. Ҳамин тариқ, институтҳои соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз маҷмуи ба ҳам алоқаманди меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ иборат буда, ҳар кадоми онҳо пешгирӣ намудани намуди муайяни ҳуқуқвайронкуниро таъмин мекунанд.

---

[321] Ниг.: Репетева О.Е. Гражданско-правовая ответственность за трудовые, семейные, экологические правонарушения / О.Е. Репетева // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Юридические науки. – 2010. – №1. – С.73-75; Лучков В.В. Юридическая ответственность в механизме правового регулирования: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2004. – С. 16.

[322] Ниг.: Липинский Д.А. К вопросу о структуре института юридической ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки Тольттинского государственного университета. – 2009. – №6. – С. 62.

Бояд тазаккур дод, ки функсияи тарбиявӣ бо мурури замон дар марҳилаҳо амалӣ карда мешавад, бинобар ин, метавон гуфт, ки сохтори муваққатии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Дар марҳилаҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи тарбиявӣ ба таври гуногунмазмун амалӣ карда мешавад[323]. Ба фикри мо, на танҳо аз ҷиҳати манфӣ (негативӣ) дида баромадани ҷавобгарӣ моҳияти функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро ошкор мекунад. Ба маънои васеъ, ҷавобгарии ҳуқуқиро на танҳо барои ҳуқуқвайронкуниҳо, балки барои наслҳои оянда низ маънидод кардан мумкин аст. Бо ба зиммаи худ гирифтани ҷавобгарӣ барои каси дигар ё ба каси дигар, шахс вобастагии ахлоқиро аз дигаре (объекти ҷавобгарӣ), хоҳ шахси дигар ё ҷомеаи инсонӣ, табиат ва фазо ва ғайра дарк мекунад. Ҷавобгарии ҳуқуқии мусбӣ (позитивӣ) бо функсия тарбиявӣ робитаи зич дорад. Рушди функсияи тарбиявӣ бо огоҳии субъект аз масъулиятҳо, мамнӯъиятҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки дар ниҳоят ба рафтори воқеии қонунии субъект табдил меёбад, ки баъдан аз ҷониби мақомоти ваколатдор баҳо дода мешавад. Дар баробари ин худи рафтори қонунӣ бояд натиҷаи функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста шавад.

Лаҳзаи ибтидоии амали функсияи тарбиявӣ бо эътибор пайдо кардани меъёри ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ки дар он дастурҳои арзишӣ муайян карда шудаанд. Ин дастурҳоро субъекти ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд дарк кунад ва нисбати онҳо муносибати муайяни равонӣ ташаккул ёбад. Дар натиҷаи дарки талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар субъект нисбат ба арзишҳое, ки дар меъёри ҳуқуқӣ ҷойгир шудаанд, ки дар доираи ирода ва шуури субъект мавҷуд аст, муносибати муайяни равонӣ ташаккул меёбад. Дар адабиёти равоншиносӣ мафҳуми «муносибат» ба ду тарз шарҳ дода мешавад: аз як тараф, муносибати ботинӣ; аз тарафи дигар – берунӣ. Табиист, ки одамон метавонанд ба объектҳои гуногун муносибати гуногун дошта бошанд. Он

[323] Ниг.: Мелкумян М.Г. К вопросу о структуре воспитательной функции юридической ответственности / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – №1 (16). – С. 127.

метавонад эҳтиром, манфӣ, мусбат, бепарво ва ғайра бошад. Умуман, агар шахс як амали мушаххаси қонунӣ содир кунад, пас метавон гуфт, ки ӯ ба манфиатҳои муайяни иҷтимоӣ ва одамони дигар муносибати мусбат дорад. Дар фаъолияти худ субъект муносибати худро объективӣ месозад.

Воситаҳои функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, мамнӯъиятҳо, уҳдадориҳои мусбат, ҷазо, меъёрҳои ҳуқуқии инфиродӣ ва тамоми институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар баробари дигар воситаҳои ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҳам шахс ва ҳам дар тамоми ҷомеа иштирок мекунад[324]. Самтҳои асосии таъсири тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз инҳо иборатанд: ташаккули қолабҳои аз ҷониби ҷомеа тасдиқшудаи рафтор; ташаккули таҳаммулнопазирӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунӣ; аз шуури ҳуқуқвайронкунандагон ва шахсони дигар хориҷ кардани қолабҳои манфии рафтор; ташаккули эҳтиром ба ҳуқуқҳои инсон, манфиатҳои ҷамъият ва давлат.

Ҳамин тариқ, ин марҳилаи инкишофи функсияи тарбиявӣ бо огоҳии субъект аз масъулиятҳо, мамнуъиятҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки дар ниҳоят ба рафтори воқеии қонунии субъект табдил ёфта, баъдан аз ҷониби мақомоти ваколатдор баҳо дода мешавад. Дар баробари ин, худи рафтори қонунӣ бояд натиҷаи функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста шавад.

Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба ҷавобгарии соҳавии ҳуқуқӣ хусусияту мазмуни дигарро касб менамояд. Аз ҷумла, дар ҷавобгарии ҷиноятӣ функсияи тарбиявӣ бештар ба назар мерасад. Ба андешаи У.А. Азиззода ҷазо ҳама вақт ҳамчун воситаи самараноки мубориза бо ҷинояткорӣ баррасӣ карда мешуд, ки дар давраҳои мухталиф пайгири мақсадҳои гуногун, ба монанди тарсонидан, ислоҳ кардан ва тарбия намудан мебошад[325]. Ба андешаи С. Боронбеков тарбия ва ислоҳ намудан дар ҳама

---

[324] Ниг.: Липинский Д.А. Соотношение функций права и функций юридической ответственности / Д.А. Липинский // Правоведение. – 2004. – №3. – С. 155.

[325] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 4.

ҳолатҳо, новобаста шакли ҷиноят, имкон дорад[326]. И.Д. Перлов аз нав тарбиянамоӣ ва ислоҳи шахсони маҳкумшударо яке аз ҷузъҳои таркибии мафҳуми умумии ислоҳ медонист. Аз назари ин муаллиф натиҷаи ислоҳ бояд ба истисно гардидани имкони такроран даст ба ҷиноят задани шахси маҳкумшуда анҷомад. Аммо натиҷаи ниҳоии азнавтарбиянамоӣ аз нигоҳи И.Д. Перлов бояд боиси пурра дигаргун шудани ҷаҳонбинӣ ва биниши шахсони маҳкумшуда гардад[327]. Дар робита ба ин мавзуъ И.С. Ной низ изҳори назар намудааст. Ба эътиқоди ин муаллиф, ислоҳи ҳуқуқӣ ва ислоҳи ахлоқӣ ду мафҳуми аз ҳам ҷудо мебошанд. Аз нигоҳи И.С. Ной ислоҳи ахлоқии шахсони маҳкумшуда аз лиҳози мазмуну мафҳум бо мафҳуми «азнавтарбиянамоӣ» (перевоспитание) айният дорад[328]. Умуман мафҳумҳои ислоҳ ва тарбия бо ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд. Аз ин ҷост, ки ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ислоҳи шахси ҷавобгар маҳз тарбияи ӯро дар назар дорад. Яъне, татбиқи ҳадафи мазкури ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияи тарбиявӣ вобаста мебошад.

Истифода набурдани мафҳуми тарбия дар қонунгузории ҷиноятӣ худ аз худ маънои онро надорад, ки қонунгузории ҷиноятӣ функсияи тарбиявӣ надорад. Қонунгузории ҷиноятӣ ҳукми манфӣ дар бораи ҷиноятҳоро ифода мекунад, ки он ба арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшуда бо роҳи муқаррар намудани ҷинояткорӣ ва татбиқи ҷазо барои кирдорҳое, ки ба чунин арзишҳо таҳдид мекунанд, нигаронида шудаанд. Маҳз дар ин ҷо таъсири функсияи тарбиявӣ ба назар мерасад[329] Функсияи тарбиявии ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла, дар тадбирҳои зерин амалӣ мегардад: таъсири пешгирикунандаи ҷиноятӣ (ихтиёран рад кардан ва ғ.); таъсири пешгирикунандаи ҷиноятӣ (мутобиқшавӣ); таъсири ҷиноятӣ - барқароркунанда (ҷуброни зарар, тавбаи фаъол ва ғ.); таъсири ислоҳии ҷиноятӣ (аз нуқтаи назари санҷиш); таъмини

[326] Ниг.: Боронбеков С. Шариат: его место и роль в формировании климата доверия, толерантного сознания и борьбе с экстремизмом в российском обществе. – Рязань, 2004. – С. 110.
[327] Ниг.: Перлов И.Д. Исполнение приговора в советском уголовном процессе. – М., 1963. – С. 120.
[328] Ниг.: Ной И.С. Сущность и функции уголовного наказания в Советском государстве. – Саратов, 1973. – С. 234.
[329] Ниг.: Кленова Т.В. Об обусловленности и взаимосвязи охранительной и воспитательной функций уголовного права / Т.В. Кленова // Право. Законодательство. Личность. – 2015. – №1 (20). – С. 118-122.

иҷрои ҷавобгарии ҷиноятӣ (тахассусӣ, истирдод); сафедкунӣ (авф ва ғ.)[330]. Дар баробари ин, тадбирҳои пешгирии ҷиноятҳо, чун қоида, бо таъқиби ҷиноятӣ алоқаманд нестанд ва аз таъсири тарбиявӣ ё маъмурӣ ба ҳуқуқвайронкуниҳои эҳтимолӣ иборатанд. Яъне аҳаммияти пешгирии қонуни ҷиноятӣ дар пешгирӣ бо истифода аз таъсири тарбиявӣ мебошад. Ҷазоҳои ҷиноятие, ки ба интизориҳои ҷамъият мувофиқанд, ба баланд шудани нуфузи мақомотҳои давлатӣ ва дар байни шаҳрвандон эҳтироми қонун парваридан мусоидат мекунанд. Самаранокии қонуни ҷиноятӣ тавассути маҷбуркунии давлатӣ ба даст оварда мешавад, ки инчунин, ба тарбияи шаҳрвандон нигаронида шудааст.

Бо ин қонунгузор баррасии мақсади мазкурро ҳангоми муҳокимаи муқаррароти КҶ ҶТ (соли 1998) истисно намуд. Чунин икдом аз сӯйи муаллифони соҳаи назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, сарфи назар аз тафсири гуногуни онҳо, ба таври умумӣ пазируфта шудааст (дар солҳои 90 асри гузашта азнавтарбиянамоӣ ё тарбияи дубора бештар на ҳамчун мафҳуми педагогӣ, балки ҳаммаънои мафҳуми ҳуқуқии аз ҷиҳати мазмун ба мафҳуми ислоҳи маҳкумшуда арзёбӣ мешуд)[331].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ як қатор таърифҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой дорад, ки ҳамзамон, функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода мекунад. Як қатор олимон таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба роҳ монда, функсияи тарбиявиро низ таъкид кардаанд. Масалан, А.А. Иванов функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҷаримавӣ ва сазодиҳӣ, ислоҳӣ ва тарбияи шахс, ҳуқуқбарқароркунӣ ва огоҳсозӣ ҷудо мекунад. В.Д. Перевалов, бошад функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба ҷаримавӣ-сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ, огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизатӣ ва танзимӣ ҷудо мекунад. С.С. Алексеев, А.И. Петилин, П.А. Варул ва А.А. Собчак бошанд, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба сазодиҳӣ ва

---

[330] Ниг.: Трунцевский Ю.В. Воспитательная функция уголовного права в корпоративной сфере / Ю.В. Трунцевский // Высшее образование для XXI века: проблемы воспитания: XIV Международная научная конференция: в 2-х частях (г. Москва, 14-16 декабря 2017 года). Том Часть 1. – Москва, 2017. – С. 419.

[331] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов Д.С., Алиев И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.Х. Зокирзода, Д.С. Муқимов, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №6. – С. 218-225.

ҳуқуқбарқароркунӣ ҷудо намуда, функсияи тарбиявиро зикр накардаанд. М.П. Трофимова бошад, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба умумӣ ва махсус ҷудо карда, функсияи тарбиявиро ба функсияҳои махсус шомил кардааст.

Р.Ш. Шарофзода зимни таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин менигорад: «Функсияи тарбиявӣ, ки бо мақсади ислоҳи ҳуқуқвайронкунанда, тарбияи онҳо, инчунин, тарбияи ҳуқуқии дигарон ба сомон мерасад»[332]. Ба андешаи А.З. Куканов функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро вобаста ба он ки онҳо дар доираи кадом функсияҳои ҳуқуқ иҷро мешавад, ба гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст[333]. Масалан, функсияи сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ ва огоҳсозӣ дар доираи функсияи муҳофизатӣ амалӣ мегардад. Функсияи тарбиявӣ бошад, дар доираи танзими таъсиррасонии ҳуқуқ иҷро мешавад. Илова бар ин, он функсияҳое, ки қайд гардиданд, ҳатман, инъикоси худро дар намуди алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ меёбанд.

Ба андешаи В.В. Сорокин ҷавобгарии ҳуқуқиро дар мақсадҳои тарсонидан ва ҷазо додани ҷинояткор баррасӣ кардан беманфиат буда, бояд ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун воситаи тарбияи танзими дохилии рафтори инсон баррасӣ кард. Дар ҳоле, ки барои давлат иҷрои функсияи тарсонидани ҷинояткор муҳим аст, барои ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, аз ҳама бештар функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ муҳимтар мебошад[334]. Ба ақидаи Д.А. Липинский фаъолияти пурсамари ҷавобгарии ҳуқуқиро бе функсияи тарбиявии он тасаввур кардан мумкин нест[335].

Д.Н. Кархалев мақсади татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дигаргунсозии ахлоқӣ ва равонии шуури ҷинояткор дониста[336], ба функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Р.Л. Хачатуров чунин мешуморад, ки қонунгузор аз чунин мақсад, монанди аз нав тарбия кардан даст кашидааст, амалияи таъсиррасонӣ ба маҳкумшудагон

---

[332] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2018. – С. 690.
[333] Ниг.: Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / А.З. Куканов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 46.
[334] Ниг.: Сорокин В.В. Цель и функции юридической ответственности / В.В. Сорокин // Law Enforcement Review. – 2018. – Vol. 2. – №1. – С. 28.
[335] Ниг.: Хачатуров Р.Л. Антология юридической ответственности. – Самара: Ас Гард, 2012. – С. 161.
[336] Ниг.: Кархалев Д.Н. Отвественность по гражданскому праву. – Уфа, 2001. – С. 14.

шаҳодат медиҳад, ки ин мақсад воқеӣ нест. Мақсадҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зикргардида бояд воқеӣ бошанд, на эъломиявӣ[337]. А.А. Иванов низ функсияи тарбиявиро мақсади асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста, қайд менамояд, ки он дар раванди ҷавобгарии интизомӣ низ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мегардад, барои мисол қонунгузории соҳаи маориф. Новобаста ба ин, функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷомеа амалӣ карда мешавад ва барои баланд бардоштани он чораҳо зарур мебошанд[338].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷавобгариҳо ба «ҷавобгарии конститутсионӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, молиявӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, меҳнатӣ (интизомӣ ва моддӣ), ҷавобгарии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ҷудо карда мешаванд[339]. Ин шаклҳои соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро иҷро мекунанд. Ҳамин тариқ, дар сохтори соҳавии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ унсурҳои зерини сохтор сохта мешаванд: функсияи тарбиявии институти соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ; функсияи тарбиявии зеринституги ҷавобгарии ҳуқуқӣ; функсияи тарбиявии меъёрии ҷавобгарии ҳуқуқӣ[340]. Мутобиқан, дар сохтори функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи тарбиявии ҷавобгарӣ (аз ҷониби соҳаҳои ҳуқуқи моддӣ амалӣ карда мешавад) ва функсияи тарбиявии ҷавобгарии мурофиавӣ муайян кардан мумкин аст[341].

Лаҳзаи ибтидоии амали функсияи тарбиявӣ, пеш аз ҳама, ба эътибор пайдо кардани волоияти қонун алоқаманд аст, ки дар он самтҳои муайяни арзишӣ ташаккул меёбанд. Ин дастурҳо бояд аз ҷониби субъекти ҷавобгарии ҳуқуқӣ эътироф ва нисбати онҳо муносибати муайяни равонӣ ташаккул дода шавад. Дар натиҷаи дарки талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар субъект муносибати муайяни равонӣ ба арзишҳое ташаккул меёбад, ки дар меъёри ҳуқуқӣ ҷойгир шудаанд, ки дар доираи ирода ва шуури субъект мавҷуд аст.

---

[337] Ниг.: Хачатуров Р.Л., Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности. – СПб.: Пресс, 2007. – С. 395.

[338] Ниг.: Иванов А.А. О воспитательной функции юридической ответственности в современном российском обществе / А.А. Иванов // Вектор науки ТГУ. – 2012. – №3 (21). – С. 138-140.

[339] Ниг.: Липинский Д.А. Об уголовно-процессуальной ответственности / Д.А. Липинский // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – 2010. – №3. – С. 264.

[340] Ниг.: Липинский Д.А. Асари зикршуда. – С. 62-67.

[341] Ниг.: Мелкумян М.Г. К вопросу о структуре воспитательной функции юридической ответственности / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – №1 (16). – С. 127.

Ҳамин тариқ, ин марҳилаи инкишофи функсияи тарбиявӣ бо огоҳии субъект аз вазифаҳо, мамнуиятҳо, арзишҳои иҷтимоӣ алоқаманд буда, дар ниҳояти кор ба рафтори воқеии қонунии субъект табдил меёбад ва баъдан аз ҷониби мақомоти ваколатдор баҳо дода мешавад. Дар баробари ин, худи рафтори қонунӣ бояд натиҷаи функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста шавад.

Функсияи тарбиявӣ асосан дар шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи тарбиявӣ дар он ифода меёбад, ки шахс таҳдиди татбиқи ҷазоро дар қонунгузорӣ фаҳмида, ба таври ихтиёрӣ аз содир кардани рафторҳои зиддиҳуқуқӣ даст мекашад. Ӯ дар шуури худ дарк менамояд, ки ҳангоми содир кардани кирдори муайяни зиддиҳуқуқӣ гирифтори оқибатҳои вазнин хоҳад шуд. Дар ин ҳолат функсияи тарбиявии ҷавобгарӣ дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Шакли маҷбурии амалисозии функсияи тарбиявӣ бошад, муайянкунандаи он аст, ки ҳангоми ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқ намудани ҷавобгарии муайян ӯ оқибати кирдори содиркардаашро дарк намуда, пушаймон мешавад ва минбаъд аз содир кардани чунин кирдорҳо худдорӣ менамояд. Дар ин сурат функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли маҷбурӣ амалӣ мегардад. Бо ин назардошт, гуфтан мумкин аст, ки функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ду шакл: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад.

Функсияи тарбиявӣ дар ҳуқуқи маданӣ, пеш аз ҳама, дар шакли ихтиёрӣ амалӣ мешавад: дар шакли ба шахсе, ки муносибатҳои ҳуқуқии маданиро вайрон кардааст, масалан, шартномаи хариду фурӯш, имконияти интихоби амали оқилона ва одилона дар вазъияти ҳозира. Ин барои муносибати софдилона ба иҷрои ӯҳдадорӣ шароит фароҳам меоварад. Функсияи тарбиявӣ, пеш аз ҳама, шакли ихтиёрӣ дошта, дар ҳолатҳои вайрон кардани муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ низ унсурҳои шакли маҷбуриро пайдо мекунад. Шакли маҷбурии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дар ҳолатҳои вайрон кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ ба шакли ихтиёрии он мегузарад. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии конститутсионӣ дорои проблемаҳои ҷиддӣ мебошад.

Моҳияти аслии он иборат бо роҳи иҷрои софдилона ва одилонаи уҳдадориҳои ба зиммадошта аз сӯи раҳбарони давлативу сиёсӣ, бо мақсади парвариш ва ташаккули муносибати мусбат дар шаҳрвандон нисбат ба давлат ва эҳсоси масъулиятпазирӣ дар баробари иҷрои уҳдадориҳо мебошад.

Функсияи тарбиявӣ на танҳо муҳим, балки бо ҳамроҳии функсияи мақсадҳои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шакли маҷбурӣ амалӣ мегардад. Тибқи қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ яке аз мақсадҳои ҷазо ислоҳи маҳкумшуда мебошад. Мақсади он безарар гардонидани ақида ва одатҳои ғайриҷамъиятии маҳкумшуда, ки таҳти таъсири онҳо ҷиноят содир намудааст, ҳамчунин, ташаккул ва парвариши муносибати эҳтиромона дар шахс нисбат ба риояву волоияти қонун, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони дигар ва меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад.

Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо тамоми функсияҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд аст, зеро функсияи сазодиҳӣ, пешгирӣ, ҳуқуқбарқароркуниро бе мавҷудияти функсияи тарбиявӣ тасаввур кардан мумкин нест. Ҳамаи унсурҳои мазмуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ-уҳдадорӣ оид ба рафтори ҳуқуқӣ, рафтори қонунӣ, ҳавасмандгардонӣ, уҳдадорӣ оид ба оқибатҳои номатлуб дучор шудан, маҳкум кардан, дучори оқибатҳои номатлуб шудан дорои таъсири тарбиявӣ мебошанд. Дар ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ функсияи тарбиявӣ барои ислоҳи шахсият ва сабук кардани потенсиал (иқтидор)-и функсияи сазодиҳӣ пешбинӣ шудааст.

Як қатор муҳаққиқон қайд мекунанд, ки ба самаранокии таъсири тарбиявӣ омилҳои гуногуни иҷтимоии берунӣ, аз қабили шароити нигоҳдорӣ дар муассисаи ислоҳӣ таъсири калон мерасонад. Аксарияти маҳкумшудагон аз шароити нигоҳдорӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ норозӣ ҳастанд. Дар натиҷа, шароити ғайриқаноатбахши нигоҳдорӣ дар муассисаи ислоҳӣ танҳо боиси хашму ғазаби маҳкумшудагон мегардад ва онҳо хашмро ба омилҳое марбут медонанд, ки дар оянда онҳоро ба ҷинояти нав водор мекунанд. Маҳз мавҷудияти ҳолати мазкур сабаб мешавад, ки ҷазо аз мақсади ислоҳнамоии худ берун барояд.

Функсияи тарбиявӣ дар татбиқи ҷавобгари маданӣ низ таъсргузор мебошад. Функсияҳои ҷавобгарии маданӣ асосан аз рӯйи предмет ва функсияҳои қонунгузории маданӣ дар маҷмуъ муайян карда мешаванд. В.А. Рибаков функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқии маданиро ҳамчун таъсири меъёрҳои ҳуқуқии маданӣ ба муносибатхои молумулкӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманди шахсии ғайримолумулкӣ дар самтҳои ҷудогона муайян менамояд, ки бо шакли молу пул ва функсияҳои давлат муайян карда мешаванд[342]. Умуман, функсияҳои ҷавобгарии маданӣ аз муқаррар намудани муносибатҳои муътадили иқтисодӣ ва моликияти байни субъектҳо вобаста аст, бинобар ин, онҳо бештар хусусияти танзимкунанда ва камтар ҳифзкунанда доранд.

Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ дар қонунгузории мадании кишвар бевосита ишора нашудааст. Дар асоси таҳлили функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва қонунгузории маданӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки функсияи тарбиявии ҷавобгарии маданӣ ба таври зайл ифода ёфтааст:

1) ҳангоми муқаррар намудани меъёрҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо ё расонидани зарар (ҷарима, ҷуброни зарари маънавӣ ва ғайра), шинос намудани субъектҳо бо ин меъёрҳо дар шуури онҳо эҳтиром ба манфиати дигаронро бедор мекунад;

2) ҳангоми ба ҳуқуқвайронкунанда додани ҳуқуқи мустақилона татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарӣ (пардохти фоизҳои пешбининамудаи шартнома, ҷуброни зарари расонидашуда ва ғайра);

3) ҳангоми ба ҷавобгарии оммавӣ кашидани ҳуқуқвайронкунанда (қабули қарори суд ва интишори он дар воситаҳои ахбори омма ва дар системаҳои маълумотҳои ҳуқуқӣ, иштироки «тамошобинон» дар мурофиа ва ғайра);

---

[342] Ниг.: Рыбаков В.А. О функциях гражданско-правового регулирования / В.А. Рыбаков // Юрист. – 2009. – №1. – С. 19.

4) дар вазъияти ҳуқуқвайронкунанда, ки оқибатҳои номатлуби ҳуқуқвайронкуниро паси сар кардааст (аз молу мулк, азоби маънавӣ ва ғайра)[343].

Ҳамин тариқ, функсияи тарбиявии ҷавобгарии маданӣ ҷузъи функсияи тарбиявии ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар маҷмуъ буда, дар ҳоле ки он хусусиятҳои предмет ва вазифаҳои ҳуқуқи маданиро инъикос менамояд.

Алоқамандии функсияи тарбиявиро бо дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барьало мушоҳида кардан мумкин аст. Мутобиқати функсияи сазодиҳӣ ба меъёрҳои қонуният барои амалисозии самараноки функсияи тарбиявӣ замина фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст, ки функсияи тарбиявӣ дар ҳама шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар татбиқи ҷазо, ҳолатҳои сабуккунанда, вазнинкунанда ва дигар чораҳои хусусияти тарбиявидошта ифода мегардад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маданӣ дар иҷрои ухдадориҳои тарафайн бештари маврид дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маъмурӣ дар татбиқи ҷазои маъмурӣ ифода меёбад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии интизомӣ дар санадҳои муассисавӣ бештар инъикос гардида, дар амалигардонии муносибатҳои интизомӣ ифода мегардад. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли рафтори қонунӣ зоҳир мегардад, ки ба ислоҳи маҳкумшуда, барқарор намудани муносибатҳои иҷтимоии вайроншуда нигаронида шудааст.

[343] Ниг.: Карманова Е.В. Воспитательная функция гражданско-правовой ответственности в аспекте юридической ответственности / Е.В. Карманова // ВУЗ. XXI век. – 2014. – №2. – С. 47.

# ХУЛОСА

Дар асоси омӯзишу таҳқиқи паҳлуҳои назариявӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо мувофиқи қонунгузории ҶТ чунин хулосаҳои илмӣ ба даст омаданд:

1. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки масъалаи мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба таври зарурӣ таҳлил карда нашудааст. Бинобар ин, масъалаи мафҳум, моҳият, хусусиятҳо ва намудҳои он ба таҳқиқоти ҷудогонаи комплексӣ ниёз дорад. Зимни баррасии масъалаи мазкур чунин хулосабарорӣ карда шуд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳри таъсир расонидан ба рафтори субъектон ва муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар як маврид татбиқи ҷавобгарии муайяни ҳуқуқиро ифода мекунад. Мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ аз амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобастагии калон дошта, дар ин раванд онҳо ба самаранокии татбиқ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Аз мафҳумҳои додашуда дар адабиёти ҳуқуқӣ низ бармеояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҳолатҳои таъсиррасонӣ ба шуури субъектони ҳуқуқ иборат буда, чунин таъсирот метавонад пеш аз содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва ё пас аз содир кардани он ба вуҷуд ояд. Бо ин назардошт, изҳор доштан мумкин аст, ки масъалаи таҳқиқи мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва амалияи қонунгузории кишвар аҳаммияти калонро соҳиб мебошад [2-М]; [12-М]; [13-М]; [14-М].

2. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин таъсиргузории мустақим ва ғайримустақими ҳуқуқӣ ба шахсест, ки дорои ҷавобгарӣ мебошад. Худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар натиҷаи зарурати таъсиргузорӣ ба миён меояд ва он методҳои татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд. Хусусиятҳои муҳими функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инҳоянд: 1) функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самти таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати татбиқи он мебошад, ки аз зарурати мавҷудият ва татбиқи мақсадҳои

ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд; 2) функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусиятҳои муҳимтарин ва асосии ҷавобгариро ифода намуда, аз табиати он бармеоянд ва ба татбиқи мақсадҳои асосии он нигаронида шудаанд.

3. Аз таснифоти функсияҳои ҷавобгарии хуқуқӣ бармеояд, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ таснифоти мухталиф ҷой дорад. Зимни таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин маҳакҳои асосӣ ба инобат гирифта шудаанд: мақсади ҷавобгарӣ, принсипҳои ҷавобгарӣ, намудҳои ҷавобгарӣ ва ғайра. Агар мо маҳакҳои мазкур ва хусусиятҳои баъзе аз намудҳои ҷавобгариро таҳлил намоем, он гоҳ чунин функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод кардан мумкин аст: функсияҳои сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, ҷубронсозӣ, пешгирӣ, тарбиявӣ. Албатта, дар адабиёти ҳуқуқӣ дигар намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушоҳида мегарданд, вале дар миёни онҳо функсияҳои номбурда мавқеи хоссаро соҳиб буда, ҳамчун функсияҳои умумиэътирофшуда маҳсуб меёбанд. Функсияҳои мазкур дар андоза ва шаклҳои муайян дар тамоми намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасанд. Ҳар як функсияи номбурда ба таҳлили ҷудогона ниёз дошта, ба намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобастагӣ доранд.

4. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бе шаклҳои дахлдори ҳуқуқӣ ғайриимкон мебошад. Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ гуфта, он тарзу воситаҳои татбиқи ҳуқуқ фаҳмида мешаванд, ки тавассути онҳо функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешаванд. Дар адабиёт дар ин хусус андешаҳои мухталиф ҷой дорад, вале ба андешаи мо шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ метавонад тарзу воситаҳои гуногун дошта бошанд. Аз қабили эътироф намудан, риоя кардан, истифода бурдан, татбиқ намудан, иҷрои кардан ва ғайра. Ҳамаи тарзу воситаҳои номбурдаро дар умум ба ду гурӯҳи калон тақсим намудан мумкин аст: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ. Функсияҳои ҷавобгарӣ аксаран тавассути маҳз ҳамин ду шакл амалӣ карда мешаванд [7-М]; [19-М].

5. Шакли ихтиёрию маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии

ҳуқуқӣ нисбат ба функсияҳои сазодиҳӣ, ҷубронсозӣ, ҷаримавӣ, пешгирӣ ва тарбиявӣ паҳн мегардад. Ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе аз баҳсҳо ҷой дошта бошанд ҳам, вале мо ба он андешаем, ки ҳар як функсияи зикршуда ҳам дар шакли ихтиёрӣ ва ҳам дар шакли маҷбурӣ амалӣ карда мешаванд. Албатта, дар ин ҷо махсусан функсияи ҷаримавӣ каме баҳснок ба назар мерасад. Зеро, ҳангоми татбиқи ҷарима аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуқуқвайронкунанда ихтиёри рад кардани он ва интихоби намуди дигари ҷазоро надорад. Яъне, маҷбуран бояд ҳукми баровардашударо иҷро намояд ва ин шакли маҷбурии амалисозии функсияи ҷаримавӣ ба ҳисоб меравад. Шакли ихтиёрии татбиқи функсияи мазкур дар он ифода мегардад, ки ҳуқуқвайронкунанда метавонад ҳукми баровардашударо бе маҷбурияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таври ихтиёрӣ иҷро намояд, аз ҷумла оқибатҳои манфии ба ҷабрдида расонидашударо ихтиёран бартараф намояд [8-М].

6. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ гардонида мешавад. Новобаста аз он ки шакли маҷбурии амалисозии функсияи мазкурро бисёре аз олимон ҷонибдорӣ мекунанд, вале бояд дар ин хусус қайд намуд, ки таъсири сазо аз хусусиятҳои шахсию психологии фарди муайян вобастагӣ дорад. Татбиқ кардани ҷазои дахлдор ҳанӯз маънои онро надорад, ки ба ҳуқуқвайронкунанда он сазои муайян мерасонад. Зеро, он аз қувваи иродаю тарзи қабулнамоии худи шахс вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, ҳар ду шаклҳои амалигардонии ҷавобгарӣ барои функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос мебошад. Ҳамзамон, илова кардан лозим аст, ки зимни таъини ҷазои дахлдор бояд дараҷаи сазои тахминии он ба вазъи равонию зиндагии шахс бояд мувофиқа карда шавад [9-М].

7. Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи махсусе мебошад, ки он функсияи ҷаримавӣ ном дорад. Махсус будани чунин функсия ифодакунандаи он аст, ки мисли баъзе функсияҳои дигар дар ҳама намудҳои ҷавобгарӣ мавҷуд намебошад. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар чунин функсия бештар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ

ба назар мерасад. Дар ҷавобгарии маданӣ бошад, танҳо дар шакли ноустуворона иҷро намудани уҳдадориҳо дар намуди ҷарима функсияи ҷаримавӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи мазкур новобаста аз хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ буданаш ҳам дар шакли ихтиёрӣ ва ҳам дар шакли маҷбурӣ татбиқ карда мешавад. Албатта, бе татбиқи ҳукми суд ҳуқуқвайронкунанда наметавонад худ аз худ ба таври ихтиёрӣ ба давлат ҷаримаи муайян супорад. Аммо, ҷаримаи таъиннамудаи судро метавонад ихтиёран дар муҳлати муқарраршуда ва ё қабл аз он бурда супорад, ки ин шакли ихтиёрии амалисозии функсияи ҷаримавиро ифода мекунад [6-М].

8. Таҳқиқот нишон дод, ки функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз функсияҳои асосӣ қариб хоси тамоми намудҳои алоҳидаи ҷавобгарӣ мебошад. Функсияи мазкур, ҳам дар шакли ихтиёрӣ ва ҳам дар шакли маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Аз таҳлили масъала бармеояд, ки функсияи ҷубронсозӣ, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи кишвар, бештар, дар намуди ҷавобгарии маданӣ ба назар мерасад. Аммо, амалия самаранокии амалисозии функсияи мазкурро дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ нишон медиҳад. Функсияи мазкур ҳангоми ба миён омадани зарар амалӣ карда мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ду усули ҷуброни зарар ба таври анъанавӣ фарқ карда мешаванд: 1) дар шакли аслӣ (ҷуброн дар шакли аслӣ) – дар рафъи зарар ба амвол, пешниҳоди амволи ба он баробар ва ғ.; 2) дар муайянкунандаҳои арзишӣ (ҷуброни пулӣ) [4-М]; [15-М]; [16-М]; [17-М].

9. Аз таҳлили мавзуъ ба мо маълум гардид, ки барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ зарур ва муҳим аст, ки на бо шахси ҷиноятсодирнамуда, балки бо сабабу шароити мусоидаткунанда мубориза барем. Дар ин замина гуфтан мумкин аст, ки «пешгирии ҷинояткорӣ аз ислоҳи шахси ҷинояткор беҳтар аст!». Яъне, мо бояд тамоми кӯшиши худро на баҳри ислоҳи шахсони ҷинояткор, балки баҳри пешгирии содири ҷиноятҳои нав равона созем. Зеро, пешгирии ҷинояткорӣ бисёре аз оқибатҳои вазнинро бартараф мекунад, вале ислоҳи шахси ҷинояткорро наметавонад. Масалан, ҷинояткоре, ки ҷинояти одамкушӣ содир кардааст, ислоҳи вай дар маҳбас кам оқибатҳоро бартараф

хоҳад кард. Махсусан, шахси кушташударо баргардонида, ба оилаи ҷабрдида ҳолати пешинаро барқарор карда наметавонад. Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷинояткорӣ оқибатҳои бисёр вазнинро ба бор меоварад, бинобар ин, самти қонунгузориро на бояд ба ҷазо додану ислоҳкунӣ, балки ба пешгирии ҷинояткорӣ бояд равона созем. Пешгирии ҷинояткорӣ заҳмати оммавиро талаб карда, дар он тамоми қишрҳои ҷомеа бояд саҳмгузор бошанд. Махсусан, соҳаи маориф, соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигарон [5-М].

10. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияи тарбиявии ҳуқуқ бармеояд ва бо дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқамандии зич дорад. Амалан ҳама намудҳои ҷавобгарӣ таъсири тарбиявӣ доранд. Функсияи тарбиявӣ ҳам дар шакли ихтиёрӣ ва ҳам дар шакли маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Дар шакли маҷбурӣ он ҳангоми татбиқи ҷавобгарии муайян ва ё татбиқи чораҳои дорои хусусияти тарбиявидошта амалӣ мегардад. Дар шакли ихтиёрӣ бошад, шахс ҳанӯз қабл аз содир намудани кирдори зиддиҳуқуқӣ ихтиёран ҳуқуқу озодиҳои дигаронро эҳтиром ва риоя намуда, меъёрҳои ҳуқуқиро вайрон намекунад. Ҳангоми татбиқи намуди муайяни ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунанда метавонад аз кирдори кардааш пушаймон шуда, дарси ибрат гирад ва дигар ба чунин кирдорҳо даст назанад. Яъне, аз ҷавобгарии татбиқшуда гирифтани дарси ибрат ба таври ихтиёрӣ сурат мегирад. Зеро, ҷазоҳои таъиншуда на ҳар касро аз роҳи бад гардонида метавонанд. Далели ин бошад, ҷинояткорони ретсидив мебошад.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ таклифҳо ва тавсияҳои илмию амалии зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани адолати судӣ, осон кардани кори субъектони мурофиаи судӣ, татбиқи амиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории кишвар беҳтар мебуд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар баробари мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳамзамон, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ муқаррар карда шавад.

2. Дар қонунгузории маъмурӣ дар қатори принсипҳо ва асоси ҷавобгарии маъмурӣ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда нашудааст. Хуб мебуд, ки дар м. 22[1] КҲМ ҶТ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ нишон дода шавад.

3. Бо мақсади ҷалби тамоми субъектон дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, ки «Стратегия пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон» қабул карда шавад.

4. Бо далели он ки ҷазо хусусияти сазодиҳӣ дошта, ба шуур ва рафтори инсон таъсир мерасонад, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ сазодиҳӣ ҳамчун унсури мақсади ҷазо илова карда шавад.

5. Истифодаи ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ қобили қабул мебошад. Аммо, дар ҳуқуқи меҳнатӣ истифодаи мафҳуми «ҷазо» дуруст ба назар намерасад. Зеро ҷазо хоси муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ буда, дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бештар огоҳию уҳдадориҳо ва иҷрои вазифаҳо меистанд. Дар моддаи 62 Кодекси меҳнати ҶТ истилоҳи «ҷазои интизомӣ» истифода шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 62 Кодекси меҳнати ҶТ истилоҳи «ҷазои интизомӣ» ба «муҷозоти интизомӣ» иваз карда шавад.

6. Бо асос гирифтани он ки мафҳуми ҷуброн, товон, талофӣ, зарар, зиён, хисорот дар қонунгузорӣ ба таври омехта муқаррар шудааст, беҳтар мешуморем, ки дар қонунгузории соҳавӣ ягонакунии мафҳумҳои ҳуқуқии

мазкур ба роҳ монда шавад [4-М]; [17-М].

7. Дар м.м. 14, 15 КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зиён» истифода шудааст. Дар м.м. 1117, 1195 , 1197, 1208, 1210-1221, 1223 КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зарар» истифода шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар КМ ҶТ истилоҳоти «ҷуброни зиён» ба «ҷуброни зарар» иваз карда шавад.

8. Бо далели он ки дилхоҳ ҷиноят ба ҷабрдида зарар мерасонад, беҳтар мебуд, ки ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ на танҳо ба манфиати давлат, балки ба манфиати ҷабрдида низ равона карда шавад. Дар ин асос пешниҳод мегардад, ки дар санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар шакли 70/30 (яъне, 70% ҷарима ба манфиати давлат ва 30% он ба манфиати ҷабрдида ситонида шавад) муқаррар шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


1. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
2. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» аз 25 июли соли 2005, №107 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
3. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои ҶТ» аз 6 августи соли 2001, №30 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
4. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.10.2023).
5. Кодекси мурофиавии граждании ҶТ аз 05 январи соли 2008, №341 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
6. Кодекси тандурустии ҶТ аз 30 майи соли 2017, №1413 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008, №455 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
8. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998, №574 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
9. Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, №1658 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
10. Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 декабри соли 2009, №566 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
11. Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии ҶТ» аз 20 марти соли 2008, №362 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).

12. Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, №1808 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
13. Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
14. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
15. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011, №687 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
16. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Барномаи давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар ҶТ барои солҳои 2021-2030» аз 30 июни соли 2021, №265 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz (санаи мурочиат: 10.01.2023).
17. Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар ҶТ барои солҳои 2008-2015» аз 2 ноябри соли 2007, №543 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
18. Барномаи давлатии ҶТ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ барои солҳои 1996-1997, бо Фармони Президенти ҶТ аз 23 сентябри соли 1995, №341 тасдиқ гардидааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
